**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ**

**РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**САРМАРКАЗИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ТАШКИЛ КАРДАНИ СИСТЕМАИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ДАР СОҲАИ АЗНАВТАЙЁРКУНИИ ПЕДАГОГҲО, КАДРҲОИ РОҲБАР ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОНҲО**

**Барои тахассуси Филология**

**Аз рӯи модули**

# ТАМОЮЛОТИ ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР МУАСИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ

(Маҷмӯаи таълимӣ-услубӣ)

**Самарқанд - 2019**

Маҷмӯаи таълимӣ услубии модул дар дар иттиҳодияи мувофиқгардонии шӯрои таълимӣ-услубии Вазорати таълими Олӣ ва миёнаи махсус аз санаи 18 октябри соли 2019 дар асоси буйруғи № 5 маъқул карда шудааст ва мутобиқи нақша ва дастури таълимӣ таҳия карда шудааст.

**Тузувчилар:** **Ж.Ҳамроев- доктори фанҳои филологӣ, профессор**
**С.Х.Хӯҷақулов – номзоди фанҳои филолгӣ, доцент**.

**Тақризчилар: С.Саъдиев** –доктори фанҳои филолгӣ, профессор.
**Р.Абдуллоев-**педагогика фанлари номзоди, доцент

**Самарқанд - 2019**

МУНДАРИЖА

I. ИШЧИ ДАСТУРИ....6
II. МОДУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ....7
III. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТ УЧУН МАТЕРИАЛЛАР....16
IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТ УЧУН МАТЕРИАЛЛАР....57
V. КЕЙСЛАР БАНКИ....64
VI. ГЛОССАРИЙ....82
VII. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ....84

# I. ИШЧИ ДАСТУР

## *Муқаддима*

Дастури фанни **«Тамоюлоти ташаккули таълими забон ва адабиёти тоҷик дар муасисаҳои таълими олӣ»** ба муттахассисон равиш, усули омӯзиши мавзӯъҳои фанҳои тахассусиро дар назар дорад. Донишҳои аз маъруза, машғулотҳои амалию семинарӣ, гирифтаи устодон дар таълими фан мустаҳкам карда, такмил дода мешаванд. Таълими фанни махсус дар омӯзишгоҳҳои олӣ ба мутахассисони оянда ва омӯзгорони фанни забону адабиёт яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар асоси таълими фанни мазкур асосҳои назарии таълими забон ва адабиёти тоҷик, принсипҳои таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ, услубҳои анъанавӣ ва нав дар аоси тамоюлоти умумназарӣ ва таърихӣ ба инобат гирифта шудааст.

### *Мақсад ва вазифаи фанни таълимӣ*

Мақсади таълими фанни **«Тамоюлоти ташаккули таълими забон ва адабиёти тоҷик дар муасисаҳои таълими олӣ»** » ба муттахассисони соҳаи забон ва адабиёти тоҷик оиди усулҳо, роҳу равиши таълими забони модарӣ дар мактабҳои миёна маълумот додан аст.

Вазифаи фанни мазкур аз чунинҳо иборатанд: тавсифи тадқиқотҳои олимон роҷеъ ба мавзӯи методикаи таълими забон; принсипҳои асосии таълими забон ва адабиёти тоҷик, аз таърихи таълими забон ва адабиёти тоҷик дар мактабу мадорис, ҳангоми таълим ба вучуд овардани вазъиятҳои муаммой; таълими хелҳои дарс ва усули дарси проблемавӣ таълим дода мешавад; тарзи таълими мавзӯъҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ; такмил додани мулоҳизаҳои шахсии магистрон дар бобати амалӣ намуднаи донишҳои назарӣ.

### *Талаботи асосӣ мутобиқи фан ба дониш, маҳорат ва малакаи шунавандаҳои такмили ихтисос*

Дар заминаи баррасии методикаи таълими фанҳои махсус ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти магистрон ташаккули шахсияти баркамоли накӯахлоқи фасеҳбаёну соҳибсалиқа кӯмак расонидан; дар бораи хусусиятҳои хоси методикаи таълими фанҳои махсус, мақсад ва моҳияти он ва тарзи таълими мавзӯъҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ *ба тасаввуроти муайян соҳиб бошанд;*

- оиди роҳу равиши таълими фанҳои тахассусӣ дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва вазифаи асосии онҳо *маълумоти назарӣ дошта бошад*;
- донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, дар асоси таълими хелҳои дарс усули индуктивӣ ва дедуктивӣ ва усули дарси проблемавӣ *дар амал тадбиқ карда тавонанд;*
- дар бораи тавсири тадқиқотҳои олимон роҷеъ ба мавзӯи методикаи таълими фанҳои махсус ва таклил додани мулоҳизаҳои шахсии шунавандаҳои такмили ихтисос дар бобати амалӣ намудани донишҳои назарӣ *малака ҳосил намояд*;

- ҳангоми таълим аз технологияи нави педагогӣ: моделҳои нави таълим, тадбиқи методҳои наву ноанъанавӣ истифода кардан, ба вучуд овардани вазъиятҳои муаммовӣ оиди тарзи таълими дарси проблемавӣ ба *тачрибаи кофӣ соҳиб шудан*

**Алоқаи фанни мазкур бо фанҳои дигар ва пайдарҳамии он аз чиҳати услубӣ**

Фанни мазкур аз фанҳои асосии тахассусӣ буда, аз бисёр чиҳатҳо таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Методикаи таълими фанҳои махсус дар алоқамандӣ бо фанҳои педагогика, психология, методикаи таълими адабиёт, услубшиносӣ, адабиётшиносӣ, чамъиятшиносӣ, фалсафа, таърих тадрис мегардад. Он аз 7-8 чиҳат муҳокима гардида ба тасдиқи вазорат пешниҳод шудааст. Он аз рӯзи тасдиқшавии дастури таълимӣ ба амал чорӣ карда мешавад.

Дастури корӣ дар ҳолати тағйирёбии Стандарти давлатии таълим ва нақшаи таълим дигаргун карда мешавад.

**Таълиме, ки ба ташаккули шахс равона карда шудааст.** Ин шакли таълим барои ташаккули шахсияти тамоми иштирокчиёни чараёни таълим равона карда шудааст. Ин усул ҳангоми ба лоиҳа даровардани чараёни таълим, барои шаклгирии на танҳо фарди чудогона, балки барои инкишофи қобилияти тамоми магистрон дар асоси мақсадҳои муайяни чараёни таълим ба роҳ монда мешавад.

**Муносибати системавӣ ва мураттаб.** Ин сохтор тамоми унсурҳои технологияи таълимро дар худ бояд мучассам кунад, мантиқияти чараёни таълим, мураттабии тамоми қисматҳои он ва алоқаи байниҳамдигарии онҳо ва яклухтиву ягонагии он аст.

**Муносибате, ки ба фаолият равона карда шудааст.** Ба ташаккули тадричии шахс, таъмини фаолии таълимгиранда, дар чараёни хониш тамоми қобилият ва имкониятҳои ӯро, ташаббускориҳои ӯро ба инобат гирифтан.

**Муносибати диалогӣ.** Ин муносиба зарурияти муайян кардани хонишро нишон медиҳад, дар асоси он худро фаол кардани магистр, худро нишон дода тавонистани шахс ба таври эчодӣ афзуда мешавад.

**Ташкили ҳамкорӣ дар чараёни таълим.** Демократия, баробарӣ, дар ҳамкорӣ таҳлил кардани натичаҳои ба даст даровардашуда дар чараёни таълим, баҳо додан ба онҳо, дар ҳамкорӣ ва ҳамчоягӣ муаян кардани мақсад ва вазифаҳо, ҳукм ва хулосаҳои мантиқӣ баровarda тавонистан, дар якчоягӣ кор кардан аст.

**Таълим дар асоси гузориши муаммо.** Аз чумлаи методҳоест, ки маводи таълимиро ба тарзи муаммовӣ пешниҳод мекунанд. Дар асоси он дониш ва илму тафаккури илмии хонанда ба тарзи обективӣ ба муаммо ва ё вазъияти муаммоӣ зид гузошта мешавад ва фаолияти амалии магистр ба эътибор бояд гирифта шавад. Дар ин маврид тарзи андешаронии магистр, хулосаҳои ӯ, баҳодиҳии ӯ нисбати масъала чузъи муҳим аст.

**Усулҳои замонавии тақдим намудани ахборот ва маълумот. -** Истифодаи васоити нави технологияҳои таълим ва воситаҳои ттехникии нав дар ҷараёни таълим.

**Техникаи таълим ва равишҳои асосии он.** Маърўза, таълими муаммой, кейс-стади, пинборд, ҳуҷуми ақлӣ, парадокс, ба лойиҳа гирифтан, чархфалак, муҳокима, мулоқот, нақл, индукция, дедукция, сўҳбат, машғулоти амалӣ.

**Роҳ ва шаклҳои ташкили ҷараёни таълим.** Диалог, пилолог, мулоқот, ҳамкорӣ, дар гурўҳ.

**Воситаҳои омўзиш.** Шакл ва воситаҳои анъанавӣ ва ноанъанавии таълим, матни маърўзаҳо, китоби дарсӣ, васоити таълимӣ, материалҳои илюстративӣ, демонстрационӣ, воситаҳои техники нав.

**Усулҳои коммуникатсионӣ.** Мутаноисбияти методи омўзиш бо маводи таълим, бунёди алоқа ва муносибатҳои зиндаву баръакс дар ҷараёни таълим.

**Воситаҳои баръакси алоқа ва муносибат.** санҷиш, мушоҳида, саволу ҷавоб, луқма, блиц-пурсиш ва ғайраҳо.

**Восита ва усулҳои идора.** Сохтани харитаи технологии ҳар як мавзўъ ва муайян кардани мақсадҳои дарс, тайёрии психологӣ ба ҷараёни омўзиш, ба нақша гирифтани мавзўъ, назорати мунтазам ва идораи магистрон.

**Мониторинг ва баҳогузорӣ.** Дар ҷараёни машғулотҳои дарсӣ ва дар ҷараёни тамоми таълими фан дониш ва дараҷаву савияи дониши хонандагонро мунтазам назорат намудан, баҳо гузоштан, мушоҳида кардан, ба эътибор гирифтан. Дар поении курси мазкур дар асоси саволномаҳо (тест ва ё хаттӣ) дониши ҳосилкардаи магистрон ҷамъбаст карда мешавад ва ба онҳо баҳо гузошта мешавад.

### *Мазмун ва ҳаҷми соатҳои фанни мазкур*

***4.1. Ҳаҷми фан***

| *№* | *Навъи машғулотҳо* | *Соатҳо* |
|---|---|---|
| 1 | *Машғулоти назарӣ* | 4 |
| 2 | *Амалӣ* | 10 |
| 3 | *Кори мустақилона* | 2 |
| 4 | *Назоратҳо* | |

## II. МОДУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ

***Мазмуни мавзўъҳои машғулоти назарӣ ва ҳаҷми соатҳои он.***

**Мақсад ва вазифаҳои фанни «Тамоюлоти модернизатсияи чараёни таълим дар муассисаҳои олӣ»**

Объекти фанни мазкур, зарурати модернизатсияи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва принсипҳои асосии он, асосҳои назарии таълими фанҳои тахассусӣ. Маводи таълимӣ ва тамоюлоти ворид намудани инноватсияҳои таълим дар чараёни таълими забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар чараёни таълими олӣ. Функсия ва вазифа, моҳияти методикаи таълими забоншиносӣ ва методологияи адабиётшиносӣ. Тарзи тадбиқи ғояҳои инноватсионӣ дар дарсҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар  чараёни таълим. Чараёни таълим ва таълими сосҳаҳои мухталифи забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар макотиби олӣ. Мушкилот ва муаммоҳои замонавии илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ.

***Адабиёт:***

1.И.Хочаев. Методикаи мухтасари забони точикй, Душанбе, 1995
2.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
3.М.Қурбонов. Методикаи таълими забони точикй дар мактабҳои миёна, қисми I.. Душанбе, 1983;
4.Истамова М., Адашуллоева Методикаи таълими забони точикӣ (Дар асоси технологияи нави таълим). – Самарқанд, 2015;
5. Ишмухаммедов Р.Ж. Юлдашов М. Таълим ва тарбияда инноватсион педагогик технологиялар. - Тошкент: Ниҳол, 2013

**Мавзӯи 2. Тарз ва усулҳои замонавии таълиму таҳлили асари бадей дар мактабҳои олӣ ва мушкилоти он**

Омилҳои асосии таълим ва таҳлили асарҳои бадей. Тарзи омӯзиши таркиби асари бадей. Аз лиҳози забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ таҳлил намудани асари бадеӣ. Тарзи таҳлили лингвопоэтикӣ ва лингвостилистикӣ дар макотиби олӣ. Хониши асари бадей ва таҳлили он дар мактаб. Таҳлили асарҳои бадей дар гузашта ва аз назари имрӯз. Таҳлили психолингвистӣ, прагмалингвистӣ ва лексикӣ-семантикии асарҳои бадеӣ. Принсипҳои асосии омӯзиши асарҳои бадей. Тадбиқи принсипҳои таърихият, ягонагии мазмун ва шакли асар, принципҳои марифатй - тарбиявй, муқоисавй ва ба ҳисоб гирифтани робитаҳои адабй дар таҳлили асари бадей. Усулҳои омӯзиши асар дар мактаб (индукция ва дедукция) Методи сӯҳбат, маърӯза, нақл, тадқиқот, муқоиса дар таҳлили асари бадей. Таълими асар аз рӯи образҳо, сюжет, мавзӯъ ва мундаричаи ғоявй. Роҳҳои асосии таҳлили асари бадей дар мактаб. Таҳлил аз нуқтаи назари адиб. Таҳлил дар асоси таснифи образҳои асар. Таҳлил дар асоси масъалагузорй. Тарзи таълими асарҳои бадей аз рӯи жанр. Тарзи таҳлили асарҳои лирикй, эпикӣ ва драмавӣ. Муаммоҳои асосй дар таълими асарҳои лирикй. Ташаккули дониши назарии шогирдон ҳангоми таҳлили асарҳои лирикй дар синфҳои поёнй ва болой. Зинаҳои асосии таҳлили асарҳои лирикй дар синфҳои болой. Принципҳои асосии омӯзиши асарҳои лирикй дар синфҳои болой.

***Адабиёт:***

1. *Т. Миров, Қ. Хочаев, Ш. Исломов. Методикаи таълими адабиёти точик. Душанбе. Маориф, 1991. Саҳ. 5 - 14.*
2. *Давлат таълим стандарти. Тошканд. Маърифат. 1998, 13 май.*
3. *Ваҳобов А. Қозичонов М. Таълими адабиёт дар мактабҳо. Душанбе. Маориф, 1988.*
4. *4.Программаи мактабҳои миёна. Адабиёти точик. Душанбе. Маориф, 1987.*

1 *Таҳлили достони "Хусрав ва Ширин" – Низомии Ганчавӣ дар асоси таснифи образҳо.*

2 *Таҳлили асари "Гулистон" – Саъдӣ аз нуқтаи назари адиб. Таҳлил намудани қасидаи "Шикоят аз пирӣ" – и Рӯдакӣ дар асоси масъалагузорӣ.*

*Адабиёт:*

1. *Т. Миров Қ. Хочаев, Ш. Исломов. Методикаи таълими адабиёти точик. Душанбе. Маориф, 1991. Саҳ. 77 – 150.*
2. *Т. Мирзод. Таълиму таҳлили асарҳои лирикӣ . –Душанбе. Маориф. 1992.*
3. *Таҳлили достони "Хусрав ва Ширин" – Низомии Ганчавӣ дар асоси таснифи образҳо.*
4. *Таҳлили асари "Гулистон" – Саъдӣ аз нуқтаи назари адиб.*
5. *Таҳлил намудани қасидаи "Шикоят аз пирӣ" – и Рӯдакӣ дар асоси масъалагузорӣ.*

**Нақшаи тақвимии мавзӯъҳои назарӣ аз фанни методикаи таълими фанҳои махсус**

| № | Номгӯи мавзӯъҳо | со ат | муддати ичро | аломати ичро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақсад ва вазифаҳои фанни «Тамоюлоти модернизатсияи чараёни таълим дар муассисаҳои олӣ» | 2 | | | |
| 2 | Тарз ва усулҳои замонавии таълиму таҳлили асари бадей дар мактабҳои олӣ ва мушкилоти он | 2 | | | |
| **Чамъ: 4 соат** | | | | | |

**Мазмуни мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз фанни**
**Тамоилҳои шаклгирӣ ва ривочёбии методикаи таълими забон ва адабиёт дар муассисаҳои олӣ**

Шунавандагони такмили ихтисос дар машғулоти амалӣ бо роҳбарии устодон дониши назарии худро дар амал месанчанд, яъне малакаю маҳорати худро зимни баён ва ҳаллу фасли масъалаҳои методикаи таълими фанҳои махсус зина ба зина дониши назарии худро дар амал тадбиқ менамоянд. Самти асосии чараёни таълими дарсҳои амалӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар рафти машғулотҳо магистрон хусусиятҳои умумии методикаро чуқур аз худ намуда,

оиди вазифа ва аҳамияти он маълумоти саҳеҳ пайдо кунанд. Ба магистрон барои азхудкунии мавзӯоти машғулоти амалӣ аз ҷониби устодони кафедра васоити таълимии услубӣ, материалҳои ҷудогона пешниҳод карда мешавад.

Ягонагӣ ва пайвастагии доимии илми назарӣ- дониши назарӣ ва амалиёт шарти аввалиндарачаи донишандӯзӣ, вусъати чаҳонбинӣ, заковат ва равнақи камолоти маънавӣ аст. Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

**Зарурати омӯзиши муаммоҳои замонавии илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ**

**Адабиёт**:


1. Давлат таълим стандарти. Тошканд. Маърифат. 1998, 13 май.
2. Дастури таълими забони точикӣ. Тошкент, 2003,(барои синфҳои 5-9);
3. «Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
4. Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;
5. М.Қурбонов, З.Воҳидов, М.Исрофилов. Дарсҳои забони модарӣ дар синфи IX. Душанбе, 1992;


**Мушкилоти асосии илми адабиётшиносӣ ва таърихи таҳаввули он**

**Адабиёт**:


1.Дастури таълими забони точикӣ. Тошканд, 2003,(барои синфҳои 5-9);

2.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;

3.М.Истамова Методикаи таълими забони точикй. - Самарқанд, 2003;

4.М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои V-IX. - Самарқанд- 2006;

5.Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;


**Татбиқи методҳои нав ва усулҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълими илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ**

**Адабиёт**:


1.М.Қурбонов. Методикаи таълими забони точикй дар мактаби миёна. қисми1. -Душанбе, 1983. саҳ.

2.М.Истамова. Методикаи таълими забони точикй-Самарқанд, 2003;

3.С.Аслиддинов, С.Иброҳимов. Таҳлили забони модарй дар синфҳои IV-VIII (Дастури методй)- Самарқанд, 1987.

4.М. Исрофилов. Дарсҳои забони точикй дар синфи IX. -Душанбе, 1992;

5.Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий -ўқув методлари- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.

**Татбиқи васоити техникии нав дар чараёни таълими соҳаҳои мухталифи илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ**

**Адабиёт**:

1. Давлат таълим стандарти. Тошканд. Маърифат. 1998, 13 май.
2. Дастури таълими забони точикӣ. Тошканд, 2003,(барои синфҳои 5-9);
3. «Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
4. М.Истамова Методикаи таълими забони точикй. - Самарқанд, 2003;
5. М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои V-IX. - Самарқанд- 2006;
6. Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;

**Тадбиқи методҳои интерфаъол дар таълими фанҳои махсус**

**Адабиёт**:

1. М.Истамова Методикаи таълими забони точикй. - Самарқанд, 2003;
2. М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои V-IX. - Самарқанд- 2006;
3. Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;
4. С.Хўжақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Самарқанд. СамДУ, 2012,васоити таълимӣ-услубӣ.

**Воситаҳои аёнй ва хелҳои он. Тарзи созмони асбобҳои аёнй.**

**Адабиёт**:

1.Дастури таълими забони точикӣ. – Тошканд, 2003,(синфи 5-9);
2.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». – Тошкент, 1997;
3.М.Истамова Масъалаҳои муҳими таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои V-IX. – Самарқанд, 2006;
4. С.Хўжақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. – Самарқанд: СамДУ.–2012;(васоити таълимӣ-услубӣ)

**Дар асоси усули муаммоӣ гузаронидани дарсҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ**

**Адабиёт**:

1.«Кадрлар тайёрлаш миллий дастури». Тошкент, 1997;
2.Истамова М.,Адашуллоева Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;
3.С.Хўжақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Самарқанд. СамДУ, 2012;васоити таълимӣ-услубӣ.

**Нақшаи тақвимии мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз фанни Методикаи таълими фанҳои махсус**

| № | Номгӯи мавзӯъҳо | соат | муддати ичро | аломати ичро | эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Зарурати омӯзиши муаммоҳои замонавии илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ | 2 | | | |
| 2. | Мушкилоти асосии илми адабиётшиносӣ ва таърихи таҳаввули он. Тарзи таълими масъалаи мазкур. | 2 | | | |
| 3. | Татбиқи методҳои нав ва усулҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълими илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ. | 2 | | | |
| 4. | Татбиқи васоити техникии нав дар ҷараёни таълими соҳаҳои мухталифи илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ | 2 | | | |
| 5. | Дар асоси масъалагузорӣ ва усулҳои муаммоӣ гузаронидани дарсҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ. | 2 | | | |
| **Ҷамъ: 10 соат:** | | | | | |

**Тарзи ташкили корҳои мустақилонаи шунавандагони такмили ихтисос ва мазмуни онҳо**

Сари вақт ва пухта ичро намудани корҳои мустақилона талаботи ҷиддист, ки дар асоси он сатҳи дарсазхудкунӣ ва муваффақияти шунаванда муайян мегардад. Устод аз сифати иҷрои кори мустақилона фаҳмида метавонад, ки толиби илм вазифаи тавсияшударо ба кадом дараҷа аз худ кардааст. Дар ҷараёни иҷрои кори мустақилона ба инобат гирифтани шаклҳои зерини кор тавсия карда мешавад.

-дар асоси китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ боб ва мавзӯъҳои фанро аз худ кардан;

- дар асоси материалҳои иловагии пешниҳодшуда қисматҳои маърӯзаро аз худ намудан;
- аз рӯи адабиёти махсус дар болои қисмат ва мавзӯоти фан кор кардан;
- аз услуби таълиму тадриси фаъол ва проблемавӣ истифода бурдан;
- сохтани картотекаҳо аз рӯи адабиётҳои мавчуда.

**Вазифаҳои асосии кори мустақилона:**

- ❖ вусъат додани дониш ва амиқ гардондан онҳо;
- ❖ ташаккули фаъолияти эҷодии шунавандагон;
- ❖ фаро гирифтани услубҳои таълимгирӣ;

❖ фаҳмиш ва тафаккури мантиқиро инкишоф додан.

## Рӯйхати адабиёти асосӣ ва васоити таълимӣ


1. Кадрлар тайёрлаш миллий дастури «Баркамол авлод - Ўзбекистон тараккиётининг пойдевори». Тошкент, «Шарк», 1997.
2. Дастури таълими забон (барои синфҳои У-1Х) Тошкент: 2003
3. Давлат таълим стандарти. Маърифат. - Тошкент, 1998, 13 май.
4. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ,(Дар асоси технологияи нави таълим), Самарқанд, 2015;
5. М.Истамова. Методикаи таълили забони точикй. Самарқанд, 2003.
6. М.Истамова «Масъалаҳои муҳими таълими забони точикй дар синфҳои V-XIX» Самарқанд, 2006
7. М.Қурбонов, Д.Ҳўжаев, М.Исрофилов. Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфи 9. – Душанбе: «Маориф», 1992.
8. С.Ҳочиев. Масъалаҳои муҳими таълими забони модарй дар синфҳои 4-8. – Душанбе: нашриёти «Маориф», 1987.
9. С.Хўжақулов Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти точик. Самарқанд: СамДУ, 2007 (СамДУ Ziyo Net)
10. С.Хўжакулов Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. Самарқанд, СамДУ, 2012.
11. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий -ўқув методлари - Тошкент: 2004. Иккинчи бўлим.
12. Хочаев И. Методикаи мухтасари забони точики. Д.: Дониш, 1995.


### *Адабиёти иловагӣ*


1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент: “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.
3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.
4. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”-ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда
5. Шукуров М. Забони мо – хастии мо. Д.: Ирфон, 1994;
6. Ғаффуров Р. Нависанда ва забон. Д.: Дониш, 1977;
7. Ф.Морозова, Б.Зайнутдинова. Сборник упрожнения по орфографии и пунктуации. Д.: Маориф, 1987.

## Адабиёти электронӣ:


1. isbn.tj›books…t…zaboni-adabii-hozirai-tochik.html
2. lip.ucoz.com/index/khusravi_de_lav/0-51
3. omuzgor.mail.ru›load…tochiki/adabijoti_tochik…pdf…
4. www. ZiyoNet.uz
5. www. edu.uz

www. wikpedia.uz


## ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ МОДУЛ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРФАЪОЛ

Маҷмуаи таълимӣ барои такмил ва инкишофи ҷараёни таълим дар мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, амиқан омӯхтани фанҳои тахассусӣ, ташаккули таҷриба ва малакаи эҷодии толибилмон, тайёр намудани мутахассисон ва ходимони илмӣ ва таъмини самаранокии таълими ҳамагонӣ арзишманд хоҳад буд.

Дастури таълимии «Методикаи таълими адабиёт» ба тадриси масъалаҳои назарии нисбатан осони илми адабиёт бахшида шудааст. Дар ҷараёни таълим ба хусусиятҳои умумии адабиёти бадеӣ, масъалаҳои ягонагии шаклу мазмун, образ ва образнокӣ забони асари бадеӣ, санъатҳои сухан, ҷинсу жанрҳои адабӣ ва дигарҳо эҳтибори ҷудогона дода шудааст. Инчунин дар ҷараёни таълими фан ба дараҷаи омӯзиши он аз ҷониби олимони тоҷик, дохил шудани масъалаҳои зарурии ин фан дар барномаҳои таълимии адабиёти мактабҳои тоҷикӣ дар назар дошта мешавад.

Адабиёт мактаби одамият аст. Маънавиёти баланд дар ҳаёт ба воситаи адабиёт ва донистани қонуниятҳои назарии он ба даст меояд. Аз ин рӯ, таълими ин фан донишҷӯро водор менамояд, ки дар асоси баррасии масъалаҳои назарии адабй асарҳои ҷудогонаро дуруст таҳлил намояд, ба масъалаҳои эҷоди бадей, аз қабили маҳорат, бадеият дуруст сарфаҳм равад, арзиши ғоявию бадеии асари бадей ва бо ин роҳ ҳунари эҷодии суханварро дуруст муайян кунад. Дар дарсҳои анъанавӣ, ки муаллим дар маркази диққат аст, асосан методҳои зерин истифода бурда мешавад. ***Методи даҳонӣ - шифоҳии таълим*** (маърӯза, нақл, сӯҳбат, қироат, ҳикоя ва ғ.) роҳи аз ҳама соддаи мулоқоти инсон аст. Ин услуб дар таълим ҳангоми баёни таъриф ё худ дар баёни шифоҳии мазмуни мухтасар ва мавзӯи мушаххаси мавзӯи дарс истифода бурда мешавад. Методи мазкур дар давоми 40 дақиқа ва ё зиёда аз он баргузор мегардад ва дар ҷараёни дарс иштироки хонандагонро маҳдуд мегардонад. Дар ин метод танҳо қобилияти шунавоии хонандагон ташаккул меёбад.

**Истифодаи васоити тасвирӣ-илюстративӣ** ҳангоми таълим. Тавассути ин метод маълумот ба тарзи тасвирӣ ва ё ба воситаи символҳо,

аломатҳо, фигураҳо расонида мешавад. Он ба воситаи тахта, тахтаи махсуси сафед, флипчарт, тасвири видеопроектор, кодоскоп, графикҳои компютерӣ, тахтаи магнитӣ, суратҳо, расмҳои ранга, ҷадвалҳо, диограммаҳо амалӣ мегардад.

**Тарзи намоишдиҳӣ - демонстрация.** Муаллим тавассути ҳаракат ва дар асоси истифодаи асбобҳои махсус, предмет ё дигар васоитҳо вобаста ба маводи таълим дарси намоишӣ мегузаронад. Дар он қобилияти бинои хонанда такмил дода мешавад.

Методҳои анъанавии таълим – методҳои шифоҳӣ

Маърӯза аз ҷумлаи методҳои шифоҳӣ буда, сохт ва структураи муайян дорад ва дар асоси фикрҳои амиқу дақиқ, мулоҳизоти бодалелу асоснок, дар асоси нутқи равону фасеҳ ва фаҳмо амалӣ гардида, характери дастурдиҳӣ, раҳнамоӣ, раҳнамунӣ ва тарбиявию таълимиро соҳиб аст.

Сӯҳбат гуфтугӯи ҷоннок ва зиндаи таълимдиҳанда ва таълимгиранда дар дарси адабиёт бобати масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва паҳлӯҳои гуногуни осори бадеӣ сӯҳбат аст ва асосу ҷавҳари онро саволу ҷавоб ташкил менамояд.

Нақл аз ҷумлаи методҳои шифоҳӣ буда, мазмуни мухтасар ва ё муфассали асари бадеиро дар асоси мураттабии фикр ва ифоданок баён кардан аст. Нақл аз рӯи шакл ва ҳаҷм ду навъ дорад: нақли мухтасар ва нақли муфассал.

Қироат хониши ифоданок ва бадеию оҳангноки порчаи муайяни асари бадеӣ ба тариқи эмотсионалӣ дар асоси фаҳмиши моҳияту мазмуни амиқи асар қироат ва ё тиловати асари бадеӣ ном дорад.

Маърӯза методе мебошад, ки дар таълими асарҳои бадеӣ асосан дар синфҳои болоӣ истифода мешавад. Аксари муаллимони адабиёт онро бештар дар мавридҳое истифода мебаранд, ки агар маводи таълимӣ дар китоби дарсӣ набошад. Дар ин сурат онҳо дар асоси маърӯза ба хонандагон конспект медиҳанд.

Машғулоти амалӣ. Муаллим ҳангоми ташаккул додани маҳорат ва малакаи шогирдон ва барои дар амал татбиқ намудани дониши назарии хонандагон аз методи мазкур истифода мебарад. Методи мазкур бинобар аз доираи фардӣ расмӣ-анъанавӣ баромадан истифода бурда мешавад.

Методи “баҳсу мунозир а”. Гурӯҳи хонандагонро ба ду ва ё зиёда қисмҳо тақсим намуда, дар асоси ягон мавзӯъ ва ё масъала баҳсу мунозира ва ё радду бадали фикру мулоҳиза ташкил намудан мумкин аст. Масъала бояд тавре гузориш ёбад, ки дар он нуктаи муноқишавӣ ва баҳспазир мавҷуд бошад. Методи тадқиқот Нуктаи баландтарини азхудкунӣ буда, аз рӯи фанни адабиёт ҳангоми омӯхтани курси таърихи адабиёт, дар синфҳои болоӣ истифода бурдан мумкин аст. Методи мазкурро муаллим мувофиқи хоҳиши худ, дар баррасии ягон муаммо ва ё мушкилоти хурде, ки ҳоло омӯхта нашудааст ва хонандагон имконият ва қобилияти дар ин бобат тадқиқот бурдан доранд. Бозиҳои саҳнавӣ. Иҷрои роли

муайян дар ҷараёни дарс. Ин услуб аз намунаи методҳоест, ки дар он ба ҷои материали матнӣ саҳнаи муайяни ҳаётӣ дар асоси мавзӯи дарс иҷро карда мешавад. Методи мазкур аз методҳои асосии дарси моделизацияшуда аст. Методи “лоиҳа” Методи мазкур барои муайян кардани арзиши донишу маҳорат, дараҷаи илмнокӣ ва дараҷаи азхудкунии хонандагон истифода бурда мешавад. Муаллим дар ин метод ҳангоми ба лоиҳа гирифтани мавзӯъ ё ҳалли мушкилот, танзими нақшаи мавзӯъ, таҳлилу муҳокимаи он, баҳогузорӣ ба амалиёти хонанда иштирок мекунад. Методи мазкур ҳангоми таҳлили осори бадей, тарҳи нақшаҳои муайян аз рӯи асари бадеии мутолиашаванда, таҳлили асари бадей аз ҷиҳати сужети муайян, таҳлили асари бадей тибқи образҳо, таълим ва таҳлили асарҳои драмавй метавонад истифода барад. Методи омӯзиши мустақи-лона. Методи мазкур барои такмилу ташаккули қобилияти мустақилона ва барои ба тарзи фардй аз бар намудани маводи таълимӣ, барои такмили малакаи бо китоби дарсӣ сару кор кардани хонанда истифода бурда мешавад. Ҳар як хонанда ба тарзи алоҳида ёки умумӣ фаъолият менамояд. Муаллим ба амалиёт ва фаъолияти хонандагон дахолат накарда аз берун дар асоси бунёди муносибати акс онҳоро роҳнамун месозад ва ба онҳо дастурҳои муайян медиҳад. «Пинборд» Пинборд калимаи англисӣ буда, «pin» – мустаҳкам намудан, «board» – тахтаи синф аст. Методи мазкур шакли хаттии методи «ҳуҷуми ақлӣ» буда, бобати масъалаи муаммоӣ фикр ва мулоҳизоти хонандагон дар коғазҳои хурд нависонда мешавад ва онҳо дар тахтаи синф часпонида мешаванд. Баъд аз ин як-як ҷавобҳо хонда вобаста ба дараҷаи дурустӣ ва нодурустиашон пай дар пай ҷойгир карда мешаванд. Методи мазкур барои инкишофи қобилияти муҳокимаронӣ, такмили ҳисси биноии хонандагон муҳим аст. Тренинг Дар асоси дониши хонандаи фард ё гурӯҳи хонандагон ба роҳ мондани ҷараёни таълим. – Дар асоси ин услуб хонандагон аз рӯи мавзӯи муайян ё муаммову масъалаи маълум бо ҳамдигар ахборот медиҳанд, радду бадали фикр менамоянд ва донишу илми худро тавассути ахбороти мадиду кӯтоҳ бо дигарон ба ҳам мебинанд. Бо луғат кор кардан (диктант) Шакли назорати ҷории муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон аст. Одатан дар муддати мадид (кӯтоҳ) гузаронида мешавад. Ин навъи машғулот бо мақсади муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон бобати мафҳумҳо, истилоҳот ва шарҳу тавзеҳи нуктаҳову луғатҳо арзиши хос дорад. *Конференция* – як навъи назорати марравӣ буда, асосан, дар давоми чорякҳо ё худ дар давоми соли хониш бамаврид гузаронида мешавад. Конференцияро дар асоси фаъолияти мустақилонаи хонандагон вобаста ба мавзӯъҳои алоҳида аз фанни адабтёт гузаронидан мумкин аст. Ташкили конференсияҳо аз муаллими фан эътибори махсусро тақозо менамояд„ зеро ҳар як анҷумани илмӣ мақсад ва мароми муайян бояд дошта бошад. Чархфалак. Дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, дар ҷамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад.

Референдум Дар давоми дарс муаллим вазъияти баҳснокро ба вуҷуд меоварад ва онро идора менамояд. Дар ин шакли дарс фикру мулоҳизоти баҳспазири тарафҳоро ба овоз мондан, бобати ҳар як фикри манзургашта муқобилҳо, тарафдорон ва бетарафҳоро муайян кардан, шунидани далелу фикрҳо ва фактҳои тарафҳо, боз ба овоз мондани ҷавобҳо ва хулоса намудани мавзӯъ ва масъала ҷузъи муҳим аст.

Мулоқоти ҷуфт Бобати мавзӯъҳои ҷудогона ба ҳамдигар мулоқот кунонидани хонандагони ҳамнишин ва шунидани баъзе фикру мулоҳизоти онҳо аст. Дар ин метод муҳокимаи тарафайн ва рангорангии фикри ду хонанда, рақобат ва дар айни замон мусобиқаи донишомӯзиро падид меорад. Чархфалак. Дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо ҷамоа кор карданро меомӯзанд, дар ҷамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад.

«Ҳуҷуми ақлӣ» Методи «ҳуҷуми ақлӣ» бо мақсади ташаккули тафаккури эҷодӣ, мантиқӣ, ва илмии хонандагон барои дар гурӯҳҳо ҳал кардани масъалаи эҷодӣ, нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ, интихоби саҳеҳтарин ва муҳимтарин роҳи ҳалли муаммо ва мушкилот, масъалаи ҷудогонаи эҷодӣ – илмӣ ва падид овардани ғояҳо, фаразҳо, тахминҳо, гипотезаҳо, дар бораи мавзӯи мавриди назар истифода бурда мешавад.

# III. МАТЕРИАЛҲОИ НАЗАРӢ

## *Мавзӯи 1.* ТАРЗИ ТАЪЛИМИ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ ДАР МАКТАБ

**Нуктаҳои асосӣ:**

1. ***Мавзӯъҳои назарияи адабиёт ва мушаххасоти таълими онҳо.***
2. ***Масоили асосии назарӣ дар мактаб ва тарзи таълими онҳо.***
3. ***Тамоюлоти асосии таълими мавзӯъҳои назарияи адабтёт дар синфҳои поёнӣ.***
4. ***Тарзи таълими адабтёт дар синфҳои болой ва мушаххасоти он.***

### Фикрҳои муқаддимавӣ

Назарияи адабиёт ҳамчун мафҳум қонуниятҳои назарй ва категорияҳои муҳимтарину умумии фанни адабиёт аст. Дар мактаби миёна ҳаматарафа омӯхтани қонунҳо, чараёну сабкҳои адабӣ, сохту таркиб, банду баст, забон, тарзи баёни асарҳои бадеӣ, метод ва услуби эчодӣ, хусусиятҳои жанр, чинсҳои адабӣ ва сабкҳои адабӣ аз масъалаҳои муҳимтарини таълими адабиёт аст. Бояд зикр карда гузашт, ки курси назарияи адабиёт аз чиҳати сохту таркиби худ хеле мураккаб ва рангин аст. Дар мактаби миёна вобаста ба доираи фаҳмиши хонандагон, малака ва чаҳонбинии онҳо, инчунин хусусияти синнусолии онҳо қисми муайяни масъалаҳои назарияи адабиёт таълим дода мешавад ва он ҳамчун муқаддимаи илми адабтётшиносӣ аҳамияти ба худ хосро молик аст. Аз лиҳози мазмун ва моҳияташон дар асоси дастури таълимӣ мавзӯъҳои назарияи адабиёт ба ду гурӯҳ тақсим карда шудааст. Яъне, зинаи аввал – соддатар, ва зинаи дуюм мураккаб. Таълими курси назарияи адабиёт аллакай аз синфи V оғоз мегардад.

**Мундарича ва ё масъалаҳои асосии назарияи адабиёт дар синфҳои поёнӣ**

**Жанр ва намудҳои адабӣ** Жанрҳои эпикӣ: афсона, латифа, ҳикоя, қисса, ривоят, матал, чистон, зарбулмасал, мақол, порчаҳо аз достонҳои эпикӣ. Жанрҳои лирикӣ: шеърҳои бачагона, суруд, дубайтӣ, қитъа, достон, рубой, порчаҳо аз маснавӣ, намунаи шеърҳои озод ва сафед, ғазалҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ.

**Вазн,** вазни арӯз, вазни ҳичо, қофия, байт, мисраъ, радиф, матлаъ, мақтаъ, баҳр, рукн ва ғайраҳо

**Санъатҳои бадеӣ ва лавозимоти шеър** Ташбеҳ, муболиға, мачоз, рамз, киноя, истиора, тазод, тачнис, пейзаж, талмеҳ, ташхис ва ғайраҳо

**Образ ва характер** Персонаж, қаҳрамон, қаҳра-мони асосӣ, қаҳрамони дуюмдарача, қаҳрамони эпикӣ, қаҳрамони лирикӣ, образ, образи асосӣ, образи дуюмдарача, образнокӣ Характер, характеристика, характери типӣ, оюрази типӣ, хусусият, характерҳои фардӣ, прототип, симо ва хусусияти қаҳрамон, симои зоҳирӣ, симои ботинӣ ва ғайра

Муаллими фан мувофиқи дастури таълимӣ хонандагонро бояд бо мавзӯъҳои назарии суруд ва хелҳои он, чистон, афсона, муболиға, сужети

асари бадеӣ, ғояи асари бадеӣ, маҷоз, тамсил, мафҳуми назм ва наср, вазни ҳиҷо ва арӯз, қофия ва радиф, портрети асари бадеӣ, характери бадеӣ ва ғайра шинос намояд. Муаллими фанро лозим аст, ки на фақат дар вақти таълими мавзӯъҳои назарияи адабиёт, балки дар ҷараёни таҳлили ҳар як асари бадеӣ ин ё он масъалаи назарии адабиётро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Масалан, дар аснои таълими афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» дар синфи V муаллим метавонад ба масъалаҳои қаҳрамони асосии асари бадеӣ ва персонажҳои он, манзараи табиат - пейзаж, диалогҳо, портрети асари бадеӣ низ ишораҳо карда, онҳоро тадриҷан шарҳ диҳад. Дар вақти омӯхтани асари бадеӣ ба ду ҷиҳати масъала эътибор додан лозим аст: якум: дар қалбу шуури хонандагон бедор карда тавонистани ҳиссиёти баланд; дуюм: инкишоф додани ҷаҳонбинӣ ва тафаккури назарию мантиқии хонанда.

**Тамоюлоти таълими масъалаҳои асосии назарияи адабиёт дар мактаб:** Дар мактаби миёна масъалаҳои асосии назарияи адабиёт дар асоси тамоюл-принсипи аз сода ба мураккаб гузаштан ва таърихию хронологӣ – пайдарҳамӣ инчунин дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои психологии хонандагон зина ба зина бояд таълим дода шавад. Дар ин замина ба инобат гирифтани дараҷаи донишқабулкунии хонандагон ва малакаи назарияро дар амал тадбиқ карда тавонистани онҳо низ аз ҷиҳатҳои муҳим аст.

Зина ба зина омӯзиши масъалаҳои назарияи адабиётро метавон дар асоси диаграммаи зерин шарҳ дод:

- Синфи 5.Жанрҳои хурд, образ ва қаҳрамони асари бадеӣ, навъҳои санъатҳои бадеӣ, характер ва ғайраҳо
- Синфи 6. Образи бадеӣ, характер ва характеристика, пейзаж, санъатҳои бадеӣ ва навъҳои он, хусусияти жанрҳои хурди эпикӣ ва лирикӣ, вазни шеър ва навъҳои асосии он қаҳрамони аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа
- Синфи 7. Образи типӣ ва типикунонӣ, жапнрҳои хурди эпикӣ
- ва хусусиятҳои асоси и онҳо, забони асари бадеӣ ва
- услуби нигориш, системаи жанрҳои лирикӣ ва эпикӣ, образ
- ва образнокӣ дар асари бадеӣ.
- Синфи 8. Таснифоти жанрҳои адабӣ, хусусиятҳои асосии жанрҳои лирикӣ
- ва эпикӣ, жанри драма ва навъҳои он, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ
- ва фарқҳои асосии он, услуби нигоришим эҷодкор, забони нависанда,
- ва забони қаҳрамони асари бадеӣ,
- Синфи 9. Хусусиятҳои муҳимтарини жанрҳои адабӣ, сабкҳои нигориш, методҳои эҷоди бадеӣ, услубҳои эҷоди бадеӣ, ҷараёнҳои адабӣ, мактабҳои адабӣ, вазни арӯз ва хусусиятҳои муҳимтарини он, системаи жанрҳои эпикӣ ва лирикӣ, ҷиҳатҳои фарққунандаи онҳо.

**Омӯзиши масъалаи образҳои бадеӣ**

Дар масъалаи таҳлили образ (дар синфҳои (У-УП) бояд хонанда фарқ ва тафовути образҳои бадеиро, мухолифати байни образҳои манфӣ ва мусбатро дарк карда тавонад. Дар маркази таҳлили образ мавҷудии симои инсонро муаллим набояд аз хотир фаромӯш кунад. Ҳангоми таҳлили ҳар як образ ва персонажҳо бояд муаллим ба масъалаҳои қаҳрамони асари бадеӣ, персонаж, образи бадеӣ, образи типӣ, характери фардӣ, прототип ва ғайраҳо таваққуф кунад. Дар дарси адабиёт ҳангоми таҳлили образҳои бадеӣ муаллим бояд ба он эътибори ҷиддӣ диҳад, ки хонандагон дар мавриди таҳлили образи муайяне ба сиришти худ, табиату фитрати худ низ сарфаҳм раванд, ҳиссиёти худро таҳлил намоянд, хешро бишносанд. Зеро мақсад аз таҳлили образҳо моҳиятан худшиносӣ ва хештаншиносиву худогоҳӣ аст. Дар айни замон ин ҷиҳат имкон медиҳад, ки таълим бо тарбия алоқаманд гардад, талаба бо роҳи хештаншиносӣ дарояд, рафтору гуфтор ва кирдору пиндори худро таҳлил намояд, яъне на танҳо дониш андӯзад, балки дорои фазилату сифатҳои неки инсонӣ гардад.

Ин масъала ҷиҳати дигаре низ дорад, ки барои хонанда дар ҳаёти шахсӣ роҳ ба фаъолияти мустақил, озодии фикр, хислату андешаҳои фардиро мекушояд ва ҳамчунин дар роҳи андӯхтани таҷрибаҳои ҳаётӣ аз тақлидҳову пайравиҳои кӯр-кӯрона раҳо месозад. ***Ба муаллим лозим аст, ки ҳангоми таълими мавзӯъҳои назарияи адабиёт дар синфҳои боло алоқамандӣ, пайвастагию вобастагии мавзӯъҳоро ба эътибор гирад.***

Масалан дар пайвастагӣ омӯхтани масъалаи ҳаҷв ва ҳаҷвнигорӣ бо ҳаёт ва фаъолияти Убайди Зоконӣ, осору аҳволи Мушфиқӣ ва Абдулқодирхоҷаи Савдо, дар масъалаи баррасии хусусиятҳои композитсионии ғазал дар робита бо осори Саъдӣ Ҳофиз, Камол, Амр Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ ва ғайра масъалаҳои мухталифи назарии адабиётро ҳаллу фасл намояд. Дар курси таърихи адабиёт мавзӯъҳои назариявӣ характери умумӣ доранд. Инчунин, онҳо бо мавзӯъҳои асосӣ ҳамбастагии қавӣ доранд. Такрори материалҳои гузашта ва дар мавриди зарурӣ алоқаманд намудани он ба мавзӯи нав яке аз шартҳои асосии таълим ҳисоб меёбад, ки ин услубро низ бояд дар ҷараёни таълими мавзӯъҳои назарияи адабиёт муаллим ба кор барад.

Масалан, дар ҷараёни таълими «Ёддоштҳо»-и Восифӣ ба хотир овардани порчаҳои (маводи синфҳои поён) ёддоштӣ аз «Субҳи ҷавонии мо», «Сафарнома»-и Носири Хисрав ва ғайра зарур ва шарт аст.

Бояд зикр карда гузашт, ки дар синфҳои поёнӣ дар асоси дастури таълимии нави адабиёт мавзӯъҳои назарии адабиёт, мувофиқи салоҳдиди муаллифон нодуруст ҷо ба ҷо гузошта шудааст. Аз ҷумла, ҷудо гаштани соатҳои муайян барои таълими мавзӯи назарии «Сохти шеъри тоҷикӣ-форсӣ» дар синфи 6-ум бемаврид аст. Зеро хонандагони синфи мазкур қобилияти қабул кардани маводи мазкурро бо тамоми паҳлӯҳо надоранд. Масоили назарияи адабиёт аз назари мо бояд дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии талаба ва дар асоси принсипи аз сода

ба мураккаб гузаштан зина ба зина таълим дода шавад. Курси таърихи адабиёт яке аз қисматҳои асоситарин ва мукаммалтарини таълими адабиёт дар мактаб аст. Мавзӯъҳо аз фанни адабиёт дар мактаб аз рӯи характер ва хусусияташон ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд.

1. *Мавзӯъҳои обзорӣ*
2. *Мавзӯъҳои монографӣ (алоҳида).*

Таҳлил ва тадқиқи мавзӯъҳои обзорӣ аз ин рӯ аз омӯзгор масъулияти калонеро тақозо менамояд, зеро мавриди баррасӣ қарор гирифтани мавзӯъҳои обзорӣ маънои онро дорад, ки хонандагон бояд ба масъалаҳои мухталиф сарфаҳм рафта, бобати ҷараёнҳо, равияҳо, мактабҳои адабӣ, услуби эҷодӣ, масъалаҳои дигари илмӣ-маданиро вобаста ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ҳодисаҳои таърихии ҳамон давр дар муштаракӣ дарк карда тавонанд.

**Мавзўъњои обзорї характери умумї дошта, ќариб тамоми масъалањои амалї – назарї, сиёсї, иќтисодї, иљтимої, маданї, адабї, масъалањои муњимтарини љараёни адабї, методњои эљоди бадеї, мактабњои адабї, равияњои адабї, фарќият ва тафовутњои муњимтарини марњила ва даврањои ташаккули таърихи адабиёти форсу тољик, сабкњои адабї ва назариявии адабиётро дарбар мегиранд.**

Дар асоси маводи китоби дарсӣ муаллим дар таҳлили мавзӯъҳои обзорӣ танҳо ба ҳамон ҷиҳати масъала эътибор медиҳад, ки дар дастури таълимӣ ба он аҳамияти махсус дода шудааст. Масалан, вақте ки мавзӯи обзорӣ ба «Адабиёти асри XV-XVI» бахшида шудааст, диққати асосии муаллим дар ҷараёни шарҳи дарс ба масъалаҳои зерин бояд нигаронида шавад: «Ҳаёти маданӣ ва адабӣ дар асрҳои XV-XVI дар Мовароуннаҳр», «Равияҳои асосӣ ва мавзӯъҳои асосии адабиёти ин асрҳо», «Мактаби адабии Ҷомӣ», «Таълимоти нақшбандия ва инъикоси ғояҳои он дар адабиёти ин давр», «Хусусиятҳои услубӣ дар шеър ва насри адабии ин давр», «Идомаи анъанаи ғазалофарӣ дар адабиёт», «Масъалаи зуллисонайнӣ дар эҷоди бадеӣ» ва ғайра. Ба тариқи ҷузъ-ҷузъ ҳаллу фасл намудан ва мавриди муҳокима қарор додани масъалаҳои мухталифи мавзӯъҳои обзорӣ аз назари мо судбахштарин роҳи таълими ин гуна мавзӯъ аст. Аз ин мавқеъ, муаллими фанро лозим аст, ки дар бораи ҳар як масъала вобаста ба ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию мадании мардум ҳарф занад. Хусусияти  дигари мавзӯъҳои обзорӣ дар он аст, ки якбора адабиёти ду ва зиёда асрҳо як мавзӯи обзориро ташкил дода метавонанд. Як ҷиҳат хеле муҳим аст, ки агар хонандагон моҳият ва мазмуни асосии мавзӯъҳои обзорро

ба дараҷаи максималӣ мушаххас аз худ кунанд, имконияти дарки мавзӯъҳои монографӣ барои онҳо фарохтар мегардад. Зеро мавзӯъҳои монографӣ инкишоф ва ё тафсили ҷудогона ва алоҳида ҳамчунин идомаи мантиқии мавзӯъҳои обзорӣ буда, бо ҳаёту эҷодиёти адибони алоҳида ё масъалаҳои яклухти назарияи адабиёт, таҳлили асари бадеӣ ва ғайра бахшида мешаванд.

**Ҳангоми ба давраҳо тақсим намудани тарихи адабиёт асосан хусусиятҳои зерини мавзӯъҳо ба назар гирифта мешавад:**

**а). Њаёти сиёсї, иќтисодї, иљтимої, маданї, фарњангї ва адабї;**
**б). Мактаб ва равияњои адабї;**
**в). Сабкњои адабї;**
**г). Ташаккули жанрњо ва тањаввули онњо.**
**д). Обзори рўзгор ва осори баъзе вакилони адабиёти давраи мавриди назар.**
**е). Мазмун мундариљаи ѓоявї, мавзўъњои асосї ва моњияти осори адибони пешќадами давр.**

Мавзӯъҳои обзорӣ бештар хусусияти умумӣ доранд. Аз ин хотир, дар таълими онҳо аз омӯзгор маҳорат, малака, таҷриба, алалхусус, дониши амиқ талаб карда мешавад. Дар ин маврид таърихдони зукко будани муаллими адабиёт лозим аст. Муаллим бояд дар таълими мавзӯъҳои обзорӣ аз рӯи принсипи **«аз умумӣ ба хусусӣ»** гузаштан ва **«аз мураккаб ба содда»** гузаштан истифода барад. Ҳангоми шарҳи мавзӯоти обзорӣ муаллим метавонад аз воситаҳои айёнӣ низ истифода барад. Аз ҷумла, харитаҳои ҷуғрофии табиӣ, материалҳои илюстративӣ аз рӯи китобҳои таърихӣ ва ғайра.

Ба соатҳо тақсим кардани мавзӯъҳои обзорӣ роҳи дурусту самарабахш аст. Масалан, дар дастури таълимӣ дар синфи VII мавзӯи «Адабиёти қадим» ба тариқи обзорӣ дода шудааст ва барои таълими он 4 соат ҷудо гардидааст. Муаллим бояд дар давоми 4 соат тамоми хусусиятҳои адабиёти давраи қадимаи форсу тоҷикро кушода диҳад. Муаллим метавонад бобати шаклҳои шифоҳии адабиёти ин давр, ҳикоят, ривоят, афсона ва асотирҳои қадима, намунаҳои адабиёти хаттии қадим; «Авесто», «Ёдгории Зарирон», «Ардивирафнома», «Дарахти ассурик», «Андарзномаи Бузургмехр» сухан ронад.

Ҳамин тариқа, таълими дурусти мавзӯъҳои обзорӣ дар мактаб аз рӯи фанни адабиёт, барои таълими мавзӯъҳои монографӣ шароити мувофиқ фароҳам меорад.

***Савол ва супоришот:***

***1. Мазмун, моҳият ва хусусиятҳои асосии мавзӯъҳои обзорӣ.***

***2. Мавзӯъҳои обзорӣ ва тарзи таълими онҳо дар мактаб.***

***3. Махсусиятҳои таълими мавзӯъҳои обзорӣ дар синфҳои болой.***

***4. Мавқеъ ва арзиши мавзӯъҳои обзорӣ дар омӯзиши курси таърихи адабиёт.***

***5. Тафовути мавзӯъҳои обзорӣ аз мавзӯъҳои монографӣ.***

***6. Аҳамияти мавзӯъҳои обзорӣ ҳангоми таълими мавзӯъҳои монографӣ.***

***7. Роҳ ва усулҳои асосии таълим ва тадриси мавзӯъҳои обзорӣ.***

***8. Мушкилои таълими мавзӯъҳои обзорӣ дар макабҳои миёна.***

***9. Танзими нақшаи дарси яксоата дар асоси мавзӯи «Адабиёти асрҳои XIV- XV форсу тоҷик».***

## Мавзӯи 2. РОҲУ РАВИШ ВА ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ТАЪЛИМ ВА ТАҲЛИЛИ ОСОРИ БАДЕӢ

**Нуктаҳои асосӣ:**

1. ***Асари бадеӣ ва тарзи дурусти таълими он.***
2. ***Аз таърихи таълими осори бадеӣва ҳунарӣ дар мактабу мадорис.***
3. ***Методҳои таълим ва таҳлили осори бадеӣ.***
4. ***Принсипҳои асосии таҳлили осори бадеӣ.***

***Мақсади асосии машғулот:*** Муайян кардани роҳҳои самарабахштарини таълим ва таҳлили асраҳои бадеӣ, мавриди баррасӣ қарор додани тамоюлоти таълими асраҳои бадеӣ ва кушода додани моҳият ва нуктаҳои асосии он. Роҳ ва равишҳои махсуси таълими асраҳои бадеӣ ва мазмуну моҳияти онҳо. Методҳои анъанавии таълими асраҳои бадеӣ ва арзиши онҳо дар ҷараёни таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ. Методҳои ноанъанавӣ ва нави таълими асраҳои бадеӣ. ***Натиҷаи ҷараёни таълим:*** Дарк намудани моҳияти асосии методҳои таълими асарҳои бадеӣ дар мактаб ва муайян кардани хусусиятҳои муҳимтарини онҳо, дар амал тадбиқ карда тавонистани методҳои таълими асарҳои бадеӣ. Муҳокимаи таълими методҳои анъанавӣ ва ноанъанавии таълими асарҳои бадеӣ ва нишон додани арзиши онҳо дар ҷараёни таълим. Мушкилоти истифодаи методҳои таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ дар мактабҳои миёна.

Усул ё худ методи таълим тарзу тариқи фаъолияти муаллим ва хонанда аст. Омӯзгор тавассути тарзу усулҳои гуногун фаъолияти хонандагонро ифода мекунад. Дар дидактика исбот гардидааст, ки метод ва усулҳои махсус асоси донишҳосилкунии хонандаву фаъолияти омӯзгор аст. Дар омӯзиши асари

бадеӣ низ аз ҳамин нуқтаи назар роҳ ва усулҳои махсус истифода мегардад. Дар методикаи таълими адабиёт ҳини омӯзиши осори адабӣ маҷмӯи методҳои муайян тасниф нагардидааст, аммо меъёри истифодабарии роҳ ва усулҳои омӯзиши асари бадеӣ то дараҷае муайян шудааст. То ибтидои асри XX дар омӯзиши асарҳои бадеӣ аз усулҳои хониши ифоданок, қироат, аз ёд кардан, шарҳу тафсири матн ва тиловат (бо оҳанг хондан) истифода бурда мешуд.

Донистани методи махсуси омӯзиш барои он зарур аст, ки муаллим бояд, ҳангоми омӯхтани асари бадеӣ пешакӣ объекти асосии таълимиро муайян кунад. Дар ҳамин ҳолат сатҳ ва дараҷаи омӯзиши маводи таълимӣ муайян мегардад ва ба низом даровarda мешавад.

Муаллим бояд ҳангоми омӯхтани асари бадеӣ меъёрҳои зеринро ба инобат гирад:

а). *Мувофиқати услуби омӯзиш бо принсипи омӯзиш.*

*б). Хусусияти синнусолии хонандагон.*

*в).Ба ҳисоб гирифтани вазифа ва моҳияти тарбиявии усулҳо.*

*г). Мазмун, мундариҷа ва ҳаҷми маводи таълим.*

*д). Маҳорати касбии омӯзгор.*

Аслан дар методикаи таълими адабиёт ва услубшиносони номӣ дар интихоби тамоюлот ва принсипҳои таълим фаъолияти эҷодкории муаллимро инкор намекунанд. Дар ҷараёни таълими асарҳои бадеӣ вобаста ба муҳит, шароити синф, хусусиятҳои психологии талаба, ҷаҳонбинӣ ва савияи донишу малакаи ӯ муаллими фан соҳибихтиёр аст, ки ин ё он услуб ва ё тамоюлро пеш гирад. Аммо дар ҷараёни таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ ба инобат гирифтани ҳаҷм, забону услуб, хусусиятҳои жанрӣ, мазмуну мундариҷа, моҳият ва нуктаҳои асоии асар ҷузъи муҳим аст.

Методҳои таълим вобаста ба хусусият ва шаклу намуд, моҳият ва мазмун гуногун мешаванд. Чуноне, ки дар боло гуфта шуд муаллим дар ҷараёни дарс ва таълиму таҳлили асарҳои бадеӣ дар интихоби методҳо соҳибихтиёр аст. Мо дар асоси мушоҳидаҳо ва таҷрибаву санҷишҳо методҳои таълимиро вобаста ба мазмуну моҳияташон ба навъҳои зерин тасниф намудем. Яъне, методҳои илюстративӣ ва демонстратсионӣ, методҳои мантиқӣ, методҳои психологӣ, методҳои анъанавии шифоҳӣ, методҳои психологӣ ва педагогӣ, методҳои интерфаъол. Дар зер чанд навъи услубҳои таълимро пешкаш менамоем:


Методҳои асосии таълими асарҳои бадеї
Методҳои анъанавии таълим
Методҳои ноанъанавии
Методҳои иллюстраиві ва демонстрат-сионї
Методҳои шифоҳї - анъанаві
Методҳои психологї – педагогї ва мантиќї
Графикҳ о
Љадвалҳ о
Диапро-эктор
Видео проэктор
Диограм-ма
Кино-филм
Маърўза
Наќл
Сўҳбат
Ќироат
Ҳикоя
Индукция
Дедукция
Мулоќот
Муҳоки-ма
Муќоиса
Таҳлил – анализ
Мулоќот – мулоќоти лутф
Мунозира
Пинборд
«Ҳуљуми аќлї»
Конференсия
Референдум
Тадќиќот
«Чархфалак»
Машѓулоти амалї
Кейс

Дар саҳфаҳои пешин ҳангоми баррасии моделҳои дарсҳои ноанъанавӣ аз хусуси чанд методи нав ва ё ба қавле усулҳои интерфаъол дар чараёни таълим сухан карда шуд. Дар ин бахш мехостем бобати методҳои анъанавии таълим, ки дар чараёни таълими адабиёти тоҷик заруранд, алоқадри ҳол ҳарф занем.

**Индукция ва дедукция.** Индукция ва дедукция усулҳои таълимиеанд, ки аз онҳо бо мақсади хулосабарории хонандагон истифода мебаранд. Дар методикаи таълими адабиёт онҳоро методҳои мантиқӣ низ меноманд. Талаботи методи дедукция аз он иборат аст, ки аввал аз масъалаҳои умумӣ сар карда, сониян ба масъалаҳои алоҳида мегузаранд. Яъне, дедукция аз умумӣ ба хусусӣ гузаштан буда, индукция аз ҷузъӣ ба хулосаҳои умумӣ омадан аст. Методҳои мазкур барои анализ ва синтези масъалаҳои мубрами таърихи адабиёт ва назарияи адабиёт арзиши махсусро молик аст.

Аз ин мавқеъ аз равишҳои мазкур дар дарсҳои тадқиқотӣ, кашфи падидаҳои тоза, гузаронидани машғулотҳои амалӣ, супориши корҳои мустақилона, навиштани иншо ва реферату маърӯзаҳо истифода бурда мешаванд. Аз ин методҳо ҳам дар курси хониши адабӣ (синфҳои V- VII ва ҳам дар курси таърихи адабиёт (синфҳои IX-XI) истифода бурдан мумкин аст. Аз ин усулҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба ҳаҷм ва хусусияти маводи таълимӣ истифода мебаранд. Дар мактаби миёна таҳлил ва омӯзиши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»ҳои ҳамном, «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ, «Одина» ва «Дохунда»-и С.Айниро ба ҳамин тарз омӯхтан мумкин аст. Яъне, аввал дар бораи таърихи таълифи асар, хусусиятҳои жанрӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии он шинос гардида, сониян ба масъалаҳои ҷузъӣ мегузаранд.

Ҳангоми омӯхтани асарҳои ҳаҷман хурд низ аз ин метод истифода бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми омӯхтани достони «Хайр ва Шар» дар синфи VII муаллим аз шарҳи унвони достон сухан оғоз карда ба масъалаҳои асосии достон, мубориза азалии қувваи некию бадӣ ва музаффарияти ҳамешагии қувваи некӣ таваққуф мекунад ва ин чиз умумияти масъала аст. Сюжети достон ва таҳлилу рафтору кирдори қаҳрамонони асар умумияти масъаларо пурра мекунад. Ин ҷузъиёти масъала аст. Ва худ аз худ аз ҷузъиёт боз ба умумият – хулосаҳои мантиқӣ бар мегарданд, ки ҳамеша ҳақиқат ва некӣ мағлубнопазир аст.

Чи тавре ки зикр гардид, методҳои мазкур методҳои мантиқианд ва маҳорати хоси омўзгориро талаб мекунанд. Бояд таъкид карда гузашт, ки дар таҳлили асар аз методи индукция-аз ҷузъиёти алоҳида сар карда ба умумият низ гузаштан мумкин аст. Ин нукта низ муҳим аст, ки агар дар хонандагон дараҷаи тафаккури таҳлилӣ паст бошад, аз методҳои болоӣ истифода бурдан нодуруст аст ва истифодаи он тавсия карда намешавад.

**Сўҳбат** яке аз методҳои анъанавии таълим буда, дар таҷрибаи кории муаллимон мавқеи устувор дорад. Моҳияти ин метод дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон бо роҳбарии муаллим доир ба объекти таълим (асари мавриди таҳлил) фикр ва мулоҳизоти хешро баён мекунад.

**Сўњбат гуфтугузори маќсадноки омўзгор бо хонандагон доири масъалањои мухталифи осори бадеї, пањлўњои гуногуни он, љараёни адабии муайян, мушкилот ва ё муаммои муњимтарини давраи мушаххаси таърихи адабиёт дар дарс аст. Асос ва љавњари методи сўњбатро савол ва ё силсиласаволномањое ташкил менамоянд, ки моњиятан ба тариќи мукаммалу даќиќ сохта шудаанд.**

**Сўҳбат** дар асоси саволҳое гузаронида мешавад, ки сароғоз пухта фикр карда шудаанд. Ин метод дар курси хониши эзоҳӣ ба таври васеъ истифода мешавад, аммо дар зинаҳои минбаъда низ нисбатан васеътар истифода гардида, зимнан фикрҳои ҷиддии хонандагон талаб карда мешавад ва дар ин маврид масъалагузории муаллим яке аз рукнҳои асосии таълим аст.

Барои баррасӣ кардани маълумотҳои манбавӣ ва ташкили қисми муайяни дарс, дар дарсҳои обзорӣ, тарҷумаиҳолӣ низ аз методи мазкур истифода бурдан лозим аст. Саволҳо пухтаву ҷавобҳои хонандагон саҳеҳ набошанд сўҳбат баргузор намегардад. Тартиб додани савол, гузориши он корест мушкил. Савол бояд мушаххас бошад. Фарқи саволҳои асосӣ ва саволҳои дуввумдараҷаву саввумдараҷаро донистан шарти муҳим аст. Саволҳо бояд услубан содда бошанд. Дар ҷараёни сўҳбат саволҳо такрор нашаванд. Сўҳбат набояд ҳамеша якранг гузаронида шавад, зеро сўҳбати якранг дониши хонандагонро кунд карда, шавқу рағбати онҳоро нисбати фан кам мекунад. Дар баробари саволҳо ҷавобҳои хонандагон низ пурра ва кўтоҳ бояд бошанд. Ҷавобҳои муфассал ва пайдарпаю мантиқӣ ҳамеша арзиши муайян доранд. Аз ҷумла, дар бораи сюжет ба тарзи накл гузаронидани сўҳбат, дар бораи тасниф ва таҳлили образҳои асар, ягонагии мазмуну шакли асари бадеӣ дар асоси масъалагузорӣ, ҷустуҷў ва таҳлилу тадқиқ гузаронидани

методи сӯҳбат мувофиқи мақсад аст. Савол ва супориш асоси ин методро ташкил мекунад**.**

Мутаассифона савол ва супоришоте, ки дар ҷараёни таълими фанни адабиёт сурат мегирад аксаран характери статистикӣ доранд. Ин гуна саволҳо барои муайян кардани дараҷаи дониш ва савияи илмнокии талаба чандон арзиш надоранд.

Дар љараёни таълими адабиёт бояд саволњое интихоб карда шаванд, ки **ба такмили афкору андеша, мушоњида, малакаву ќобилият, фањму фаросот, тафаккури мантиќию тањлилї, одобу ахлоќ, диди эстетикї, љањонбинї ва донишу мањорати толибилм** таъсири амиќе расонида тавонад. Саволњои хушку холии статистикї дар таълими фанни адабиёт ва мушоњидаи моњияти мавзўъњои он, бахусус, таълиму тањлили асарњои бадеї ањамияти људогонаеро молик нестанд

Ба назар чунин мерасад, ки пурсиши соли таваллуд, миқдори байту мисраи ашъори шоир, соли нашри ин ё он асари адиб, санаи оғози сафари адибон аз маҳдудияти доираи дониш, ҷаҳонбиниву малакаи муаллим гувоҳӣ медиҳанду халос. Зеро моҳияти адабиёти бадеӣ бо донистани маълумотҳои статистикӣ муайян карда намешавад.

**Сўњбате, ки дар асоси саволу љавобњои кўтоњ ва мушаххас сурат мегирад, *сўњбати эврестикї* меноманд. Ин навъи сўњбатро њангоми тањлил ва омўзиши жанрњои хурди эпикї истифода бурдан мумкин аст.**

Масалан, дар синфи VI ҳангоми таҳлили «Мактаби кӯҳна»-и Айнӣ, дар синфи V ҳангоми таҳлили афсонаи «Эраҷи тилсимшикан» ва ғайраҳо аз ин навъи сӯҳбат истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти ин метод ҳангоми омӯхтани асар дар он зоҳир мегардад, ки пай дар пай омӯхтани хати сюжет нигоҳ дошта мешавад, фаъолии хонандагон афзуда мешавад, муносибати муаллим ва хонандагонро меафзояд ва дар аксаре аз ҳолатҳо тамоми ҷузъиёти асар ба тарзи умумӣ таҳлил карда мешавад. Аз ҷониби дигар методи сӯҳбат хонандагонро аз нақли пурраи асар дур месозад, инчунин доираи иҷрои супоришоти фардиро маҳдуд месозад. Дар омӯзиши асарҳои бадеӣ сӯҳбат на танҳо аз рӯи саволу ҷавоб, балки аз рӯи нақшаи муайяни пешакисохта низ гузаронида мешавад. Дар асоси тартиб додани нақша, тавассути матн гузаронидани сӯҳбат яке аз тарзҳои амалӣ гардидани методи мазкур аст. Дар синфҳои болоӣ гузориши масъала, тарзи баёни фикр ва саволгузорӣ нисбатан доираи васеъ дорад. Дар сӯҳбат ҳаҷм ва характери саволномаҳо вобаста ба хусусияти синну соли хонанда аст. Муаллими фанни

адабиётро лозим аст, ки дар интихоби методи мазкур махсусиятҳои жанрии осори бадеиро ба инобат гиранд.

**Наќл – мисли сўњбат методи шифоњист. Мазмун ва мундарињаи ѓоявии асар тавассути наќли муаллим, хонандагон, муаллиф ва ё устодони сухан баён мегардад. Маќсад аз истифода бурдани методи мазкур аз он иборат аст, ки тавассути сухан ва таъсири он њусни таваљљўњи хонандагон нисбат ба каломи бадеъ меафзояд. Дар наќл сухани муаллим воситаи асосї аст. Аз ин рў, фањмиши хонанда, њисси китобдўстии ў, хоњиш ва майлу раѓбати вай нисбати китоб ба наќли муаллим вобаста аст.**

Мутаассифона, нақли ҳамаи муаллимонро нақли ҳунарӣ гуфтан намешавад. Дар асоси таҳлилу мушоҳидаҳо собит гардидааст, ки аксаре аз муаллимон дар истифодаи ин усул ба камбудиҳои зиёде роҳ медиҳанд.

!

**Наќл карда тавонистан санъат аст! Мухтасарї, мўъљазї, мушаххасї ва муфассалию мукаммалї аз хусусиятњои муњимтарини наќл аст.**

Нақли аксаре аз муаллимон на дар асоси санъати сухандонӣ амалӣ мегардад. Инкишофи нутқи хонандагон низ ба дараҷаи паст аст. Зеро аксаре аз хонандагон захираи луғавии ғанӣ надоранд. Онҳо аз ин лиҳоз маҷбуранд асари хондаашонро бо забони омиёна нақл кунанд. Омӯзгорон низ ба ин чиз эътибори кам медиҳанд. Аксари хонандагон бонизом, беғалат, бомантиқ сухан гуфта наметавонанд. Онҳо ҷузъиёти алоҳидаи асарро ҷамъбаст карда наметавонанд ва хусусияти асосии методи нақл – мухтасариву мушаххасӣ ва муфассалиро аз хотир фаромӯш мекунанд.

Барои бартараф намудани он бояд чунин чораҳо аз ҷониби муаллим дида шавад: Нақл бояд пурра дар асоси матни асар ба роҳ монда шавад. Дар ин асос бояд матн ба хонандагон пурра фаҳмо бошад. Агар хонанда мазмуни умумии матнро донаду ҷузъиёти масъаларо дарк накунад, нақли ӯ нақли нодуруст аст. Зеро дар ин ҳолат хонанда ба умумигӯӣ одат мекунад ва инчунин мазмуни асар низ халал мебинад. Бинобар ин нақл бояд пас аз шарҳу эзоҳи матн гузаронида шавад. Мазмуни асар набояд ба тарзи соддакунӣ нақл шавад. Зеро ин роҳ ба услуб, тарзи нигориш ва фасоҳати сухани муаллиф халал мерасонад. Яке аз камбудиҳои инкишоф наёфтани захираи луғавии хонандагон низ дар ҳамин аст. Чунки моҳияти асосии тадбиқи методи мазкур дар дарсҳои адабиёт ба такмилу инкишоф ва ғановатманд гардонидани захираи луғавии талаба, инкишофи нутқи ӯ нигаронида шудааст.

**Ќироат.** Дар тамоми мактабу мадрасањои тоинќилобї ќироат ва тиловати осори бадеї гуфта хониши мазмунноку дилкаш, оњангноку самимї, инчунин ќироати мутаассирро меномиданд ва он яке аз усулњои асосии таълими асари бадеї буд. Хониш ё худ ќироати осори бадеї ду намуд дорад: хониши овозї (декламатсионї) ва хониши хомўшона.

Ин усул имрўз низ дар таҷрибаи аксари омўзгорон истифода бурда мешавад. Аммо дар бисёр мавридҳо ҳам меъёри хониш ва ҳам талабҳо нисбати он ба фаромўшӣ меравад. Зеро аксаран қироати асар рўякӣ гузаронида мешавад. Дар бисёр марвидҳо хонандагони мактабӣ ба қоидаҳои хониш тарзи талаффуз, зада, ист, интонация, вазн, зарб ва дигарҳо эътибор намедиҳанд. Аз ҷониби дигар хусусиятҳои шаклию жанрии асарҳоро ба инобат намегиранд. Ҳол он ки ҳар як жанр ва намуд хусусиятҳои хоси қироат намуданро дорост. Надонистани ин хусусиятҳо хониши ифоданокро халалдор мекунад. Дар тадқиқотҳои олимони соҳаи педагогика ва психология илман исбот гардидааст, ки:

**…ќироати дуруст ва хониши ифоданок на фаќат барои инкишоф додани нутќи хонандагон зарур аст, балки барои дуруст дарк карда тавонистани мазмуни асари бадеї њам зарур аст.**

Агар хонанда дуруст хонда натавонад вай аз асари бадеӣ мазмуни эстетикӣ гирифта наметавонад ва нозукиҳои тарзи маъниофарии адибро фаҳмида наметавонад.

**Хуб хонда тавонистан ин баробари муаллифи асар фикр ва ќазоват карда тавонистан аст.**

Бояд гуфт, ки бархе аз методистон истифодаи усули мазкурро дар синфҳои болоӣ номатлуб мешуморанд. Вале ин ақида соддалавҳона буда, гуфтан мумкин аст, ки малака ва таҷрибаи қироат кардан бо тамоми ҷузъиёт ва нозукиятҳояш, маҳз, дар синфҳои IX ва XI намоён мегардад. Аз ҷониби дигар, риояи вазн, оҳанг, зарб, интонация дар ҳамин синну сол қатъитар мегардад. Хониши ифоданок низ дар мактаби миёна бо се роҳ гузаронида мешавад: қироати муаллим, қироати хонандагон, қироати муаллиф ё шунавонидани қироати устодони санъат ва ё худи шоиру адибон. Дар қироат хониш ифоданок, хониши бехато ва бо салосат хондан мавқеи асосӣ дорад. Дар ҳамин асос метавон хулоса бардошт, ки дар мактабу мадорисҳои пешин

аз услуби мазкур ба таври васеъ истифода бурда мешуд ва онамали хуб буд. Мутаассифона дар шароити имрӯза дар истифодаи услуби мазкур аксарияти муаллимон саҳлангорӣ мекунанд.

Ташкил кардани «Ҳофизхонӣ», «Шоҳномахонӣ», «Саъдихонӣ», «Бедилхонӣ», «Турсунзодахонӣ», «Лоиқхонӣ» ва шабнишиниҳои гунгун яке аз рукнҳои асосии хониши ифоданоки асари бадеист, ки ба инкишофи қобилияти гӯш кардан, шунидан, таҳаммул намудан маънӣ, ва завқу лаззат, кайфияти эстетикӣ ҳосил намудани толибилмон боис мегардад.

**Методи тадќиќотї**-зинаи баланди фаъолиятнокии хонандагон њангоми омўхтани асари бадеї аст. Дар асоси мунтазам ва дуруст дар амал тадбиќ намудани методи мазкур дар шахсияти хонанда тафаккури тањлилї ва мантиќї ташаккул меёбад ва хонанда дар бораи нисбї будани илм тасаввурот пайдо намуда, дар хусуси ба њар як масъала аз нуќтаи назари танќидї нигаристан малакаи муайян њосил менамояд.

Тадбиқи методи мазкур имконият фароҳам меорд, ки тавассути супоришоти омӯзгор хонанда ба масъалаҳои ҷузъитарини асар ошно гардад ва дар ин асос матни асар ҳартарафа тадқиқу таҳлил карда шавад. Тадбиқи ин метод ба супоришоти омӯзгор ва мазмуну мундариҷаи он вобаста аст. Ҳангоми истифодаи ин метод ба ҳисоб гирифтани хусусияти синну солӣ ва характери маводи таълимӣ ҷиҳати муҳим аст. Дар синфҳои VII-XI пай дар пай ва мунтазам тадбиқ кардани методи мазкур хеле аҳамиятнок аст. Яке аз хусусиятҳои методи мазкур аз он иборат аст, ки хонанда дар асоси супоришоти омӯзгор ба масъалаҳои ҷузъитарини асар ошно мегардад ва дар ин асос матни асар ҳартарафа тадқиқу таҳлил мегардад.

Масалан:

**1. Муайян кунед, ки Фирдавсӣ симои Рустамро дар «Шоҳнома» чӣ тавр тасвир кардааст.**

**А). Дар чор лаҳза муносибати Рустамро бо дигарон муайян созед:**

- гуфтугӯи ӯ бо шоҳи Самангон.
- гуфтугӯи ӯ бо Ковус.
- муносибати ӯ бо Сӯҳроб дар набард.
- Муносибати ӯ бо Таҳмина

**Б) Қиёси образҳои Рустам ва Сӯҳроб аз ҷиҳатҳои зерин:**

- аз рӯи хусусияти зоҳирӣ.
- рӯи муносибат бо одамон.
- аз рӯи мақсаду маром,

- аз лиҳози характер ва хусусиятҳорӯҳонӣ;
- аз нқтаи назари худи адиб.

Ин гуна супоришот хонандаро пеш аз ҳама ба тадқиқот бурдан, ҷустаҷӯ кардан водор месозад. Маҳз бартарии методи тадқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонандаро ҳам ба ҷустуҷӯ кардан, ҳам ба фикр кардан, ҳам ба хулосаи мантиқӣ омадан водор месозад. Дар ин асос фаъолияти тадқиқотии берун аз дарсии хонандагонро ба роҳ мондан низ мумкин аст. Метавон дар синфҳои болоӣ натиҷаи корҳои тадқиқии хонандагонро дар шакли реферат, кори хаттӣ, иншо, тақриз ҷамъбаст кард.

***Принсипҳои асосии омӯзиши асари бадеӣ.*** Омӯзиши асарҳои бадеӣ ва ё ҷузъиёту қисматҳои алоҳидаи он қонуният ва талаботҳои хоси худро дорост, ки онро принсипҳои омӯзиши асарҳои бадеӣ низ меноманд. Дар дидактика принсип категорияи хос буда, ҳамчун истилоҳ дар зимни ин мафҳум қонуни асосии фаъолият ё худ одобу ахлоқ фаҳмида мешавад. Принсип калимаи лотинӣ (principun) буда, маънои асос, асл, манша, ибтидоро ифода мекунад.

Дар методикаи таълими адабиёт принсипҳои омӯзиши асарҳои бадеӣ ба таври гуногун тасниф гардидааст. Методисти шинохтаи тоҷик М.Қозиҷонов се навъи принсипҳои омӯзиши асари бадеӣ: - принсипи партиявият, педагогӣ ва таърихиро пешниҳод карда бошад, дар дастури таълимӣ панҷ навъи тамоюлоти омӯзиши асари бадеӣ таъкид гардидаст:

**а).** ***Ба таври хронологї пай дар пай омўхтани асар дар асоси бобњо ва ќисматњои асар.***
***б). Муайян намудани алоќамандии асар бо заминањояш.***
***в). Муайян кардани мавќеи асар дар роњи эљодии адиб.***
***г).Муайян кардани робитаи эљодї ва асарњои омўхта-шаванда.***
***д). Муайян кардани ањамияти иљтимої, сиёсї, бадеї ва эстетикии асар.***

Бе инкори дурустӣ ва ё нодурустии принсипҳои фавқуззикр дар методикаи таълими адабиёт принипҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

**Принсипи ба ҳисоб гирифтани алоқаи асар бо ҳаёт.** Азбаски предмети асосии тасвири асари бадеӣ инсон ва муҳити зиндагии ӯст ба эътибор гирифтани тамоюлоти зерин дар омӯхтани асар ҳатмист. Дарк кунонида тавонистани шогирдон ба тасвирҳои мураккаби саҳфаҳои зиндагии инсон дар омӯзиши асарҳои бадеӣ кори асосии омӯзгор аст. Ба ин васила диди инсоншиносиву зиндагишиносии хонандагон такмил дода мешавад.

**Дар асоси ин принцип хонандагон ба се омил ё худ масъалаи асосии асари бадеї бояд сарфањм раванд: Аввал, инсон ва њаёти ў асоси асари бадеї. Сониян, ба воситаи образњои бадеї тасвир гардидани манзараи зиндагии инсон. Саввум, нуќтаи назар, диди эстетикї, љањонбинї, аќидањои башардўстонаву этикї њамчунин муносибати ба зиндагидоштаи адиб.**

**Принсипи таърихӣ.** Ин тамоюлоти омӯзиши асари бадеӣ низ ба моҳияти принсипи аввала қаробат дошта, он муаллимро водор месозад, ки бо хонандагон на фақат дар атрофи асар ва ё берун аз он, балки пеш аз ҳама, бо худи асар: таърихи навишта шудани он, мавзӯъ, мазмуну мундариҷа, ғоя, силсилаи образҳо, забон ва услуб, маҳорати эҷодии нависанда, мақому аҳамияти имрӯзаи асар сӯҳбат намояд.

Моҳияти ин принцип дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми таҳлили асар таърихи навишта шудани он, заминаҳои таърихии ҳодисоте, ки дар асар тасвир шудааст, инъикоси масъалаҳои замон ва макон, таносуби тарзи тасвир ба воқеоти давр, мавзӯъ ва ғояи асосӣ, муносибат ва баҳои нависанда ба ҳодисаю воқеаҳо, забон ва услуби асар то кадом дараҷа саҳеҳият дорад. Зеро ҳар як асари бадеӣ падидаи эҷодии замони муайян аст. Бинобар ҳамин ҳини таҳлили ҳар як асар робитаҳои замонию маконии воқеаҳо, таҳриф нагардидани ҳодисот ва воқеоти таърихӣ, солимии факту рақамҳо, ба инобат гирифтани муҳити зисту зиндагонӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ образҳои бадеиро дар мадди аввал гузоштан шарти муҳим аст.

Яке аз шартҳои муҳимтарини тамоюлоти мазкур бе таҳрифи таърих дар тафаккури хонандагон ҳосил кунонидани назари амиқу дақиқ нисбати ҳаёти гузаштагон ва ниёгон аст.Инчунин тамоюли мазкур мунтазаман хонандаро ба дарки тафриқаи байни тасвири бадеӣ - тахайюли эҷодӣ ва тасвири таърихӣ - илмӣ омода месозад. Хонандагон тавассути он бобати масъалаи хеле муҳими илми адабиётшиносӣ – ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати таърихӣ маълумот хоҳанд ҳосил кард.

**Принсипи ягонагии мазмун ва шакли асари бадеӣ.** Зимни ин мафҳум ягонагии мазмун ва унсурҳои шаклии асари бадеӣ фаҳмида мешавад. Дар таҳлили мазмуни асари бадеӣ тарзи баён, мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ мавқеи асосӣ дорад. Ба тариқи таносуби унсурҳои шаклу мазмуни асари бадеӣ таҳлил намудан ва омӯхтани асарҳои бадеӣ яке аз шартҳои муҳимтарини тамоюли мазкур ба шумор меравад. Аз рӯи ин тамоюлот хонандагон ҳамбастагии унсурҳои шаклӣ-жанру намудҳо ва мазмуну мундариҷа, таносуби вазн ва мавзӯъ, мазмуни умумии асар бо сужети он ҳамчунин ғояву, воситаҳои тасвири бадеӣ, забону услубро бояд дарк кунанд.

Аз назари мо яке аз сабабҳои асосии ташаккул наёфтани тафаккури илмӣ, муқоисавӣ, тадқиқӣ ва танқидю таҳлилии хонандагон дар мактабҳои миёна ҳангоми таълим ба эътибор нагирифтани ин тамоюл аст. Илова бар ин сюжети асар пурра ё аз забони муаллим ва ё аз забони муаллифони китобҳои дарсӣ ба таври соддакунии забон омӯхта мешавад ва дар натиҷа хонанда аз

маҳорати суханофаринии адиб бехабар мемонад, хонанда эҳсоси қалби эҷодкорро не, балки нақли соддаро ҳис мекунад. Зимни хониши асар ва таҳлили он бояд хонанда дар ҳар як калима образро бинад.

**Принципи ягонагии мазмун ва шакл таќозо мекунад, ки хусусияти жанрию шаклї ва забонию услубии асари бадеї на дар алоњидагї, балки дар алоќамандї бо мазмуну мундариљаи ѓоявии асар омўхта шавад.**

Равиши таҳлили мазкур тақозо менамояд, ки асар дар асоси қисматҳо ва ба ҷузъҳо тақсим намудан таҳлил карда шавад. Яъне тамоми ҷузъиёти асар дар яклухтӣ ба таҳлил кашида намешавад. Вале муҳим ин аст, ки зимни таҳлил алоқамандии қисматҳои асар, ҷузъиёти он, унсурҳои шаклию мазмуни он дар пайвандӣ бо ғоя, мазмуну мундариҷа ва моҳияти асар ба инобат гирифта мешавад.

**Принсипи маърифатӣ - тарбиявӣ.** Дар вақти таҳлили ҳар гуна асари бадеӣ моҳияти тарбиявии он дар мадди аввал меистад. Зеро он воситаи муҳими инкишофи дунёи ботинии мактабиён аст.

**Талабот ва таќозои асосии принципи мазкур аз он иборат аст, ки омўзгор дар омўзиши асари бадеї бояд ягонагї ва њамбастагии љараёни таълиму тарбия ва дар айни њол ба њамдигар тавъам будани онњоро ба њисоб гирад. Зеро дар тамоми асарњои бадеї ѓояњои аслии ахлоќї мављуданд ва љавњари њар гуна асари бадеиро ахлоќу одоб ташкил менамояд.**

Хосса дар дарсҳои адабиёт мавриди истифода қарор додани тамоюлоти мазкур аҳамияти ба худ хос дорад ва имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад. Ҷанбаҳои тарбиявии осори адибонро ба маврид шарҳу тавзеҳ додан, дар ҳар як дарс ба ин ҷиҳати масъала эътибор зоҳир намудан, корҳои тарбиявиро бо корҳои таълимӣ дар шакли тавъам пеш бурдан яке аз вазифаҳои асосии муаллим аст.

**Принципи муќоисавї.** Дар ќиёси њамдигар омўхтани љузъиёти алоњидаи як ё якчанд асари бадеї аст. Ин тамоюл дар инкишофи тафаккури тањлилї ва мантиќии хонанда роли муњим мебозад. Муќоиса барои ба таври мустаќилона фикр рондани хонанда, тадќиќот бурдан, тањлил кардан, муњокима ва мушоњида намудан, сараро аз саќат људо кардан, инчунин дар бораи падидаи тозае њукм баровардан муњим аст.

Аз фанни адабиёт ва умуман дар илми адабиётшиносӣ истифодаи тамоюли мазкур ҳангоми омӯхтани осори вакилони адабиёт, асарҳои бадеии ҳамтип, методҳои эҷоди бадеӣ, равия ва ҷараёнҳои адабӣ, жанрҳои адабӣ, образҳо, санъатҳои бадеӣ, эпизодҳо, забон ва услуби асар  аҳамияти вижа дорад. Ин тамоюл, хусусан, дар таҳлили осори адабиёти мумтоз мавқеи махсусро молик аст. Аз ҷумла, қиёси образи Искандар дар достонҳои «Искандарнома», қиёси образи Лайлӣ ва Маҷнун аз достонҳои ҳамном, таҳлили қиёсии ғазалиёти Ҳофиз, Саъдӣ, Камол, Ҳилолӣ, Ҷомӣ, муқоиса ва мувозинаи «Гулистон»-и Саъдӣ бо «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва ғайра. Ҳангоми таҳлили асари бадеӣ истифодаи тамоюли мазкур боиси ташаккули  тафаккури илмии хонанда мегардад. Муаллим имконият пайдо мекунад, ки ҷиҳатҳои мусбии як асарро нисбат ба асари дигар баррасӣ намояд.

Ҳангоми таҳлили асари бадеӣ  принсипи муқоисавӣ дар асоси хусусиятҳои зерини асар ба инобат гирифта мешавад:

1. Муқоисаи образҳои асосии асари бадеӣ;
2. Муқоисаи сюжети осори бадеӣ;
3. Муқоисаи мазмун ва мундариҷаи ғоявии он.
4. Муқоисаи тарзи истифодаи анвои санъатҳои бадеӣ.
5. Муқоисаи забон ва услуби асарҳои муштаракхусусият.
6. Қиёси маҳорат ва ҳунари эҷодии адибон дар офариниши асари бадеӣ.
7. Қиёси корбасти шакл ва мазмуни асари бадеӣ.

**Принсипи ба ҳисоб гирифтани робитаҳои адабӣ.** Хонандагон зимни омӯзиши асарҳо бояд ба масъалаҳои умдаи адабиёти халқҳои гуногун, паҳлӯҳои ҷудогонаи он, ғояҳои олии адабиёти халқҳои дигар ошно гарданд: Дар асоси ба инобат гирифтани принсипи мазкур хонандагон бояд аз хусусиятҳои умдатарини адабиёти халқҳои ҷаҳон, ҷараёнҳои адабии онҳо, марҳилаҳои ташаккули адабиёти халқҳои ҷаҳон, хусусиятҳои муштараки осори вакилони адабиёти халқҳои гуногун маълумот пайдо намоянд. Моҳияти асосии ин тамоюлот дар ҳаллу фасли моя, мазмуну мундариҷаи ғоявии асар ва мушкилоту муаммое равона карда шудааст, ки дар ҷараёни офаринишу эҷод як қавм аз қавми дигар ва ё як миллат аз миллати дигар гирифтааст. Тавассути ин тамоюл робитаи байни осори ҳунарии ду қавм ва ё миллат муайян карда мешавад. Дар асоси мувозина ва ё муқоисаи адабӣ шабеҳият ва айнияти маънӣ, мазмун, доираи мавзӯъ, масъалаи муҳими осори ҳунарӣ, монандиҳои шаклию услубӣ ва ғайраҳо  мавриди муҳокима қарор мегирад. Инро дар танқиди адабӣ нақди тадбиқӣ низ меноманд, ки он барои муайян кардани таъсири мутақобили ду асари мушобеҳ ва риштаҳои пайвандии мазмунию мундариҷавии онҳо сару

кор дорад. Албатта, дар асоси ба инобат гирифтани принсипи болоӣ бояд осори бадеие ба ҳамдигар муқоиса карда шаванд, ки онҳо аз ягон ҷиҳат ба ҳам монандӣ дошта бошанд. Дар ин мавврид номбар намудани достонҳои ҳамноми «Лайлӣ ва Маҷнун», қиссаҳои ҳамноми «Юсуф ва Зулайхо», достонҳои «Хусрав ва Ширин», саёҳатномаҳо, тазкираҳо, мунозираҳо дар адабиёти Шарқ, мувозинаи «Гулистон» - Саъдӣ ва назираҳои он дар адабиёти халқҳои гуногун, анъанаи хамсасароӣ дар адабиёти тоҷику ӯзбек, таъсирпазирии вакилони адабиёти Аврупо аз шоирони мумтози форсу тоҷик, таъсирпазирии шоирони муосири тоҷик аз вакилони адабиёти ҷаҳон аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Пас, муаллими адабиётро лозим аст, ки аз равияҳои тозаи адабиёти халқҳои ҷаҳон, робитаҳои адабӣ ва таъсирпазириҳои гуногуни ҳунарӣ дар ҷараёни адабӣ бохабар бошад.  Дар методикаи таълими адабиёт вобаста ба хусусиятҳои фардии хонандагон қонунияти умумию муайяни таҳлил ва тафсири асари бадеӣ танзим наёфтааст. Гуногунии қобилияти фаҳмиш, номуносибии хусусиятҳои синнусолӣ, мухталифии қобилияти дарккунии хонандагон  ба ин чиз монеъ аст.

Дар таҳлилу тафсири асари бадеӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолии хонанда омӯзгор аз ду рукни асосӣ бояд сӯи истифода намояд. Аввалан, хониш дар асоси ба инобат гирифтани хусусияти синнусолӣ, сониян ба инобат гирифтани шаклу намуд ва хусусиятҳои жанрии асар.

**Азбаски шеърњои лирикї кори эъљозии лањзаинаи адиби нуктапардоз асту, дар муддати кӯтоњ тавлид мегардад ва дорои тахайюлоти туѓёнии шоир, шӯру исёни тафаккури ӯст, тањлилу тафсири он низ амалиёти хеле амиќу дурустро таќозо менамояд. Бинобар њамин дар дарку эњсоси лирика табиист, ки услуби сӯњбат амали дуруст аст.**

Сӯҳбат ё худ мусоҳиба, бешубҳа, пас аз хондани матни шеър ба вуқӯъ пайваста, дар зимни сӯҳбат асар мавриди таҳлилу тафсир қарор мегирад. Албатта, хониши шеър бояд дар асоси табиати он ифоданок бошад.

**Мубодилаи афкор дар атрофи шеър (лирика) ва ё тањлил бояд дар њамон ваќт оѓоз гардад, ки дар симо ва равони хонанда дигаргунии њиссї, таѓъири тарњи рӯй, мутаассирї падид оянд. Хонанда, аќаллан, ба дунёи хаёлот сайр намояд.**

Таҳлили амиқи порчаи шеърӣ ё худ асари бадеӣ дар хонанда таҷрибаҳои рӯзгорро меандӯзад, ки он маҳаки асосии фаҳмиши оламу одамро ифода мекунад. Бисёр бамаврид аст, ки ҳини таҳлилу тафсири порчаҳои ашъори шуарои мумтози форсу-тоҷик пораҳои мувофиқ аз осори илмии олимони адабиётшинос, зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ, эпиграфҳо, иқтибосҳо аз гуфтаҳои шахсони бузург ва китобҳои муқаддаси Қуръон инчунин ҳадисҳо оварда шавад. Ин пеша аз он бартар аст, ки асари бадеӣ ва ё шеърро калима ба калима ва сатр ба сатр ба наср баргардонанд. Аслан ин амал (ба наср баргардонидани порчаи шеърӣ) дар ҷараёни таълими адабиёт усули нораво буда, бар хилофи таълим ва тарбия аст, яъне ба ибораи дигар бо ҳован (болға) об кӯфтан аст. Дар асл ба тариқи зайл сурат бастани риштаи таҳлил аз бесаводии муаллим, фаҳму фаросот ва диди эстетики паст доштани ӯ, матни классики форсу тоҷикро надонистан, ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқи назарӣ надоштани таълимдиҳанда гувоҳӣ медиҳад. Мутаассифона хонандагони мактабҳои миёна пас аз хатми мактаби таълими умумӣ низ зимни мафҳуми таҳлил ана ҳамин равишро мефаҳманду халос. Метавон аз усули мазкур дар зинаҳои поёнии таълими адабиёт истифода намуд ва онро ҳамчун муқаддимаи шеърфаҳмию шеършиносии толибилмони мактаб роиҷ донист.

Таҳлили асар новобаста ба ҳаҷм ва шаклу жанри он бояд гуногунҷабҳа бошад. Аз ҷумла, таҳлили як ҳикоят бояд дар меҳвари таҳлили як роман ё асари нисбатан калон сурат гирад. Дар ҷараёни таҳлил маҳорати муаллим дар дарёфту кушодани гиреҳҳои ноаёни асар зоҳир мегардад.

Агар омӯзгор баъд аз хониш ва  пеш аз таҳлили асар вобаста ба маводи дарс барои мубодилаи афкор ва мусоҳиба саволномаҳо танзим диҳад, мувофиқи мақсад хоҳад буд. Бахусус, дар омӯхтани асарҳои ҳаҷман бузург, танзими силсиласаволномаҳо доир ба қисматҳои алоҳидаи асар имкон медиҳад, ки хонандагон дар таҳлили ҳар як бахш фикри хешро гуфта тавонанд.

**Силсилаи саволњо сарфаи ваќтро иќтидо намуда, дар муддати кўтоњ дар панљаи тањлил ќарор гирифтани асарро таъмин месозанд.**

Ба саволномаҳо тарзи ҷавобҳои хаттию шифоҳӣ аз ҷиҳати методӣ дуруст аст. Зеро дар дарсе, ки 25 - 40 нафар талаба машғулот меомӯзад тариқи пурсиши шифоҳӣ имконпазир нест. Дар ин асос муаллим метавонад ба тариқи санҷиш қисме аз таҳлилро ба тарзи ҷавобҳои хаттӣ амалӣ гардонад.

Мураттаб сохтани саволнома масъулият ва малакаи хосро тақозо мекунад. Зеро ҳини таҳлил ҷавҳари асосии асар, мафоҳим ва моҳияти он набояд аз назар ниҳон монад.

! **Дар љараёни тањлили асар њар як саволнома ва силсиласаволњо дар асоси 4 унсур бояд танзим дода шавад: а) санљиши ќувваи њиссї, б) дараљаи азхудкунии мазмун, в) хусусиятњои шаклию жанрї, г) аќида ва афкори шахсии шогирд нисбати махсусиятњои осори бадеї ва мањорату њунари поэтикии эљодкор.**

Саволномаҳо бояд тобиши гуногун дошта бошанд ва дар вақти таҳлил мустақиман истифода бурда шаванд. Зеро ин тарз якрангиро барҳам мезанад ва бар шеваи таҳлил халал мерасонад.

Саволномаҳо содда, фаҳмо ва мӯъҷаз бояд бошанд. Дар асоси саволномаҳо таҳлил карда шудани асари бадеӣ тадриҷан хонандаро ба дарки мазмун ва мундариҷаи ғоявии асар наздик мекунад. Саволномаҳо бояд тавре тартиб дода шаванд, ки ҳангоми мутолиаи асар хонандагон ба эҳтиёткорӣ, эҷодкорӣ, фаъолиятнокӣ даъват карда шаванд. Дар ҷараёни саволномаҳои муаллим муаян намудани мақсад ва моҳияти асосии асари бадеӣ, дараҷаи нозукиятҳои сухани муаллиф, маҳорати эҷодии нависанда ва ё шоир, фасоҳат ва балоғати суханҳои ӯ то дараҷае бояд ҳаллу фасл карда шавад.

Дар ҷараёни таҷрибаҳои тӯлонӣ намудҳои мухталифи таҳлили асарҳои бадеӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ҳар гуна вазъият омӯзгорро лозим аст, ки роҳи дурусти таҳлилро вобаста ба табиати асар пеш гирад. Вагарна асар таҳлил не таҳриф карда мешавад. Дар зер мо аз рӯи имконият баъзе аз равишҳои таҳлили асари бадеиро ба тариқи умумӣ пешкаш менамоем:




Пояи асосии таҳлили асарро дар мактаби миёна донистани масъалаҳои мухталифи назарияи адабиёт ташкил медиҳад. Органайзери таснифии болоӣ нишон медиҳад, ки надонистани масъалаҳои муҳимтарин ва умдатарини назарияи адабиёт барои муаллими фан мушкилотҳои зиёдеро фароҳам меоварад. Дар равишҳои мазкури таҳлили асари бадеӣ салоҳияти хонанда тавассути донистани ҷузъҳо ва унсурҳои соддатарини илми адабиётшиносӣ; санъатҳои бадеӣ, қаҳрамони асарҳои бадеӣ ва масъалаи персонаж, вазн ва навъҳои асосии он дар шеъри тоҷик, қофия ва радиф дар назми тоҷик, баъзе унсурҳои шаклию мазмунӣ, образу тарзи образофаринӣ ва ғайраҳо намудор мегардад. Худ аз худ маълум мегардад, ки ҳар як асари бадеӣ роҳу равиши ба худ хосро дорост. Зеро дар асоси ба инобат гирифтани табиат ва хусусиятҳои жанрии асарҳои бадеӣ муаллим тариқи таҳлили ин ё он асари бадеиро бояд қаблан ба лоиҳа гирад.

Равиши таҳлили асари бадеӣ нозукиятҳои ба худ хос дорад. Зеро:

**...њангоми тањлил ва ё пеш аз оѓози таълими асари бадеї муаллим бояд донад, ки дар атрофи кадом масъалаи назарии адабиёт ва ё мафњуму вожаи адабётшиносї сухан меронад ва инчунин то мавриди мувофиќ аз кадоми он хулдорї мекунад.**

Дар солҳои охир зимнан таҳлил дар се ришта: аз ҷиҳати накши муаллиф ва мавқеи он дар асар, таҳлил тибқи образҳо, ҳалли муаммоҳо ва масъалаҳои асосии асар сурат бояд гирад. Ҷилави тамоми таҳлили асар фақат ба муаллим вобастагӣ дошта, дар интихоби ин тариқатҳо муаллим соҳибихтиёр аст. Яъне муаллим метавонад дар асоси танзими сюжети асар, дар асоси инкишофи воқеот ва ҳодисоти он, бобати образҳои он ва ниҳоят ба асоси таваҷҷӯҳи муаммоҳои асар корро анҷом диҳад. Мавридҳое ҳаст, ки ҳангоми таҳлил ва таълими асарҳои бадеӣ муаллим шеваи омехтаро пазируфтааст.

**Тањлили асар ба њар навъе ки сурат бигирад равост, фаќат як чиз муњим аст, ки натиља њангоми омўзиши тамоми љузъиёти асар дилхоњ бошад.**

***Таҳлили асар аз нуқтаи назари адиб.*** Ин рукни таҳлил басо манфиатбахш аст. Аз он ҷиҳат арзиш дорад, ки дар зимни мунтазаман истифода гардидани равиши мазкур хонанда ба шахсияти адиб, дунёи рангину хаёлоти аҷиб амиқтар ошно мегардаад.

**Равиши мазкури тањлил таќозо менамояд, ки осори бадеї, ќатъї назар аз хоссањои мазмунию шаклї ва услубї, сарфи назар аз хусусиятњои жанриву њаљм дар асоси љањонбинї, тарзи тафаккур, мањорати эљодї, нуќтаи назари эстетикї, дид фањму фаросот ва афкору эњсосоти ќалбии адиб тањлил карда шавад.**

Ин равиши таҳлили асари бадеӣ ҳам ба хонанда, ҳам ба муаллим завқовар аст. Масалан, ҳангоми таҳлили ҳикояҳои «Гулистон» ва «Бӯстон» пайхас кардани назари хирадмандонаи Саъдӣ, ҳангоми таҳлили рубоиёти Хайём пай бурдани нуктаи назари файласуфонаи ӯ, ҳангоми таҳлили осори лирикии Ҳофиз ба инобат гирифтани афкори иҷтимоию ахлоқии шоир, ҳини таҳлили лирикаи Сайидо дар мадди назар доштани номуросокориҳои ӯ нисбати сохтори иҷтимоии ҳукумат ва кайфияти норозиёнаи қаҳрамони лирикӣ, дар вақти таҳлили осори Аҳмади Дониш ба миён гузоштани афкори

интиқодӣ ва маорифпарварии адиб ва ғайраҳо баён кардани матлаб мувофиқи мақсад аст. Маҳз барои ҳамин ҳам тарҷумаи ҳол ва аҳволу осори адиб, зиндагиномаи ӯ омӯхта мешавад. Дар ин равиши таҳлил тамоми қисмат ва ҷузъҳои асар бояд дар мадди назар қарор гирад. Ин шеваи таҳлил барои таълими асарҳои калонҳаҷм тавсия карда намешавад, зеро фарогирии тамоми масъалаҳо, ҷузъҳои алоҳида ва ё қисматҳои ҷудогонаи асар дар муддати муайян аз имкон берун аст. Ин навъи таҳлил дар синфҳои V-VIII айни муддаост, зеро дар ин синфҳо аксаран таҳлили порчаҳои назмию насрӣ дар тӯли як соат ба сомон расонида мешавад. Аммо ин маънии онро надорад, ки дар синфҳои болоӣ аз равиши мазкури таҳлил даст кашид. Зеро хонандагоне, ки то дараҷи муайян нисбати масъалаҳои муҳимтарини ҳаёт фаҳмиш доранд, дар асоси диду ҷаҳонбинии эҷодкор ба риштаи таҳлил кашидани асари бадеиро бояд мукаммалан донанд.

Таҳлили асар аз дидгоҳи адиб басо манфиатбахш буда, барои афзудани мотиватсия дар хонандагон амалан арзиши хос дорад. Шартҳои муҳимтарини ин навъи таҳлил аз ҳамин иборат аст, ки тамоми ҷузъиёти асари бадеӣ, қисматҳои алоҳидаи он, лавҳа ва эпизодҳои ҷудогонаи асар дар асоси нуқтаи назари адиб ба панҷаи таҳлил кашида мешавад. Ҷиҳати дигари масъала аз он иборат аст, ки дар асоси равиши мазкур дараҷаи маҳорату ҳунар ва тарзи эҷодкории адиб дар корбасти лавҳаю эпизод, қисмату ҷузъиёти асари бадеӣ муайян карда мешавад. Ин тарзи таҳлил тақозо мекунад, ки қисмат ва ё бахшҳои ҷудогонаи асари бадеӣ аз назари муаллифи он ба таҳлил кашида шавад. Дар зер чанд мисол дар асоси асарҳои мухталифи эҷодкорон оварда мешавад, ки ба тарзи таҳлили мазкур тааллуқ доранд.

*а). **Мақсади Фирдавсиро аз тасвири образи Гурдофарид дар достони «Рустам ва Сӯҳроб» муайян кунед. (Тибқи образҳо).***

***б). Тасвири манзараи табиати дараи Ниҳон дар романи «Дохунда» ва мақсади услубии Айнӣ аз ин тарзи тасвир. (Тавассути пейзаж ва манзарапардозӣ)***

***в). Интихоби жанри тамсил дар маснавии «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ ва мақсади эҷодкор. (Ҷиҳати ғоявӣ)***

***г). Ҳусни таваҷҷӯҳи Низомӣ ба образҳои достони «Хайр ва Шар». Идеали шоир. (Аз ҷиҳати характерҳо)***

***д). Аз назари Низомӣ хирад чист ва арзиши гуфтаҳои ӯро дар мисоли порчаи шеърии «Дониш талабу бузургӣ омӯз» муайян кунед. (Афкори ахлоқӣ-эстетикӣ).***

***е). Рӯдакӣ «мардӣ»-ро бо кадом шартҳо ва хислатҳо» мепарастад? (Диди ахлоқӣ, гуманизмӣ)***

***ж). Сурат ва сирати подшоҳи одил аз назари Абдураҳмони Ҷомӣ (Дар асоси таҳлили достони «Хирадномаи Искандарӣ»)***

***з).Вазифа ва маҷбуриятҳои падару писар дар назди ҳамдигар. (Дар асоси таҳлили қисматҳои муайяни «Наводир–ул-вақоеъ» )***

Равиши таҳлили мазкур тақозо менамояд, ки асар дар асоси қисматҳо ва ба ҷузъҳо тақсим намудан таҳлил карда шавад. Яъне тамоми ҷузъиёти асар дар яклухтӣ ба таҳлил кашида намешавад. Вале муҳим ин аст, ки зимни таҳлил алоқамандии қисматҳои асар, ҷузъиёти он, унсурҳои шаклию мазмуни он дар пайвандӣ бо ғоя, мазмуну мундариҷа ва моҳияти асар ба инобат гирифта мешавад.

**Таълими асар тибқи образ ва таснифи он.** Таҳлили образҳои асосӣ ва персонажҳои асари бадеӣ яке аз шаклу намудҳои маъмул ва анъанавии таълими адабиёти бадеӣ аст.

**Ин навъи тањлил ду љињати судбахш дорад. Аввалан, хонанда дар тимсоли образи мусбї дар худ хислатњои комилро таљассум мекунад ва аз хислатњои манфури образњои манфї парњез мекунад. Сониян, одаму одамият, олами маънавї ва ташаккули пањлўњои људогонаи њаёти инсонро дар асоси образњо дарк мекунад.**

Таҳлили асар тибқи образҳо дар синфҳои V-VIII мушкилоти хосе дорад. Зеро дар ин синну сол хонандагон ба муҳокимаронии озоду мустақил доро нестанд ва аз ҷиҳати дигар дар онҳо таҷрибаи ҳаётӣ, ҷаҳонбинии амиқ дар таҳлили образҳо ва тадбиқи он дар ҳаёт ҳукму хулосабарорӣ басанда нест.

Дар синфҳои IX-XI вазъият дигар буда, таҳлили асар аз нуқтаи назари фардии ҳар як толибилм сурат мегирад. Аммо он ҳам нодуруст аст, ки таҳлили асар дар асоси таснифи образҳо танҳо аз синфи IX оғоз гардад. Заминаи асосии таҳлил маҳз дар синфҳои V-VIII гузошта мешавад. Аз ҷумла, дар асоси қиёси образу тимсолҳои ҳикояҳо ва жанрҳои хурди эпикӣ (латифа, афсона, ҳикоя, очерк ва ғ.) ба доираи таҳлил кашидани асар дар синфҳои поёнӣ низ имкон дорад. Аз ҷумла, қиёси образи Мушфиқӣ, Афандӣ ва Қазвинию Ҷуҳо дар асоси латифаҳои Убайди Зоконӣ ва адабиёти мумтоз, қиёси образи Одина ва Ятим дар қиссаҳои Айнӣ ва ғайра. Тибқи таҳлили муқоисаи образҳо наврасон, ки худ аз ҷиҳати психологӣ дар синни гузаришанд, мавқеи хешро дар ҷамъияту ҳаёт тадриҷан мешиносанд. Дар синфҳои поёнӣ таҳлили образҳо дар асоси се равиш (услуб) бояд ба сомон расонида шавад: а) тавассути хониши ифоданок, б) омӯзиши мустақилона, в) мусоҳиба ва мубодилаи афкор.

Дар синфҳои болоӣ (IX-XI)  тарзи таҳлил нисбатан мураккаб аст. Зеро таҳлил дар ин синфҳо ба унсурҳои дигар, аз ҷумла, масъалаҳои назарияи адабиётшиносӣ, принсипҳои этикӣ-эстетикӣ низ вобастагӣ дорад.

**Њини тањлили образ ба муаммоњои њаётии ќањрамон, шахсият, ахлоќ, мавќеи иљтимої, муњаббат, муносибати умумї, характер, тарзи гуфтор, рафтору кирдор, пиндор ва олами рўњонии ў бояд эътибор дод. Тањлили асарро тибќи образњо фаќат ба масъалањои ахлоќї бахшидан на он ќадар дуруст аст. Зеро ба масъалањои эстетикї, маданї ва њаёти маишии ќањрамон дида дўхтан њам арзиши муайяни методикї**

Дар таҳлили образҳо саволгузорӣ ва танзими пешакии он ҷавҳари масъаларо ташкил медиҳад. Масалан, ҳангоми таҳлили образҳои занон дар «Шоҳнома», омӯзгор метавонад силсилаи саволномаҳоро танзим диҳад. Аз ҷумла:

*а).**Мавқеи образи занон дар «Шоҳнома».***

***б).Таснифи образҳо дар асар.***

***в).Образи қаҳрамонзанҳо дар асар.***

***г).Симои Фарангис ҳамчун бонуи бовафо.***

***д).Симои Судоба ҳамчун зан аз назари шумо.***

***е).Гурдофарид ва тимсоли ӯ дар достони «Рустам ва Сӯҳроб».***

***ё).Таҳмина ва тимсоли ӯ.***

***ж).Тасвири Гурдофарид дар достон.***

***З).Дар ин лавҳа кадом образҳо ҳастанд?***

***и).Ҳусни таваҷҷӯҳи шумо ба кадом образ бештар аст?***

***й).Мағлуб шудани Ҳаҷир аз Сӯҳроб дар кадом сатрҳо ҳаст.***

***к).Аз рӯи суханҳои шоир симои Гурдофаридро тасвир намоед.***

Ҳамин тарзи саволгузорӣ дар синфҳои IX-XI моҳияту пайванди асарро ташкил дода, хонандаро водор месозад, ки ба шахсияти образ, чун инсони воқеӣ назар кунад ва дар ҳамин асос хулоса бароварда шавад, зеро ки дар зимни ҳар як образ алҳақ ахлоқ, нангу номус, одаму одамгарӣ устувор аст.

Дар асоси таҷрибаи омӯзгорон таҳлили асар баъзан дар асоси устухонбандии он сурат мегирад. Дар ин равиш қисматҳои алоҳидаи асар дар алоҳидагӣ ба панҷаи таҳлил кашида шуда, сипас дар асоси пайванди ҳар як қисмат мазмуни умумии асар дарк карда мешавад. Ин тарзи таҳлил аз он ҷиҳат номақбул аст, ки дар зимни мафҳуми композиция фаҳмиши васеъ дарк карда мешавад. Аз ҷумла, хати сюжет, нуқтаҳои пайванди он, силсилаи образҳо ва ғайра. Аз ин ҷиҳат ба ҳеҷ ваҷҳ ин навъи таҳлил тамоми маводи як асарро дар бар гирифта наметавонад.

***Таҳлили асар тибқи унсурҳои проблематикӣ ва масъалагузорӣ.***

**Масъалагузорї аз табиати асар падид меояд. Зеро маќсад аз офариниши њар як асар љавоб бар саволи муаммоии пањлўњои мухталифи њаёт аз нуќтаи назари адиб аст. Дарёфти саволи проблемавї ва ё муаммої аз асар асоси масъалаи умумии онро ташкил мекунад.**

Ин ҷиҳат ба дониши амиқи омӯзгор ва маҳорати пдагогию психологии ӯ вобастагӣ дорад. Саволи проблемавӣ аз саволномаҳои муқаррарӣ тамоман фарқ дорад. Ин гуна саволҳо ҷилои тоза дошта, хонандаро ба маҷрои муайяни ҳаёт равона месозад, вайро ба андешаҳои амиқ, фикрронии дақиқ, баёни муносибатҳои шахсӣ ва мулоҳизаронии озод водор месозад. Дар ҷараёни мунтазам истифода бурдани методи мазкур тафаккури таҳлилию мантиқии хонанда, дақиқкории ӯ нисбати масъалаи гузоришёбанда ташккул меёбад. Ба тариқи мисол дар зер қиёси саволҳои муқаррарӣ ва саволҳои муаммоӣ дар асоси достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ оварда мешавад.

**Саволҳои муқаррарӣ**

1. *Мақсад ва мароми асосии достон аз чӣ иборат аст?*
2. *Хусрав ва шахсияти ӯ дар достон.*
3. *Ширин ва муносибати ӯ ба ошиқон.*
4. *Образи Фарҳод дар достони «Хусрав ва Ширин».*

**Саволҳои муаммоӣ**

1. *Тараннуми мавзӯи ишқ дар достон ва назари шумо нисбати масъалаи ишқу ошиқӣ. Ишқ чист? Ошиқ кист?*
2. *Дар ишқ булҳавасӣ бо чӣ эзоҳ бояд ёбад? (Дар мисоли образи Хусрав).*
3. *Чаро «Муҳаббат чашмро кӯр месозад» мегӯянд (Қиёси ошиқии Фарҳод ба Ширин дар асоси ин масъала).*

Саволҳои проблемавӣ бояд ба назардошти муҳити таълиму тадрис, мактабу талаба ва деҳоту маҳал ба миён гузошта шавад. Саволи муаммоӣ бояд ба кулли ҷузъиёти асар пайвандӣ дошта, дар тору пуди он бояд сайр кунад. Саволи муаммоӣ бояд рехтаву мӯъҷаз бошад ва инчунин он ҷавобҳои мухталифу далелу бурҳонҳои зиёдеро тақозо кунад.

Ба таври хулоса гуфтан мумкин аст, ки ин масъала дар таҳлили асари бадеӣ мавқеи хос дошта, ташкили ин равиши кор аз омӯзгор дониши амиқ, маҳорати хос ва фаъолии умумии хонандагонро тақозо мекунад.

Асарҳои лирикӣ аз жанрҳои дигари адабӣ бо табиати офариниш ва хусусиятҳои худ фарқ мекунанд.

**!** **Мутаассиркунї, шўрангезї, њиссиётангезї ва дар ќалби инсон парваридани завќу лаззати эстетикї хоси ин навъи эљоди бадеї аст.**

Аз ин рӯ фаҳмиши мафҳуми шеър ва осори лирикӣ, таълиму таҳлили он яке аз муҳимтарин паҳлӯҳои таълими адабиёти бадеиро дар мактаб ташкил мекунад. Ин навъи таълим аз қадим вуҷуд дошта, бобати саноати бадеӣ ҳанӯз дар солҳои 300-уми пеш аз мелод фаразияҳои муайян вуҷуд дошт. Дар асоси падидаҳои илмии мукаммали олимони юнонӣ Афлотун ва Арасту афкори адабию эстетикӣ ва танқидии уламои машриқзамин дар асрҳои миёна тадриҷан инкишоф ёфт ва назарияи нисбатан ҷомеи фанни шеър такмил дода шуд. Тарзи талаффузи каломи бадеъ, қироати асари бадеӣ, риояи задаҳои мантиқӣ, таваққуф ва таҳлилу тафсир, нишон додани ҳусну қубҳи порчаҳои шеърӣ машғулияти ҳамешагии мадрасавӣ буд. Аз бар кардани шеър ё худ порчаи шеърӣ ва дар мавриди лозима ба кор бурдани он ҳамеша нотикро дастболо кардааст. Инчунин дар асоси таҷрибаҳо бояд зикр кард, ки бе хониши дурусту беғалат, дарки мазмуни шеърҳо имкон надорад. Аз ҳамин ҷиҳат, шеър натанҳо барои аз ёд кардан аст, балки аз хонанда баёни фикр ва таассуротро низ тақозо мекунад.

Дар баҳси масъалаи таҳлилу таълими шеър омӯзгорон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: Бархе аз онҳо бар он ақидаанд, ки ҳангоми таҳлили шеър ба муҳокима гирифтани тамоми паҳлӯҳои он зарурат надорад. Гурӯҳи дигари омӯзгорон инро мӯътақиданд, ки таҳлили асарҳои лирикӣ танҳо дар синфҳои IX-XI манфиатбахш аст.

Таълими асарҳои лирикӣ дар мактаб дар асоси порчаҳои шеърии яклухт, дар асоси маводи китобҳои дарсӣ сурат мегирад. Ин амалиёт аз синфи V-оғоз гардида то синфи XI идома меёбад. Усули таълим мувофиқи мазмуну мундариҷаи асар, таҳлили он вобаста ба хусусият-ҳои синнусолии хонандагон зина ба зина, тадриҷан характери мураккаб касб менамояд. Таълим ва таҳлили осори лирикӣ аз хониши порчаҳои шеърӣ оғоз мегардад, ки ин чиз шиносоии хонандаро бо эҷодиёти шоирони мухталиф таъмин месозад.

## 2.Таълими асарҳои лирикӣ дар синфҳои V-VIII.

Дар синфҳои V-VIII хонандагон асосан бо қитъаҳои шеърии адибони номии адабиёти мумтозу муосир ошно мегарданд. Дар ин синфҳо такмили қобилияти зеҳнии хонандагон нисбати боигарии луғавии забон (дар асоси санъатҳои маънавию лафзӣ - маҷоз, рамз, киноя, муболиға, истиора, ташбеҳ, таҷнис), нисбати образнокии сухан, оҳангнокии каломи бадеъ ва дарки афкори эстетикии адиб фарз аст.

Ҷавҳари асосии таълими осори лирикиро дар синфҳои V-VIII хониши бурро ва хониши ифоданоки шеър ташкил медиҳад. Хониши намунавии муаллим дар ин маврид роли ҳалкунанда дорад. Ҷалб карда тавонистани таваҷҷӯҳи хонанда, ки дар асоси хониши ифоданоки муаллим амалӣ мегардад, роҳи ягона ва усули махсус буда, ҷои онро чизи дигаре гирифта наметавонад.

Зеро дар аксари ҳолатҳо, хонандагон ба хониши намунавии муаллим такя мекунанду зимни хониш ба он тақлид низ. Хониши бурро ва бенуқс дар фаҳмиши асар низ кўмак мерасонад.

! Хониши ифоданок танњо бо маќсади дарки мазмуну ѓояи асар набуда, балки барои фањмида тавонистани салосату балоѓат ва фасоњати каломи бадеъ низ истифода мешавад

Ҳангоми хониш ва таҳлили ашъори лирикӣ масъулияти тарафайн – (омўзгор ва хонанда) баробар аст.

**Шартҳои асосии омўзиши осори лирикї**

***Беѓалат, ифоданок ва бурро хондани порчаи шеърї.***

***Бошуурона ва бо њиссиёти баланд ќироат кардани шеър.***

***Образнок ва ба мавќеи зада, ист, ќофия, радиф риоя намуда хондани шеър.***

Ин омилҳо кифоят намекунанд, ки тамоми мазмуни асар дарк карда шавад. Бинобар ҳамин пас аз хониши якум фосилае таваққуф карда мешавад. Ин таваққуф ба хонанда имконият медиҳад, ки бори дигар ба матн диққат дода, ба мазмуни асар сареҳан сарфаҳм равад.

Дафъатан, чараёни таҳлили шеър дар синф шарт аст. Аммо ин таҳлил характери обзорӣ дошта, муаллим имконият дорад, ки дар асоси муҳокима ва мусоҳиба масъалаҳои асосии онро муайян созад.

**Интихоби тарз ва усулњои кор бо матни осори лирикї ба характер, хусусиятҳои жанрию услубї, хусусиятҳои синнусолї ва психологии хонандагон њамчунин ба табиати асари тањлилшаванда низ алоќаманд аст.**

Аз чумла, шеърҳое ҳастанд, ки онҳо характери нақлкунандагӣ доранд ва дар онҳо шахсияти муаллиф, амалиёти қаҳрамони лирикӣ падидор аст. Масалан, дар шеърҳои «Водии Ҳисор»-и М.Турсунзода, «Бўи чўи Мўлиён»-и Рўдакӣ ва ғайраҳо. Аммо дар ҳамин синфҳо ашъоре вомехўранд, ки персонаж дар сурати мавҳум аст. Ин чиҳат шарҳу тафсири хосеро дар муайян сохтани қаҳрамони лирикӣ ва шахсияти ў тақозо мекунад. Бинобар ҳамин таҳлил ва

роҳу услуби таълими ҳар як шеъри лирикӣ аз ҷониби муаллим вобаста ба табиати асар пешакӣ бояд ба нақша гирифта шавад. Ҳамчунин ҳар як навъи таҳлил вобаста ба табиати асари мавриди таҳлил ба мақсади дарс тобеъ бояд бошад. Таҳлили якранг ва берабт барои хонанда дилгиркунанда ва равиши он нодуруст аст.

**Сўњбат дар љараёни таҳлили асарҳои бадеї аҳамияти махсусро молик аст ва он тавре сурат гирад, ки фаъолияти фикрї, тарзи тахайюл ва тафаккури эмоционалии хонанда халал наёбад, зеро дар љараёни тањлил нуқтаи назари шахсии хонандаро муайян намудан ва ба он такя кардан муњим аст.**

Дар ҷараёни таҳлил ва мусоҳиба дар бораи ашъори лирикӣ муаллим набояд мавқеи бетарафиро интихоб кунад, балки дар ҷараёни таҳлил тадриҷан фикру мулоҳизоти хонандагон тасдиқ, инкор ё худ пурраву комил гардонида шавад. Маҳз, талаб карда мешавад, ки дар синфҳои V-VIII муайян кардани мавқеи қаҳрамони лирикӣ ва ё образи шоир аз мадди назар фаромўш нагардад, зеро асари лирикӣ бе шахсияти шоир тасаввурнопазир аст. Таҳлили шеър ва матни он ба хусусияти психологӣ, хусусияти синнусолӣ ва табиату характери асари омўхташаванда вобаста аст. Зеро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик шеърҳое ҳастанд, ки характери нақлӣ доранд ва шеърҳое ҳастанд, ки мазмунан мавҳум ҳастанд. Дар ин гуна ашъор ҳиссиёт, тахайюл, эҳтиросот, руҳият, бадеият, салосат, нафосат, муҳокот – образнокӣ, балоғат ва фасоҳат мавқеи муҳим дорад.

***Таълими асарҳои лирикӣ дар синфҳои IX-XI.*** Дар синфҳои болоӣ низ тарзу усули таълими ашъори лирикӣ чун дар синфҳои поёнӣ нигоҳ дошта мешавад. Вале маводи адабӣ ҳаҷман васеъ гашта, масъалаҳои умдаи назариявӣ; анвои жанрҳо ва махсусиятҳои он; моҳият ва характери жанрҳо, таърихи таҳаввул, услуби баён, тарзи нигориш, васоити тасвири бадеӣ, сабкҳои адабӣ, равияҳои адабӣ, таҳлили ашъор вобаста ба ҷараёну мактаби адабӣ дар маркази омўзиш қарор мегирад.

Дар ин синфҳо таҳлили асарҳои бадеӣ характери мураккаб доранд, зеро аксари жанрҳои бадеӣ мазмунҳои дақиқ, санъатҳои гуногуни бадеӣ, эъҷозии сухан, тахайюлу маъниҳои бикрро дар бар гирифтаанд. Аксаран рух медиҳад, ки дониш ва маҳорати хонанда дар кушодани маъниҳои нозук, кашф кардани санъатҳои бадеӣ басанда нест. Дар ин маврид ҳалли муаммоҳои мазкур бар зиммаи омўзгор аст.

Тарзи таълим ва таҳлилу тафсири асари лирикӣ дар синфҳои IX-XI вобаста ба мазмуну мундариҷаи жанрҳо, шаклу намуд ва ҳаҷми онҳо тағйирпазир аст. Роҳи умумии таҳлили асарҳо таҳлили яклухту муҳокимаи

васеъ буда, дар вобастагӣ бо ҳасби ҳоли адиб ба роҳ монда мешавад. Масалан, қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ, «Мунозира бо худо»-и Носири Хисрав, «Рубоиёт»-и Хайём, «Ғазалиёт»-и Ҳофизу Камоли Хӯҷандиву Ҷомӣ ва ғайра дар асоси услуби болоӣ таълим дода мешавад.

**Дар синфҳои болої тарзи таълими муќоисавии ашъори лирикї яке аз омилњои асосии њалли проблемавии масъала дар мактаб аст.**

Аз ҷумла, дар ин синфҳо маводи китобҳои дарсӣ аз ҷиҳати мавзӯъ вусъат ёфта, дар асарҳои ҳаҷман бузург зуҳур меёбанд. Аз ҳамин нуқтаи назар ин гуна асарҳо дар қиёси факту санад, бурҳону далели давраи муайяни таърихӣ омӯхта мешаванд. Масалан, мавзӯи тарғиби шоҳи одилу хирадманд дар адабиёти асри XII-XIV. Ҳангоми таҳлили ин гуна асарҳои калонҳаҷм, ки дар онҳо ғояи муҳимтарини адабиёти давр инъикос ёфтааст, новобаста ба шакли он ғояи асар мавқеи аввалиндараҷа дошта, таълими осори лирикӣ низ дар ҳамин асос сурат мегирад. Табиист, ки ҳангоми таълими осори ҳаҷман калони лирикӣ бо услуби муқоиса таҳлил характери обзорӣ мегирад.

Дар асоси саволу супоришҳо ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон жанри мукаммали лирикиро бо тамоми ҷузъиёту нозукиҳояш мавриди таҳлил қарор додан мумкин аст. Дар ин поя саволу супоришҳои омӯзгор бояд моҳияти ҷӯяндагӣ дошта, дар ташаккули шахсияти шогирд роли муҳим бозад. Дар синфҳои болоӣ омӯзгор аз ҷиҳати методӣ равиши мухталифи таҳлилро ба инобат гирад. Аз ҷумла: а) дар назар доштани амалиёти қаҳрамони лирикӣ дар ҷараёни таҳлил; б) дар ҷараёни таҳлил ба инобат гирифтани табиат ва хусусияти жанрии он; в) дар муқоиса таълим додани шеърҳо аз рӯи мазмун ва мундариҷа.

Дар синфҳои болоӣ ҳам хониши намунавии шеър ва қироати он аввал аз ҷониби омӯзгор, сипас аз ҷониби хонандагон амалӣ мегардад. Дар аснои хониш таваҷҷӯҳи хонандагон бояд ба се омил равона карда шавад:

1. ***Бошуурона тасаввур кардани манзара, воқеа ва ё лавҳаи ҳаётии шеър.***
2. ***Муайян намудани вазъият ва ҳолати руҳии дар шеър дарҷгардида.***
3. ***Фикру андеша ва назари хонанда нисбати шеъри мавриди таҳлил.***

Дар ҳамин асос зимни таҳлил дониши назарии хонандагон низ инкишоф дода мешавад. Зеро таҳлилу тафсири асарҳои лирикӣ дар таълими адабиёт як ҷиҳати масъала бошад, дар ҳамин асос такмил додани дониши назарии

хонандагон ҷиҳати дигар ва муҳимтарини масъала аст. Бехабарӣ аз назарияи шеър ва фаҳмиши маъниҳои нозуку эъҷозии каломи бадеъ, ки ба санъатҳои маънавию лафзӣ асос меёбанд, таҳлил ва тафсири ашъори лирикӣро дар муҳити синф имконнопазир мегардонад.




Аз бар намудани чунин хусусиятҳои шеър ҳамеша ба ду ҷараён сурат мегирад. Дар ҷараёни таҳлилу тафсир мӯъҷазию образнокии шеър ва дар аснои хонишу қироати он ҷиҳатҳои оҳангнокӣ, ифоданокӣ ва мавзунии шеър дарк карда мешавад.

Ин ҳама унсурҳои назарии шеър вобаста ба хусусиятҳои психологии хонандагон зина ба зина ботадриҷ аз синфи V-то синфи XI омӯхта мешавад ва дар синфи XI пурра ба анҷом мерасад. Дониши назарии хонандагони синфи XI оид ба мафҳуми шеър ва назм бояд мукаммалу дақиқ бошад.

Дар китоби методикаи таълими адабиёти тоҷик роҳ ва усулҳои мушаххаси тарзи таълим ва таҳлили осори лирикӣ баррасӣ нагардидааст. Аз нуқтаи назари мо бояд хонандагони синфҳои мактабӣ дар доираи масъалаҳои гуногун ба тарзи васеъ таҳлил намудани осори лирикиро омӯзанд. Ҳолон ки аксарияти хонандагон зимни мафҳуми шеър ва ё таҳлили асари лирикӣ танҳо ба наср баргардонидану накл намудани мазмуни зоҳирии шеърро мефаҳманд, ки амали дуруст нест. Аз ин рӯ, дар қарори зерин сурат гирифтани таҳлили осори лирикӣ мувофиқи мақсад аст.




Таълим ва тафсири ҳар як воситаи тасвири бадеӣ набояд дар тимсоли асари як адиб сурат гирад. Он ҷиҳат дуруст аст, ки ҳар яки ин унсурҳо ҳангоми таҳлили ҳар як асари адиб мунтазам ба эътибор гирифта шаванд ва шарҳу маънидод гарданд. Дар ҳамин асос хонадагонро нисбати такомул ва ташаккули тадриҷии эҷодиёти шоири ҷудогона марҳила ба марҳила, аз давраи муайян то ба давраи дигар ошно кардан мумкин аст. Инчунин дар ҳамин асос муаллим имконияти васеи муқоиса ва мувозинаи эҷодиёти ду шоирро дорад. Таълим ва тадриси масъалаҳои мухталифи назарияи адабиёт дар ҷараёни таълими асарҳои бадеӣ системаи муайян дошта, бояд дар асоси тамоюлоти силсилавӣ ва пайвандии мавзўъҳо ба роҳ монда шавад. Масалан, таснифоти масоили шеър ва авзони онро дар мактаб дар шакли зерин баррасӣ намудан мумкин аст:

**Омўзиши љузъиёт ва масъалањои назарияи шеър дар мактаб**

**Маънои аслї ва маљозии калимањо, вазни арўз ва хиљо (содда), қофия, радиф, санъатҳои бадеї, аз қабили: тавсиф, ташбењ ва муболиға, тазод, маљоз, истиора, рамз, киноя;**

**Образнокии сухан, ташхис, талмех, тањнис, масъалаи ќањрамони лирикї, руљўи лирикї, жанрҳои хурди лирикї, мавқеи қофия ва радиф дар шеър, қиёси жанрҳои хурди лирикї;**

**Вазни арўз (ба тариқи мукаммал ва муфассал), сабк ва услубњои эљодї, воситаҳои тасвири бадеї, таснифоти жанрї, таҳаввули жанрњои адабї: ќасида, ќитъа, рубої, ѓазал, маснавї, тазмин, назира, мусаммат ва навъњои он;**

**Хусусиятҳои анъанавї ва навоварона дар осори лирикї, лирикаи иљтимої, омилҳои ташаккул ва пайдоиши жанрҳои нави лирикї, шеъри сафед ва шеъри нав хусусият ва моњиятии онҳо, мафҳуми шеъри озод дар адабиёти навин.**

Одатан мафҳумҳои назарияи адабиёт дар асоси маводи китоби дарсӣ аввал ҳамчун истилоҳ шарҳу маънидод гардида, сипас дар асоси матн таҳлил карда мешаванд. Ин равиши таълим ба жанрҳои адабӣ низ тааллуқ дошта, шарҳу маънидоди васоити тасвири бадеӣ услуби дигареро тақозо мекунад. Аз ин мавқеъ, масъалаҳои назарияи шеър дар зимни системаи муайян ва тамоюли аз содда ба мураккаб тадриҷан гузаштан омӯхта мешавад. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили асарҳои лирикӣ мунтазам дар мадди назар доштани тамоми ҷузъиёти масъалаҳои назарияи шеър, қоида ва қонунияти каломи бадеъ дар гузашта ва имрӯз дар инкишофи тафаккури бадеиву идеявӣ, ахлоқию эстетикӣ ва такмили дониши назарии хонандагон аҳамияти ҷудогона дорад.

Ҳар як жанри адабӣ махсусиятҳои омӯзиши худро дорост. Аз ин ҷиҳат равиши таҳлилу тафсири асарҳои эпикӣ аз табиати ҳар як жанр муайян мегардад. Азбаски эпос яке аз жанрҳои калони адабӣ аст, таҳлилу тафсири хусусиятҳои ин навъи эҷоди бадеӣ дар доираи мукаммалу васеъ, ба тариқи муфассал сурат мегирад. Дар китобҳои дарсии мактабҳои миёна нисфи маводи таълимиро жанрҳои эпикӣ - латифа, афсона, ҳикоя, қисса, роман ташкил мекунанд. Ин ҷараён бо назардошти хусусиятҳои жанрии асарҳои эпикӣ аз синфи V- то синфи XI дар асоси тамоюли пайдарҳамӣ давом мекунад. Бинобар қобилияти психологии хонандагон таълими асарҳои эпикӣ дар мактабҳои миёна ба ду давра тақсим мешавад:

**I. Омӯзиши асарҳои эпикӣ дар курси хониши адабӣ (дар синфҳои V-VIII).**

**II. Омӯзиши монографии асарҳои эпикӣ дар курси таърихи адабиёт.**

**Њангоми омўхтани асарњои эпикї бояд масъалањои зерин ба эътибор гирифта шаванд:**

- **Хусусияти синнусолї ва психологии хонандагон.**
- **Хусусиятҳои жанрии асарҳои эпикї.**

## Ҳаъм, забон ва услуби асари эпикӣ.

**<u>Ба эътибор гирифтани хусусиятҳои психологию синнусолии хонандагон</u>:** Дар ин зина муаллим вазифадор аст, ки хусусиятҳои фардии хонандагонро мушаххасан омӯзад. Азбаски синфи V зинаи махсуси таълим аст, ин принсип ба ҳисоб гирифта намешавад. Зеро ин курс оғози курси хониши адабӣ буда, дар он хусусият ва ҷиҳатҳои шавқоварии мавзӯъ ва мазмуни асар нуктаи муҳим аст. Инчунин дар ин синфҳо ҳаҷман калон будани асарҳо имконияти пурраи мутолиаро намедиҳад. Аксаран дар ин синф мутолиа ва таҳлили асар бештар дар асоси нақли муаллим сурат мегирад. Дар дастури таълимӣ ҷобаҷогузории мавзӯъҳо бояд аввал дар асоси таҳлили асарҳои хурди эпикӣ монанди латифа, ҳикояҳои хурд ва сипас дар асоси боб қисмати нисбатан калони асар ба роҳ монда шавад. Ҳамин тариқ дар ҳар як синф дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои синусолии хонандагон таълими асарҳои эпикиро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад аст. Муаллим бояд хонандаро зина ба зина бо равиши таҳлили мукаммали асарҳои бадеӣ омода созад. Ин ҷараён аз хонишу таҳлили афсонаву ҳикоя сар шуда то ба дараҷаи таҳлили қиссаву роман ва жанрҳои дигари мӯҳташами эпикӣ мерасад.

**Ба ҳисоб гирифтани хусусияти жанрии асарҳои эпикӣ:** Ин принсип бевосита ба табиату хусусияти асар тааллуқ дошта, зимни омӯзиши афсона ва ривоятҳо тасвирҳои мӯъҷазу ҳайратовар, тасвири муболиғанок, тарзи тасвири ғайривоқеии амалиёти қаҳрамонони асар, лаҳзаҳои иғроқӣ, сабку услуби соддаю равон, дар таълими жанри латифа, нозукию латифии қалам ва сухан, оҳанг ва мазмуни мутоибавӣ, ҳазлу тамасхур доштани он, дар шакли ҷамъбаст, мушаххас ва мӯъҷаз баён кардани фикр, дар таълими ҳикоя мушаххасии хати сюжет ва воқеаи нақлшаванда, амалиёти мӯъҷаз доштани қаҳрамони лирикӣ, дар повест тасвири амалиёту манзараи ҳаётии нисбатан васеътар, дар роман мӯҳташамии доираи мавзӯъ, масъалаҳои умдатарини ҳаёти воқеву иҷтимоӣ, таърихию фарҳангӣ, ахлоқию фалсафӣ характер ва хусусиятҳои фардии симоҳо, тасвирҳои мукаммали бадеӣ, моҳияти воқеаҳои умдаи замон, характери типикии ҷомеа дар мадди назар бояд қарор гирад.

**Ба ҳисоб гирифтани ҳаҷм, забон ва услуби баён:** Дар ин масъала барои омӯзгор ду равиш пешниҳод карда мешавад: а) Дар шакли яклухт, беихтисор омӯхтани асар. б) Дар асоси мувофиққунонии матни асар, бо ибораи дигар дар шакли адабтатсионӣ таълим додан ва таҳлил намудани асари бадеӣ. Дар таълими асарҳои эпикӣ пешакӣ ба ҳисоб гирифтани миқдори соати пешбинишуда ва ҳаҷми асари бадеӣ шарти муҳим аст. Интихоби усулу

омӯзиши асари эпикӣ яке аз масъалаҳои асосии методика дониста мешавад. Дар таърихи таълими адабиёт роҳҳои мухталифи омӯзиши асарҳои эпикӣ пешниҳод гардида буд. Аз чумла дар солҳои 20-30 асри XX аз рӯи мавзӯъ, дар солҳои 40-50 аз рӯи образ ва амалиёти қаҳрамонон, дар солҳои 60 таҳлили омехтаву яклухт, дар солҳои 70 таҳлили муаммоӣ дар амал будааст.

Таҳлили асари бадеӣ аз рӯи образҳо тақозо мекунад, ки дар маркази диққати омӯзгор ва хонандагон образҳои асар ва мавқеи амалиёти онҳо қарор гирад. Дар чараёни таълими асарҳои эпикӣ дар асоси масъалагузорӣ ва ё ба ибораи дигар таълими муаммоии асарҳо арзиши махсус дорад.

**Таълим аз нуќтаи назари яклухту омехта равиши таълимиеро дар бар мегирад, ки асар дар асоси муњокимањо бобати образ, забону услуб, хати сюжет омўхта мешавад.**

Таъкид бамаврид аст, ки асари бадеӣ ҳамеша бо як роҳ ва як меъёр омӯхта намешавад. Асарҳои эпикӣ новобаста ба ҳаҷмашон бо назардошти ҷузъҳои таркибӣ ва махсусиятҳои худ дар асоси принсипҳои мухталиф бояд мавриди таҳлил қарор гирад. Дар асоси тамоюлоти зерин таҳлил намудани асари бадеӣ аҳамияти ба худ хос дорад:

а). Муайян карда тавонистани масъала ва мавзӯи асосии асар. Ин ҷиҳатро муаллим метавонад дар ҷараёни дарс дар се маврид баён созад. Пеш аз хониши матни асар, ҳангоми омӯзиши бевоситаи асар ва пас аз хониши асар.

б). Дар асоси сюжети асар. Ин ҷиҳати таҳлил хонандаро ба донистани моҳияти ғоявию бадеии асар водор месозад.

**Дар мавриди тањлили асари бадеї дар асоси сюжет аз рўи наќшаи муайян ќисм ба ќисм тањлил кардани асари эпикї тавсия карда мешавад. Дар асоси унсурњои сюжет - пролог, экспозиция, гирењбандии воќеа, инкишоф, конфликт (зиддият), ављи воќеа, ќать ва эпилог ташкил кардани наќл дар омўзиши асари бадеї дар синфњои VII-XI мувофиќи маќсад аст.**

Пай дар пай мавриди тахлил қарор додани қисматҳои сужети асар дар омӯзиши асарҳои эпикӣ бояд риоя гардад. Дар китобҳои дарсӣ чандин асарҳо адибон дар асоси ба инобат гирифтани сужети асари бадеӣ таълим дода мешавад.Аз чумла, дар синфҳои поёнии мактаб таълими қиссаи «Одина» ва «Марги судхӯр»-и Айнӣ, дар синфҳои болоӣ таълими баъзе аз достонҳои «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ, достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ ва ғайраҳо аз

ҳамин қабиланд. Мутаассифона ба ин масъала аксарияти муаллимони мактабҳои миёна эътибор намедиҳанд ва дар натиҷа хонанда аз банду баст ва сохтори асари бадеӣ бехабар мемонад. Ин пеш аз ҳама зимни ҳусни таваҷҷӯҳи махсус надоштани муаллим нисбати масъалаҳои назарии адабиёт, дониши мукаммал надоштани ӯ, бештар ба мазмуни зоҳирии асар эътибор додани ӯ сурат мегирад, ки ҳатман дар ҷараёни таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ ислоҳ бояд гардад.

в). Дар асоси таҳлилу тафсири образҳои асари бадеӣ. Дар ин маврид қаҳрамони асосии асари бадеӣ аз силсилаи образҳои асар ҷудо карда мешавад, характер ва шахсияти он дар вобастагӣ ба ғояву мазмуни асар таҳлил карда мешавад. Ҳангоми таҳлили образҳои асосии асар муайян кардани ҷузъҳои зерин зарур аст. Муносибати адиб ба образҳои асосии асар, нуқтаи назари нисбии муаллиф ба образҳои дигар, хусусиятҳои наби каҳрамони асар, муносибати қаҳрамон ба персонажҳои асар, хислат ва хулқу атвори ахлоқии қаҳрамон ва ғайра. Баъди таҳлил навиштани тавсифнома дар хусуси образҳои алоҳидаи асар (аз хонандагон) талаб карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳлили қиёсии образҳо дар дарс роҳи хеле муфид ва босамару шавқангез аст.

**Дар мавриди омўзиши забон ва услуби асарњои бадеї тарзи нигориш, навпардозињои услубї, назари борику нуктапардозињои адиб, зарофату нафосати калом, эъљози сухани адиб дар мадди назар ќарор мегирад.**

Аксаран рух медиҳад, ки дар муайян кардани хусусиятҳои услубӣ ва забонии асар дар тадқиқотҳо бо муайян кардани васоити тасвири бадеӣ маҳдуд мешаванд. Ногуфта намонад, ки аксаре аз муаллифони адабиёт таҳлили мазкурро мавқуф мегузоранд. Аммо дар асоси талаботҳои корҳои тадқиқоти замонавии имрӯза ҳангоми таҳлили асари бадеӣ аз ҷиҳати забону услуб ба масъалаҳои зерин диққат додан ҳатмист:

**Таҳлили асари бадеї дар асоси хусусиятҳои забон ва услуби он**

- **а). Аз бар кардани тамоми луѓатњои повараќ.**
- **б). Људо кардани калима ва ибороти номафњуми асар.**
- **в). Донистани санъатњои бадеии маънавию лафзї ва воситањои тасвири бадеї.**
- **г). Фарќ карда тавонистани сухани муаллиф аз сухани персонаж.**
- **д). Фарќ кардани услуби эљодии мумтоз ва муосир.**
- **е). Дарки маънои мањозии иборањои рехта.**
- **ё). Мукаммалан донистани ќонуниятњои нањвии забон адабї.**
- **ж). Баргардонида тавонистани матни классикї ба матни имрўза.**
- **з). Дар мавриди муайян њамчун иќтибос кор фармуда тавонистани матнњои классикї.**

Бояд гуфт, ки ҳаллу фасли ин масъала ба фаъолияти эҷодкории омӯзгор сахт марбут аст. Зеро муаллим метавонад, дар доираи имконияти худ масъаларо бо услуби хос, равиши мувофиқ ҳаллу фасл намояд. Аз ин мавқеъ, таҳлили осори эпикӣ дар шакли фавқ ва тарзу услубҳои болоӣ нисбатан дуруст

буда, ҳангоми таҳлили осори адибони ҷудогона дар дарсҳои адабиёт тавсия карда мешавад.

### Савол ва супоришот:

1. ***Аз таърихи таҳлили осори бадеӣ ва тарзи таълими онҳо.***
2. ***Принсипҳои асосии таълим ва таҳлили асари бадеӣ дар мактаб.***
3. ***Шаклҳои мухталифи таҳлили осори ҳунарӣ ва методҳои асосии он.***
4. ***Моҳияти асосии таҳлили асари бадеӣ аз нуқтаи назари адиб.***
5. ***Тавассути саволномаҳо, баҳсҳо, мунозираҳо ба таҳлил кашидани асар ва роҳҳои асосии он.***
6. ***Ду ҷиҳати хоси таҳлил: хониш ва таҳлили асари бадеӣ.***
7. ***Истифодаи ин навъи таҳлил дар синфҳои поёнӣ ва мушаххасоти он.***
8. ***Таснифоти методҳои асосии таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ.***
9. ***Хониши асари бадеӣ ва мушаххасоти он.***
10. ***Таҳлили асари бадеӣ ҳамчун рукни муҳимтарини таълими асарҳои бадеӣ.***
11. ***Принсипҳои таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ ва мушаххасоти он.***
12. ***Алоқамандии присипҳои таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ.***

### Китобиёт

#### Адабиёти асосӣ:

1. Программаи мактабҳои миёна. Адабиёти точик. – Душанбе: Маориф, 1987.

2. С.Давронов. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1989.

3. Т.Миров, Қ.Хоҷаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. Душанбе: Маориф,1991.

4. Т.Миров. Таълиму таҳлили асарҳои лирикӣ- Душанбе: Маориф, 1992.

5. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.

6. Дастури таълими адабиёт (барои синфҳои У-IX) Тошкент: 2003

7. Ваҳобов А., Қозиҷонов М. Таълими адабиёт дар мактаб. – Душанбе: Маориф, 1988.

8. Й. Юнусов. Педагогика – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. 380 саҳ.

#### Адабиёти иловагӣ:

1. Давлат таълим стандарти. Маърифат. - Тошкент, 1998, 13 май.

2. Аминов А., Воҳидов З. Иншо дар мактаби миёна. Душанбе: Маориф, 1985.

3. Қозиҷонов М. Корҳои хаттӣ дар машғулиятҳои хониши адабӣ. – Сталинобод, 1958.

4. Мирзоев А. Таълими таърихи адабиёти тоҷик дар синфи УШ. – Душанбе, 1982.

5.Тағоев Ш., Мирзоев А. Маҷмўаи диктант ва нақлҳои хаттӣ. – Душанбе, 1988.

6. Исломов Ш. Воситаҳои аёнӣ аз адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.

8. Ш.Тағоев. Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи УШ. – Душанбе: Ирфон, 1973.

9. М.Бақоев. ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ. – Душанбе: Дониш, 1975.

10. И.С. Брагинский. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968.

11. С. Умарова. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ дар мактаби миёна. (Дастури методӣ.)- Душанбе: Маориф, 1987.

## IV. САВОЛНОМАҲОИ ТЕСТ АЗ ФАННИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МАШҒУЛОТИ АМАЛИИ.

### *1.* Тарзи татбиқи графикҳои органайзерӣ дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик.

**Мақсади машғулот:** дар амал татбиқ намудани донишҳои назарӣ ва тарзи татбиқи тарзи таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ аз рӯи мавзӯъҳои мухталифи забон ва адабиёти тоҷик.

**Максади кор:** Аз худ намудани тарзи татбиқи роҳ ва усулҳои асосии таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ.

1. **Гузоришоти масъала:** Фаҳмиши мафҳуми таҳлил ва тарзи татбиқи онҳо дар амал. Шарҳ ва тавзеҳи истилоҳоти нав. Методҳои инноватсионии тақдимотӣ ва тарзи амалан татбиқ намудани онҳо. Методи сукрот ва дисукссия ва дебат дар ҷараёни таълим ва моҳтяти ин методҳо. Мавқеи таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда дар ҷараёни таълим. Шахсияти хонанда ва муҳимияти ба инобат гирифтани он дар ҷараёни таълим. Роҳҳои асосии тадбтқи ҷараёни таълим дар мактабҳри таълими ҳамагонӣ. Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он. Ҷараёни имрӯзаи таълим ва фанни адабиёт.

**Намуна барои иҷро намудани кор**

Аз шунавандагон ҳаллу фасл ва кушода мазмун ва моҳияти ҳар як графики органайзерӣ ва тарзи татбиқи он дар дарсҳои анъанавӣ ва ноанъанавӣ, афзалият ва нуқсонҳои асосии моделҳои дарс ва мушкилот дар ин самти кор.

**Саволҳои назоратӣ**

1. Мафҳуми таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ. Мазмун ва моҳияти ин мафҳумот.
2. Омилҳои интишор ва ташаккули технологияи нави таълим аз рӯи забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ.
3. Ҷараёни таълим ва тарзи ташкили он. Сохт ва структураи нави тарзи таълими забон ва адабиётшиносии тоҷик.
4. Тарзи таълими муаммоҳои забоншиносӣ адабиётшиносӣ ва дигарргуниҳои сифатию шаклии он дар асоси технологияи нави таълим.
5. Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълими соҳаҳои гуногуни илми забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ.
6. Зарурияти таҷдиди тарзи таълим ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.
7. Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими адабиёт дар мактаб.
8. Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва ҷараёни таълими нав.

**Адабиёт:**


1. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.

2. С.Х.Хўҷақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.
3. Т.Миров, Қ.Хоҷаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1991.

**Сайтҳои интернет:**

**http://www.skachatreferat.ru/**

tg.wikipedia.org› Абдурахмон Чомй
http://yandex.ru/Адабиёти+точик&clid
http://dic.academic.ru/
http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм...

***Машғулоти амалии 1.***

**Роҳ ва усулҳои асосии таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ дар асоси технологияи нави таълим**

**Мақсади машғулот:** дар амал татбиқ намудани донишҳои назарӣ ва тарзи татбиқи моделҳои наву ноанъанавии дарс, тарҳ ва сохт ва структураи маърӯза дар ҷараёни таълими забон ва адабиёти тоҷик.

**Максади кор:** Аз худ намудани тарзи татбиқи таҳлили лингвопоэтикӣ ва лингвостилистикӣ, ба инобат гирифтани сохтори нави он, маърӯзаҳои бинарӣ ва вебинарӣ.

**Гузоришоти масъала:** Сохт ва структураи маърӯза дар ҷараёни таълим, тамоюлоти асосии тарҳи маърӯзаҳо ва машғулоти амалӣ, татбиқи технологияи нави таълим дар ҷараёни маърӯза ва машғулотҳои амалӣ, маърӯзакунанда ва талаботи асосӣ ба маърӯзакунандаҳо. Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он. Ҷараёни имрӯзаи таълим ва фанни адабиёт.

**Намуна барои иҷро намудани кор**

Барои шунавандагон нишон додани тарҳи навини маърӯза ва шаклҳои инноватсионии он, тарҳи маърӯзаҳои шифоҳӣ, бинарӣ ва вебинарӣ.

**Саволҳои назоратӣ**

1. Тарзи татбиқи усулҳои лингвопоэтикӣ ва лингвостилистикӣ дар ҷараёни таълими асарҳои бадеӣ ва дигарргуниҳои сифатию шаклии он дарасоси технологияи нави таълим.
2. Тафаккури нави педагогӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули он дар ҷараёни таълими поэтикаи мумтоз ва таърихи забонҳои даврони қадим
3. Зарурияти таҷдиди тарзи таълими забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик ва ислоҳи ин соҳа дар ҷамъияти нав.
4. Аҳамият ва арзиши амалию назарии дигаргун сохтани тарзи таълими забон ва адабиёт дар муассисаҳои таълимӣ.

5. Тайёрӣ ба тарзи таълими масофавӣ. Муаллим, толибилм, маводи таълимӣ ва чараёни таълими нав.

**Адабиёт:**


4. Т.Миров, Қ. Хочаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти точик. Душанбе: Маориф,1991.
5. Т.Миров. Таълиму таҳлили асарҳои лирикӣ- Душанбе: Маориф, 1992.
6. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.
7. Й. Юнусов. Педагогика – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. 380 саҳ.
8. С.Х.Хўчақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти точик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.


**Сайтҳои интернет:**


**http://www.skachatreferat.ru/**

tg.wikipedia.org› Абдурахмон Чомӣ
http://yandex.ru/Адабиёти+точик&clid
http://dic.academic.ru/
http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм...


**Мавзу юзасидан тавсия этиладиган асосий адабиётлар:**


1. Таълим методлари мавзуидаги қисқа мудатли курснинг назарий - ўқув методлари. (Илмий- амалий ва услубий анжуман материаллари)- Тошкент: 2004. иккинчи бўлим.
2. С.Х.Хўчақулов. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти точик. Васоити таълимӣ-услубӣ. – Самарқанд: СамДУ, 2012.
3. Т.Миров, Қ.Хочаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти точик. - Душанбе: Маориф, 1991.

## VII. ГЛОССАРИЙ

| Термин | Тожик тилидаги шархи |
|---|---|
| **Илюстратсия** | Истифодаи васоити тасвирӣ-илюстративӣ ҳангоми таълим. Тавассути ин метод маълумот ба тарзи тасвирӣ ва ё ба воситаи символҳо, аломатҳо, фигураҳо расонида мешавад. |
| **Демонстратсия** | Муаллим тавассути ҳаракат ва дар асоси истифодаи асбобҳои махсус, предмет ё дигар васоитҳо вобаста ба маводи таълим дарси намоишӣ мегузаронад. Дар он қобилияти биноии хонанда такмил дода мешавад. |
| **Дарси моделизацияшуда** | Дарси моделизацияшуда воқеа ҳодисаҳои ҳаётию воқеиро дар шакли бозӣ дар асоси лоиҳаҳо ва нақшаҳои муайян ҳангоми дарс тавассути методҳои мухталиф тадбиқ кардан аст кардан, таъм ҳис кардан, ҳазм кардан, ламсидан. |
| **Бозии имитационӣ - тақлидӣ-сунъӣ** | Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданиро ба тарзи сунъӣ ва ё қалбакӣ тақлид намудан ва онро дар амал, дар чараёни дарс тадбиқ намудан. |
| **«Пинборд»** | Пинборд калимаи англисӣ буда, «pin» – мустаҳкам намудан, «board» – тахтаи синф аст. Методи мазкур шакли хаттии методи «ҳуҷуми ақлӣ» буда, бобати масъалаи муаммоӣ фикр ва мулоҳизоти хонандагон дар коғазҳои хурд нависонда мешавад ва онҳо дар тахтаи синф часпонида мешаванд. |
| **Тренинг** | Дар асоси дониши хонандаи фард ё гурӯҳи хонандагон ба роҳ мондани чараёни таълим. – Дар асоси ин услуб хонандагон аз рӯи мавзӯи муайян ё муаммову масъалаи маълум бо ҳамдигар ахборот медиҳанд, радду бадали фикр менамоянд ва донишу илми худро тавассути ахбороти мадиду кӯтоҳ бо дигарон ба ҳам мебинанд. |
| ***Конференция*** | Як навъи назорати марравӣ буда, асосан, дар давоми чорякҳо ё худ дар давоми соли хониш бамаврид гузаронида мешавад. Конференцияро дар асоси фаъолияти мустақилонаи хонандагон вобаста ба мавзӯъҳои алоҳида аз фанни адабтёт гузаронидан мумкин аст. Ташкили конференсияҳо аз муаллими фан эътибори махсусро тақозо менамояд,, зеро ҳар як анҷумани илмӣ мақсад ва мароми муайян бояд дошта бошад. |
| **Чархфалак.** | Методи ноанъанавӣ буда, дар асоси ин метод усули кор бо гурӯҳи хонандагон такмил дода мешавад, хонандагон дар асоси он малакаи бо чамоа кор карданро меомӯзанд, дар чамоа ба қарори маълум омаданро аз худ мекунанд. Методи мазкур дар шакли мизи мудаввар ё дар муҳити синф гузаронида мешавад. Муаллим саволи муаммоиро ба миён |

| | |
|---|---|
| | гузошта онро аз хонандае мепурсад. Такмили ҷавоби хонандаи аввал аз хонандаи дуюм, мукаммал намудани ҷавоби хонандаи дуюм аз хонандаи дигар пурсида мешавад то он ҷое, ки масъала пурра ҳал карда мешавад. |
| **Референдум** | Дар давоми дарс муаллим вазъияти баҳснокро ба вуҷуд меоварад ва онро идора менамояд. Дар ин шакли дарс фикру мулоҳизоти баҳспазири тарафҳоро ба овоз мондан, бобати ҳар як фикри манзургашта муқобилҳо, тарафдорон ва бетарафҳоро муайян кардан, шунидани далелу фикрҳо ва фактҳои тарафҳо, боз ба овоз мондани ҷавобҳо ва хулоса намудани мавзӯъ ва масъала ҷузъи муҳим аст. |
| **«Ҳуҷуми ақлӣ» - “Брейншторминг”** | Методи «ҳуҷуми ақлӣ» бо мақсади ташаккули тафаккури эҷодӣ, мантиқӣ, ва илмии хонандагон барои дар гурӯҳҳо ҳал кардани масъалаи эҷодӣ, нуктаҳои муҳимтарини мавзӯъ, интихоби саҳеҳтарин ва муҳимтарин роҳи ҳалли муаммо ва мушкилот, масъалаи ҷудогонаи эҷодӣ – илмӣ ва падид овардани ғояҳо, фаразҳо, тахминҳо, гипотезаҳо, дар бораи мавзӯи мавриди назар истифода бурда мешавад. |
| **Графикҳои органайзерӣ** | Графикҳои органайзерӣ (графикҳои схемавӣ, ҷадвалии ташкилкунанда) аз назари аввал ба ҳамон асбобҳои айёнии анъанавӣ монанд ҳастанд. Аммо ҳар як график ва ё диаграмма ба мақсадҳои муайяни таълимӣ ва услубӣ соҳиб аст. Дар асоси мушоҳидаҳо ба хулосае омадем, ки муаллими фан моҳият ва мазмуни мавзӯъро дуруст сарфаҳм нарафта, ҳатто ҷадвали оддие сохта наметавонад. |
| **Ҷадвали “ИНСЕРТ”.** | Дар ҷараёни хониши мустақилона, ва барои ба системаи муайян даровардани маълумотҳои нав, барои тасдиқи маълумотҳо, муайян намудани дақиқии онҳо, мушоҳида намудани онҳо, ба мавод ва материалҳои дарсҳои гузашта алоқаманд намудани онҳо аҳамияти махсус дорад. Ин ҷадвал барои дар ҷараёни хониш ба системаи муайян даровардани маълумотҳо аҳамияти махсусро молик аст. |
| **Кластер.** (*Кластер - даста, баста*) | **Кластер.** (*Кластер - даста, баста*) - роҳи сохтани харитаи ахборӣ, марказонидани мазмун ва моҳияти фикрҳои асосӣ, ва муайян намудани роҳи ҳаллу фасли масъала дар атрофи ягон омили муҳиму амиқ ҷамъ намудани ғояҳои гуногун аст. Он ба тарзи схема – диаграммаҳои гуногун дар шаклҳои чоркунҷа ва ё дар шакли доира дода мешавад. Арзиши ин хема дар ҳамин аст, ки фаъолиятро дар ҷараёни таълим метезонад, ҷараёни фикррониро ба системаи муайян медарорад, барои тасаввуроти озоду кушод замина фароҳам меорад. Онро схемаи таснифотӣ ва ё классификаторӣ низ номидан мумкин аст. |

| | |
|---|---|
| **Ҷадвали М/ДМ/Д** (Медонам, донистан мехоҳам, дониста гирифтам) | **Ҷадвали М/ДМ/Д** (Медонам, донистан мехоҳам, дониста гирифтам) дар асоси мавзӯъ, матни муайян, боб, параграф санҷиши дониши хонандагонро имконият медиҳад. Ин ҷадвал низ барои тафаккуроти системавӣ, танзим ва мураттабии фикрҳо, таҳлил намудан ташаккул додани малака ва маҳорати хонандагон, санҷиши ҷиддии донишҳои онҳо, муайян намудани савия ва ҳақиқати ҳол дар синф аҳамият дорад. |
| **Диаграммаи Венна** | **Диаграммаи Венна** – барои муҳокима, ҳаллу фасл ва муқосиаи ду ва зиёда ҷиҳатҳои як масъала ва ё паҳлӯҳои умумии он, ёки ба ҳам зид гузоштан ва ё ба мизон гузоштан масоили мухталиф истифода мешавад. Малакаи ба тарзи системанок фикр рондан, муқоиса намудан, таҳлил кардан дар тафаккури хонанда инкишоф меёбад. Диаграммаи Венна вобаста ба ҳаҷму мӯҳтаво ва меҳвару масштаби масъала ва мавзуъ аз ду ва ё се доира ташкил шуданаш мумкин аст. |

***Мавзӯъҳо барои корҳои хатмӣ***

1. *Принсипи анъанавият дар ҷараёни таълим.*
2. *Дарсҳои анъанавӣ ва арзиши онҳо дар ташкили ҷараёни нави таълим.*
3. *Сохтори дарсҳои анъанавӣ ва моҳияти таснифи дарс ба қисматҳои чудогона.*
4. *Имконияти таълимдиҳии муаллим ва дарачаи таълимгирии хонанда дар дарсҳои анъанавӣ ва меъёрҳои он.*
5. *Фарқ ва тафовутҳои дарси анъанавӣ аз модели дарсҳои ноанъанавӣ.*
6. *Принсипҳои таснифоти методҳои дарси анъанавӣ.*
7. *Афзалияти методҳои шифоҳӣ дар таълими фанни адабиёт дар мактабҳои умумтаълимӣ.*
8. *Мушаххасоти методҳои маърӯза ва сӯҳбат дар ҷараёни таълими адабиёт.*
9. *Структураи методи маърӯза ва тағйири сифатии он дар дарсҳои адабиёт.*
10. *Моҳият ва мушаххасоти модели дарсҳои ноанъанавӣ ва шаклҳои махсуси он.*
11. *Модели дарси кашфи падидаҳои тоза ва хусусиятҳои муштараки он бо методи тадқиқотӣ.*
12. *Модели дарси лоиҳавӣ дар ҷараёни таълим ва арзиши он.*
13. *Мушкилоти ташкили дарсҳои ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими имрӯза ва тадбиқи он дар дарсҳои адабиёт.*
14. *Мазмун ва моҳияти методҳои интерфаъол ва принсипҳои тадбиқи онҳо дар дарсҳои адабиёт.*

15. *Муаммои масъалагузорӣ дар дарс ва роҳу равиши ҳаллу фасли он дар дарсҳои адабиёт.*
16. *Меъёр ва мавриди истифодаи методҳои наву ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик.*
17. *Афзалият ва нуқсонҳои моделҳои дарси ноанъанавӣ дар шароити имрӯз.*

## БАНКИ КЕЙС

### Машқи 1.

| Машқ (Савол ва ҷавоб) | |
|---|---|
| **Савол** | **Методи тадқиқот чист ва кадом хусусиятҳоро дорост?** |
| **Ҷавоб** | **Методи тадқиқот** Нуқтаи баландтарини азхудкунӣ буда, аз рӯи фанни адабиёт ҳангоми омӯхтани курси таърихи адабиёт, дар синфҳои болоӣ истифода бурдан мумкин аст. Методи мазкурро муаллим мувофиқи хоҳиши худ, дар баррасии ягон муаммо ва ё мушкилоти хурде, ки ҳоло омӯхта нашудааст ва хонандагон имконият ва қобилияти дар ин бобат тадқиқот бурдан доранд |
| **Савол** | **Афзалиятҳои методи “ҳуҷуми ақлӣ” дар кадом қарор аст?** |
| **Ҷавоб** | а) дар гурӯҳҳо дар ҳамкорӣ кор кардан ва дарс омӯхтан дар асоси ба инобат гирифтани дониш, малака ва таҷрибаи ҳар як хонанда аз ҷониби дигарон андӯхта мешавад, маводи таълимӣ амиқтар омӯхта мешавад.<br>б) дар мобайни аъзоёни гурӯҳ ва дар байни гурӯҳҳои мухталиф мулоқоти зинда барқарор карда мешавад, баҳсу мунозираро ба вуҷуд меоварад, ҳамкорӣ ва ҳисси масъулиятшиносиро нисбати ҳамдигар ташаккул медиҳад.<br>в) ҳар як аъзои гурӯҳ барои дигарон низ масъул будани худро ҳис менамояд.<br>г) нисбат ба иҷрои корҳои мастақилона дар дарси мазкур вақт камтар сарф карда мешавад.<br>д) сифат ва дараҷаи таълимгирӣ дар ин шакли дарс нисбатан баландтар аст. |
| **Савол** | ***Графикҳои органайзерӣ чист?.*** |
| **Ҷавоб** | Органайзерҳои графикӣ (ташкилкунанда) – ба тариқи айёнӣ тақдим намудани чараёни муайяни фикрӣ аст. Албатта, ба ин фикр такя намудан мумкин аст. Моҳият ва арзиши органайзерҳои графикӣ дар ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки маълумотҳо дар вобастагӣ бо моҳияташон дар асоси таснифоти муайян ва зимни таркибҳои гуногун ба тариқи силсилавӣ дода мешаванд ва маводи таълимӣ дар пайвандии мавзӯӣ, дар алоқамандии ҳамдигар омӯзонида мешавад. Ба таркиби органайзерҳои графикӣ ҷадвалҳои гуногун, схемаҳои мухталиф, диаграммаҳо, кластерҳо ва васосити дигар дохил мешаванд, ки як – як бо онҳо шинос хоҳем шуд. |
| **Савол** | **Ҷадвали инсерт кадом аст ва хусусиятҳои онро муайян кунед.** |

| | |
|---|---|
| **Ҷавоб** | **Ҷадвали “ИНСЕРТ”.** Дар ҷараёни хониши мустақилона, ва барои ба системаи муайян даровардани маълумотҳои нав, барои тасдиқи маълумотҳо, муайян намудани дақиқии онҳо, мушоҳида намудани онҳо, ба мавод ва материалҳои дарсҳои гузашта алоқаманд намудани онҳо аҳамияти махсус дорад. Ин ҷадвал барои дар ҷараёни хониш ба системаи муайян даровардани маълумотҳо аҳамияти махсусро молик аст. Дар ҷараёни таълим муаллим аввал бо қоидаи инсерт шинос менамояд ва ба таври алоҳида ё гурӯҳҳо дар асоси матн ҳар як талаба ҷадвалро мувофиқи лаёқати худбо ишора валоматҳои шартӣ пур мекунад. |

**Машқи 2**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | **Кластер кадом аст?** |
| **Ҷавоб** | **Кластер.** (*Кластер - даста, баста*) - роҳи сохтани харитаи ахборӣ, марказонидани мазмун ва моҳияти фикрҳои асосӣ, ва муайян намудани роҳи ҳаллу фасли масъала дар атрофи ягон омили муҳиму амиқ ҷамъ намудани ғояҳои гуногун аст. Он ба тарзи схема – диаграммаҳои гуногун дар шаклҳои чоркунҷа ва ё дар шакли доира дода мешавад. Арзиши ин хема дар ҳамин аст, ки фаъолиятро дар ҷараёни таълим метезонад, ҷараёни фикррониро ба системаи муайян медарорад, барои тасаввуроти озоду кушод замина фароҳам меорад. Онро схемаи таснифотӣ ва ё классификаторӣ низ номидан мумкин аст. |
| **Савол** | **Ҷадвали медонам ва донистам, дониста гирифтам чист?** |
| **Ҷавоб** | **Ҷадвали М/ДМ/Д** (Медонам, донистан мехоҳам, дониста гирифтам) дар асоси мавзӯъ, матни муайян, боб, параграф санҷиши дониши хонандагонро имконият медиҳад. Ин ҷадвал низ барои тафаккуроти системавӣ, танзим ва мураттабии фикрҳо, таҳлил намудан ташаккул додани малака ва маҳорати хонандагон, санҷиши ҷиддии донишҳои онҳо, муайян намудани савия ва ҳақиқати ҳол дар синф аҳамият дорад. |
| **Савол** | ***Ҷараёни таълим чист ва моҳияти онро шарҳ диҳед.*** |
| **Ҷавоб** | ***Ҷараёни таълим*** – таъсири мутақобил ва фаъолияту муносибати байниҳамдигарии таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) ва маводи таълимист, ки ба мақсади муайяни донишандӯзӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни таълим асосан ду тараф: таълимдиҳанда (муаллим) ва таълимгиранда (хонанда) иштирок менамоянд ва маводи таълимӣ аз бар карда мешавад. **Ҷараёни таълим** равишест, ки дар он дониш, қобилияти шахсӣ-модарзодӣ ва таҷрибаву малака зина ба зина, тадриҷан афзуда |

| | |
|---|---|
| | мешавад ва вусъат меёбад. Дар асоси принципи роҳнамоӣ-дастурдиҳӣ ин ҷараёнро тезонидан мумкин аст, ки вазифаи муҳими муаллим аст. |
| **Савол** | **Диаграммаи Венна чист ва хусусиятҳои онро шарҳ диҳед?**. |
| **Ҷавоб** | **Диаграммаи Венна** – барои муҳокима, ҳаллу фасл ва муқосиаи ду ва зиёда ҷиҳатҳои як масъала ва ё паҳлӯҳои умумии он, ёки ба ҳам зид гузоштан ва ё ба мизон гузоштан масоили мухталиф истифода мешавад. Малакаи ба тарзи системанок фикр рондан, муқоиса намудан, таҳлил кардан дар тафаккури хонанда инкишоф меёбад. Дар асоси ҳамфикрӣ ҷуфт-ҷуфт сохтани диаграммаҳо ва мқоисаи фикру мулоҳизаҳои дар дохили диаграммаҳо дарҷгардида амали толибилмон аст. |

**Машқи 3**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | **Дар бораи технологияи нави таълим Беспалкон чӣ мегӯяд?** |
| **Ҷавоб** | «Технология» – калимаи юнонӣ буда, «технос» (techne) – маҳорат, санъат ва «логос» (logos) – фан, таълимот аст. Ин ифодаи луғавӣ моҳиятан ҷараёни замонавии технологияи таълимро комилан ифода намекунад. Он танҳо маънии луғавӣ асту халос. Ба маънии томи истилоҳияш мувофиқи гуфтаи олими рус В.Г.Беспалкон «Технологияи педагогӣ лоиҳаест, ки новобаста ба маҳорати педагогии муаллим муваффақият ва дастовардҳои педагогиро таъмин месозад ва ҷараёни ташаккули шахсияти талабаро кафолат медиҳад». |
| **Савол** | **Роҳҳои самарабахши ташкил намудани ҷараёни таълим дар кадом шаклҳо мувофиқи матлаб аст.** |
| **Ҷавоб** | • Маърузаи муаммоӣ;<br>• бинар маъруза;<br>• вебинар;<br>• интенсив-интерактив семинар;<br>• тренинг, видеотренинг;<br>виртуал маъруза ва дигарон |
| **Савол** | ***Методи харитаи идрок чист?*** |
| **Ҷавоб** | Методи харитаи идрок - усули баёни мавзӯъ ва ё маводи таълимӣ тавассути графикҳои махсус (Гарфикҳои органайзерӣ ва ғайра) буда, ахборот дар асоси системаи муайян ба тарзи муназзам ва тартиби муайян, дар шакли визуалӣ аз худ карда мешавад ва ҳамин гуна имконият падид меояд. |
| **Савол** | ***Шаклҳои истифода ва мақсад аз харитаи идрок кадом аст?*** |
| **Ҷавоб** | • Ба тарзи ҷамоавӣ баён кардани донишҳои нав дар ҷараёни маърӯза;<br>• Дар машғулоти семинарӣ санҷиши донишҳои назарӣ, мустаҳкамкунӣ, дар гурӯҳҳои хурд.; |

| | |
|---|---|
| | • Дар ҷараёни таълими мустақил – ба тарзи эҷодӣ кор кардан, ташаккули тафаккури мантиқӣ, ба тарзи индивидуалӣ; |

**Машқи 4**

| **Машқ (Савол ва ҷавоб)** | |
|---|---|
| **Савол** | ***Таҳлили методи – SWOT*** **чист ?** |
| **Ҷавоб** | ***Таҳлили методи – SWOT*** ғоя, ҷараён, таҷриба, таҳлили натиҷаҳои кор, тавассути муқоисаи масъалаҳои гуногун ҳал кардани муаммо, дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли мушкилот, мустаҳкамкунии донишҳои назарӣ, такрор, баҳогузорӣ, ташккули таҳлили аналитикиро падид меорад.<br>**S – (strength) –** ҷанбаъҳои пурқувват.<br>**W – (weakness) –** заиф, ҷанбаъҳои камқувват<br>**O – (opportunitu) –** имкониятҳо<br>**T – (tnreat) –** зиддиятҳо |
| **Савол** | **Дарси ҳамкорӣ ва ҳамҷоя кадом аст ва хусусиятҳои онро шарҳ диҳед ва дар ин ҷараён слайд тақдимотҳо чӣ гуна арзиш доранд?** |
| **Ҷавоб** | **Слайд-тақдимот -** ин воситаест барои тақдими маводи таълимӣ ба тарзи айёнӣ. Тавассути ин метод хонанда маводи азхудшавандаро қулай ва ба осонӣ аз худ мекунад. Барои кӣ, бо кадом мақсад, кадом маълумот ва барои чӣ қадар вақт муайян шудааст; слайд-тақдимотнабояд нутқи муаллимро айнан такрор кунад; Матни слайд барои аудитория маълум ва фаҳмо бояд бошад, бехато ва хоно бошад.; Ба тариқи фон бисёртар рангҳои сабук сафед ва сабз интихоб гардад хуб аст. |
| **Савол** | **Методи сукрот чӣ гуна метод аст?** |
| **Ҷавоб** | Методи сукрот барои; кушодани моҳияти аслии муаммо; дарёфти ҳалли масъалаи мураккаб; баргардонидани шубҳаву гумон ба фикрҳои қатъӣ, боваринок ва эътимоднок, мустаҳкам кардани донишҳои назарӣ; донистагиҳоро аз надонистагӣ ҷудо карда гирифтан; Таъминкарда тавонистани пайдарҳамии нутқ ва фикрзаруру аст. |
| **Савол** | **Хусусиятҳои муҳимтарини методи дебат кадом аст?** |
| **Ҷавоб** | Дебат аз қабили методҳоест, ки дар асоси татбиқи он барои шунавандагон имконияти дар хусуси масъала ва муаммои асосӣ фикру мулоҳизоти озоду кушод он фароҳам оварда мешавад.<br>Иштирокчиёни дебат дар баромади худ мисолҳо, исботҳо, бурҳону далелҳо ва фактҳои муайян меоранд ва барои фаҳмонидану мантиқан хулоса баровардан кӯмак мерасонанд. |

| | |
|---|---|
| | Дар дебат баён ва ё ифодаи ҳиссиёти иштирокчиён инчунин ба шахси дигар баҳо додан мумкин нест.<br>Дар натиҷаи дебат аз рӯи муаммои баррасишаванда ба тарзи қатъӣ хулосаи “ҳа” ва ё “не” бароварда мешавад. Фарқи дебат аз саволу ҷавоби муқаррарӣ дар ҳамин аст. |

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ АЗ РӮИ МОДУЛ

**Методика чист ва маънои луғавии онро шарҳ диҳед.**

*Методика илми хусусӣ ва соҳавӣ буда, ба таълиму тарбияи инсон нигаронида шудааст ва маънои он роҳ, равиш, услуб, усулро дорад.

Методика як соҳаи таълим аст.

Методика услуби махсуси таълим аст.

Методика илми хусусӣ ва соҳибӣ буда, ба таълиму тарбияи инсон нигаронида шудааст.

**Ҷавоби дурустро нишон диҳед.**

*Ҳама ҷавобҳо дурустанд.

Методика ҷамъи усулҳо, роҳҳои ба таври амалӣ иҷро кардани ягон корро ифода мекунад

Методика тамоюли иҷрои кор ё ягон амалро ифода мекунад..

Методика тарз ва усули аз дастури таълимӣ истифода бурданро муайян мекунад ва барои омӯзгорон роҳи самарабахши усули дарсдиҳиро нишон медиҳад.

**Ҷавоби мушаххас ва мантиқан дурусти маънои истилоҳии методикаи таълимро нишон диҳед.**

*Методика принцип ва дастурест, ки муаллим ҳангоми дарс аз он истифода мебарад ва ҳангоми дарс он муносибати ҳамдигарии муаллим, хонанда ва маводи таълимист.

Методика метод- роҳ ва усули таълим аст.

Методика дастур ва принципҳои дарсгузарӣ аст.

Методика усули оқилона истифодабарӣ аз китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ аст.

**Мақсад ва вазифаи асосии методикаи таълими адабиёт кадам аст?**

*Методикаи таълими адабиёт дастурест, ки ниёз ва эҳтиёҷоти муайяни талабаро бояд қонеъ гардонад ва роҳи аз ҳама самарабахши маводи адабиро нишон диҳад.

Омӯзиши дурустии маводи таълий ва нишон додани роҳҳои дурусти он.

Омӯзиши материалҳои гуногунии адабӣ (таърихи адабиёт, назария, таҳлил ва таҳқиқи асарҳои бадей).

Таъмин намудани босаводию бомаърифатии шогирдон.

**Асосгузори методикаи таълим ва поягузори қонуну қавоиди он кист?**

*М. Э Дюнӣ.

В. Н. Шулгин.

М. В. Крупенина.

Б. Г. Итнатев.

**Алоқаи фанни методикаро бо фанҳои дигар муайян кунед.**

*Ҳама чавобҳо дурустанд.

Педагогика ва психология.

Назарияи адабиёт ва таърихи адабиёт.

Этика ва эстетика, чамъиятшиносӣ ва услубшиносӣ.

**Принципҳои асосии танзими китобҳои дарсиро нишон диҳед.**

*Аз содда ба мураккаб гузаштан, пайдарҳамӣ, дастрасӣ, ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ.

Аз содда ба мураккаб гузаштан, пайдарҳамӣ.

Пайдарҳамӣ, дастрасӣ, таърихӣ.

Дастрасӣ, аз содда ба мураккаб гузаштан.

**Тафаккури нави педагогӣ ва тамоюлоти асосии онро нишон диҳед.**

*Зарурати обективӣ ва табии инсон барои омӯзиши илму дониш.

Моҳияти нави чараёни таълим.

Мавқеи таълимгиранда ва таълимдиҳанда дар чараёни таълим

Ба системаи нави таълим гузаштан ва тачдиди сохту структураи таълим.

**Чараёни таълим чист?**

*Таъсири мутақобили таълимгиранда, маводи таълим ва муаллим аст, ки ба системаи муайян даровардa шудааст.

Таъсири мутақобили таълимгиранда ва таълимдиҳанда.

Таъсири мутақобил, муносибати баръакс ва муносибати байниҳамдигарии таълимгиранда ва таълимдиҳанда .

Чараёни таълим сохти умумии таълим аст.

**Технологияи таълим чист?**

*Ҳамаи чавобҳо дурустанд.

Структураи муайяни таълим буда, роҳ ва равиш, тариқи омӯзиши маводи таълим аст.

Технологияи таълим дар замони тараққиёти ҳамчамъияти чаҳон барои тезонидани чараёни таълими аҳолӣ ва самаранокии он муҳим аст ва ҳамчунин барои бартараф намудани маҳдудияти фаолияти муаллим.

Технологияи таълим сохтории оптималии гирифтани ресурс ва имкониятҳои инсону техника, усулҳои махсуси таълимӣ ташкил намудани чараёни навигариҳо, ҳосил кардани донишу малака ва ташаккули маҳорат нигаронида шудааст.

**Фарқи асосии мафҳуми технологияи таълим аз “технологияи педагогӣ” дар чист?**

*Дар маънои луғавии онҳо.

Дар моҳияти онҳо.

Дар мазмун ва мақсади онҳо.

Дар ҳачми онҳо.

**Дар асоси технологияи нави таълим сохти чараёни таълимро муайян намоед.**

*Таълимдиҳанда, шакли таълим, методҳои таълим, воситаҳои таълим, мазмуни таълим, натичаҳои таълим.

Мақсад, мазмун ва моҳияти таълим, маводи таълим, мониторинг, шакли таълим.

Мақсад ва арзиши таълим, таълимгиранда, таълимдиҳанда ва маводи таълим.

Мониторинг, арзишдиҳӣ, натичаи таълим, мазмуни таълим, таълимдиҳанда, хулосаҳо .

**Моделҳои таълим кадомҳоянд?**

*Модели анъанавии ва ноанъанавии таълим.

Модели хониш ва дарси моделизацияшуда

Модели тадқиқотӣ, дарси моделизацияшуда, дарси ҳамчоя.

Модели хониш, модели тадқиқотӣ, модели ҳамчоя ва ҳамкорӣ, дарси моделизацияшуда.

**Қисмҳои асосии дарси анъанавӣ кадомҳоянд?**

*Қисми ташкилӣ, пурсиши вазифаи хонагӣ, такрори дарси гузашта, тайёрӣ ба дарси нав, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунии дарси нав, супориши вазифаи хонагӣ, эълони баҳо.

Муқаддима, пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунӣ, супориши вазифаи хонагӣ.

Қисми ташкилӣ, такрори дарси гузашта, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунии мавзӯи нав, анчоми дарс, супориши вазифаи хонагӣ.

Ҳамаи чавобҳо дурустанд.

**Шаклҳои асосии дарси ноанъанвиро зикр кунед.**

*Тадқиқотӣ, моделизацияшуда, ҳамкорӣ ва ҳамчоя.

Ҳамкорӣ ва ҳамчоя, тадқиқотӣ, маърӯзавӣ.

Хониш, моделизацияшуда, тадқиқотӣ.

Эчодкорона, ҳамчоя, моделизацияшуда, гурӯҳӣ.

**Методҳои асосии дарси анъанавиро аз методҳои дарси ноанъанавӣ чудо кунед.**

*Маърӯза, сӯҳбат, мулоқот, муҳокима, муқоиса.

Маърӯза, сӯҳбат, мушоҳида, муҳокима, индукция, тадқиқот.

Маърӯза, сӯҳбат, дедукция, мушоҳида, мулоқоти чуфт.

Маърӯза, сӯҳбат, дедукция, индукция, муқоиса, мулоқот дар гурӯҳ, тадқиқот, тасвирӣ.

**Методҳои таълимиро аз рӯи мазмун ва моҳияташон тасниф намоед.**

*Методҳои шифоҳӣ, тасвирӣ, намоишдиҳӣ, интерфаъол.

Методҳои шифоҳӣ,

Интерфаъол, даҳонӣ, тасвирӣ, маърӯзавӣ.

Хониш, хаттӣ, ноанъанавӣ.

**Структураи методи маърӯзаро нишон диҳед.**

*Заминаи маърӯза ва мавзӯъи он, асоснок намудани мавзӯъ бо алоқамандии мавзӯъҳои гузашта, риояи структураи чумлаҳои мантиқӣ ва пайдарҳамии онҳо, чамъбаст ва хулосаи маърӯза.

Содда баён кардани фикр, кӯтоҳ баён кардани фикр, равонии нутқ.

Ба тарзи аёнӣ баён кардани фикр, истифодаи чумлаҳои содда ва оддӣ.

Дохилӣ ва хоричӣ.

**Методҳои интерфаъол кадомҳоянд?**

*Лоиҳа, саволу чавоб, тета поя, машғулоти амалӣ, мустақилона, мулоқот.

Саволу чавоб, мушоҳида, мулоқот, пинборд.

Тета поя, мушоҳида, сӯҳбат, тадқиқот, машғулоти амалӣ.

Баҳсу мунозира, тадқиқот, саволу чавоб, маърӯза.

**Зинаҳои асосии методи "ҳучуми ақлӣ"-ро нишон диҳед.**

*Тайёрӣ ба дарс, қисми ташкилӣ, шиносоӣ бо қоидаҳои метод, мақсади дарс, баёни ғояҳо, таҳлил, чамъбасти таҳлил, баҳогузорӣ.

Мазмуни фаолияти маллим, эълони мавзӯъ, шиносоӣ бо талаботи асосӣ, ғоя ва фикрҳои хонанда.

Тайёрӣ ба дарс, муқаддима, қисми ташкилӣ, баёни ғояҳо, таҳлил, чамъбасти таҳлил.

Тайёрӣ ба машғулот, муқаддима, баёни ғояҳо, таҳлил, чамъбасти таҳлил, баҳогузорӣ.

**Зинаҳои асосии таълими адабиёт дар мактаби миёна аз рӯи таълим.**

*Эзоҳӣ, адабӣ, таърихи адабиёт.

Томактабӣ, ибтидоӣ, синни миёнаи мактабӣ, синни болоӣ.

Хониши эзоҳӣ, бадеӣ, назарӣ-таърихӣ.

Эзоҳӣ, ифоданок, назарӣ-илмӣ.

**Тафовути асосии зинаҳои таълими адабиёт дар мактаб.**

*Аз чиҳати принсип ва чобачогузории маводи таълимӣ.

Аз чиҳати принципҳои омӯзиш.

Аз чиҳати мураккабии мавзӯъҳо.

Аз чиҳати хронологияи мавзӯъҳо.

**Мундаричаи умумии дастури таълимӣ дар курси хониши адабӣ аз чӣ иборат аст?**

*Фолклор, очеркҳои хурд дар бораи адибон, таҳлили мухтасари асарҳои бадеӣ, масъалаҳои муайяни назарияи адабиёт, материалҳои барои хониши мустақилона, луғат ва саволу чавобҳо, материали илюстративӣ.

Фолклор, тарчумаи ҳоли эчодкорон, тавсифи мухтасари асарҳои бадеӣ, ҳаёт ва фаъолияти вакилони адабиёти хорича, ва саволу чавобҳо.

Фолклор, тарчумаи ҳоли эчодкорон, бобҳои муайяни асари бадеӣ, адабиёти халқҳои бародар, луғат ва саволу чавобҳо, материалҳои демонстрационӣ.

Муқаддима, фолклор, тарчумаи ҳол, тавсифи мухтасари осори бадеӣ, порчаҳои мухталиф аз эчодиёти адибони хорича, луғат ва саволу чавоб.

**Мундаричаи асосии танзими китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии адабиёт барои синфҳои болой аз чӣ иборат аст?**

*Муқаддима, мавзӯъҳои обзорӣ, мавзӯъҳои монографӣ, мавзӯъҳои назарияи адабиёт, эпиграфҳо, саволу супоришот, материалҳои ороишдиҳӣ, луғат.

Мавзӯъҳои обзорӣ, тарҷумаи ҳоли адибон, тавсифи мухтасари осори бадей, луғат, саволу супоришот,

Фолклор, мавзӯъҳои обзорӣ, мавзӯъҳои монографӣ, назарияи адабиёт, саволу ҷавоб, луғат.

Мавзӯъҳои назарияи адабиёт, мавзӯъҳои танқиди адабӣ.

**Принципҳои асосии таълими мавзӯъҳои назарияи адабиёт дар синфҳои поёнӣ.**

*Дар асоси тамоюлоти аз содда ба мураккаб гузаштан, зина ба зина омӯхтани мавзӯъ.

Мухтасаран ва ба тарзи содда омӯхтани мавзӯъ.

Мувофиқи мавзӯъ ва мазмуни дарс омӯхтани мавзӯъ.

Дар асоси маводи китоби дарсӣ ва мувофиқи дастури таълимӣ омӯхтани мавзӯъ.

**Масъалаҳои асосии назариявӣ дар синфҳои поёнӣ.**

*Жанрҳои фолклорӣ, санъатҳои бадей, персонаж ва пейзаж дар асари бадей, сюжети асар, воситаҳои тасвири бадей.

Жанрҳои фолклорӣ, образҳои бадей, Жанрҳои фолклорӣ, санъатҳои маънавӣ ва лафзии шеър, сюжети асари бадей.

Сюжети асар ва мазмуни он.

Жанрҳои фолклорӣ, санъатҳои маънавӣ ва лафзии шеър, сюжети асари бадей.

**Методҳои асосии омӯзиши мавзӯъҳои обзорӣ.**

*Индукция ва дедукция.

Индукция, дедукция, таърихӣ, муқоисавӣ.

Тарихӣ ва муқоисавӣ.

Сӯҳбат, маърӯза, таърихӣ, мулоқот.

**Масъалаҳои асосии омӯзиши мавзӯъҳои обзорӣ аз фанни адабиёт.**

*Ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, мактаб ва равияҳои адабӣ, сабкҳои адабӣ, таҳаввул ва ташаккули жанрҳо.

Ҳёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, чеҳраҳои адабӣ.

Масъалаҳои сиёсӣ, таърихӣ, ичтимоӣ, маданӣ ва фарҳангӣ.

Ҳаёти сиёсӣ, маданӣ , чеҳраҳои адабӣ, масъалаҳои танқид ва назарияи адабиёт.

**Ҳангоми омӯхтани асари бадей дар мактаби миёна кадом талаботҳо ба инобат гирифта мешаванд?**

*Хусусияти синнусолӣ ва психологияи талабагон.

Мувофиқати услуби омӯзиш бо принципи омӯзиш.

Ба инобат гирифтани вазифа ва моҳияти усулҳои таълим, мазмун, мундарича ва ҳачми маводи таълим.

Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**Ҳангоми таҳлили асарҳои бадей кадом методҳои таълимӣ истифода мешаванд.**

*Индукция ва дедукция, сӯҳбат, накл, қироат.

Сӯҳбат, накл қироат,

Мустақилона омӯхтани асар чузъй.

Муқоиса, мушоҳида.

**Индукция чист?**

*Методи мантиқиест, ки дар асоси принсипи аз чузъй ба куллиёт гузаштан дар дарсҳои адабиёт осори бадей таҳлил карда мешавад.

Усули психологии таълими асари бадей аст.

Аз умумӣ ба хусусй гузаштан аст.

Методи педагогиест, ки дар асоси аз хусусй ба умумӣ гузаштан ва аз чузъиёт ба куллиёт гузаштан аст.

**Дедукция кадом метод аст?**

*Методи мантиқиест, ки барои хулосабарорӣ ва натичабардорӣ дар асоси аз умумӣ ба хусусй гузаштан ва куллиёт ба чузъй гузаштан асари бадей таҳлил карда мешавад.

Методҳои махсуси педагогика ва психология буда, ҳангоми таҳлили чиҳатҳои умумии асар истифода мешавад.

Методи махсуси психология аст, ки барои хулосабарорӣ истифода мешавад.

Аз умумӣ ба хусусй гузаштан аст.

**Чавҳари асосии методи сӯҳбатро чи ташкил менамояд?**

*Саволу чавоб, таҳлил, хулоса, чамъбаст

Мушоҳида, муколама, диалог, таҳлил..

Саволу чавоб, хулоса.

Саволу чавоб, мушоҳида, мулоқот, таҳлил, хулоса.

**Сӯҳбати эврестикӣ чист?**

*Муколамае, ки дар асоси радду бадали фикрҳо ва саволу чавоби мукаммалу мушаххас гузаронида мешавад.

Сӯҳбати кӯтоҳе дар бораи масъалаҳои мухталиф.

Сӯҳбате, ки дар асоси саволҳои мухталифи гуногунҳачм гузаронида мешавад.

Сӯҳбати мухтасар

**Арзиши методи сӯҳбат бештар ҳангоми омӯхтани кадом қисми асари бадей ва таҳлили он зоҳир мегардад?**

*Ҳангоми пайдар пай ва зина ба зина омӯхтани сюжети асари бадей.

Ҳангоми омӯхтани мазмун ва мундаричаи ғоявии асари бадей.

Ҳангоми омӯхтани образҳои асоии асарҳои бадей.

Ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои жанрии асари бадей.

**Методи нақл чист ва намудҳои он кадом аст?**

*Нақл методи даҳонй-шифоҳи буда, ба 4 намуд: нақли муаллим, нақли хонанда, нақли устоди сухан ва нақли муаллиф тақсим мешавад.

Нақл методи шифоҳист ва бевоситаю бавосита мешавад.

Нақл методи анъанавист ва пурраю нопурра мешавад.

Нақл методи даҳонӣ буда шакли мухтасар ва мукаммал дорад.

**Намудҳои методи қироатро нишон диҳед.**

*Декламационӣ ва хониши овозӣ.

Хониши эзоҳӣ ва бадей.

Хониши ифоданок ва оддӣ.

Қироат, овозӣ ва хомӯшона.

**Методи тадқиқотӣ ҳамчун методи анъанавӣ.**

*Тадқиқот зинаи баланди фаъолиятнокии хонанда буда, барои амиқан дарк намудан ва комилан фаро гирифтани тамоми чузъиёти мавзӯъ лозим аст.

Тадқиқот зинаи баланди фаъолиятнокии муаллим буда, барои амиқан дарк кардани мавзӯъ лозим аст.

Методи тадқиқот дар асоси масъалаҳои чузъитарини асар бо супориши муаллим гузаронида мешавад.

Чустучӯ намудан дар бораи мавзӯъ.

**Арзиши методи тадқиқотиро нишон диҳед.**

*Хонандаро ба чустучӯ кардан, фикр намудан, таҳлил намудан ва хулоса баровардан одат мекунонад.

Малака ва маҳорату дониши хонандаро такмил медиҳад.

Дониши назарӣ ва илмии хонандаро мустаҳкам менамояд.

Хусусиятҳои фардию фазилатҳои фардии талабаро такмил медиҳад.

**Принципҳои асосии таҳлили асари бадеиро нишон диҳед.**

*Ба ҳисоб гирифтани алоқаи асар бо ҳаёт, таърихӣ, ягонагии шакл ва мазмун, тарбиявӣ ва маърифатӣ, муқоисавӣ, робитаҳои адабӣ.

Ба тарзи хронологӣ ва пай дар пай омӯхтани асар.

Муайян намудани асар бо заманаҳояш, робитаҳои адабӣ, алоқаи асар бо ҳаёт.

Муайян кардани аҳамияти асар аз чиҳати арзиши сиёсӣ, ичтимоӣ, иқтисодӣ ва тарбиявию ахлоқӣ.

**Мушкилоти таҳлили асари бадей ва моҳияти онро нишон диҳед.**

*Хусусиятҳои фардии талаба, қобилияти фаҳмиш, номутаонсибӣ ва мухталифии хусусияти синнусолӣ ва рӯҳӣ , мухталифи қобилияти дарккунии талаба.

Гуногунии хусусиятҳои синнусолӣ

Мухталифии дарачаи дониши талаба .

Набудани маводи таълимӣ , ба инобат нагирифтани хусусиятҳои жанрӣ, дарк карда натавонистани маҳорати эчодии нависанда ва ё шоир.

**Рукнҳои асоси таҳлили асари бадей кадомҳоянд.?**

*Хониш ва таҳлили асари бадей.

Таҳлил ва тафсири асари бадей.

Таҳқиқи сюжет, образ ва мазмуну мундаричаи ғоявии асаари бадей.

Таҳлил, хониш ва таҳқиқи асари бадей.

**Ҳангоми хониши асари бадей каддом чиҳатҳо муҳиманд.?**

*Хусусияти синнусолй, шакл ва намуди асар, мазмун ва мундаричаи ғоявй ва хусусиятҳои жанрии асар.

Мазмун ва мундаричаи асар, ҳачми он.

Ҳачм, шакл, структураи асар.

Маҳороати адиб, шакли асар, дарачаи дониш ва маҳорати талаба.

**Ҳангоми таҳлили асарҳои лирикй бештар кадом метод муфидтар аст.**

*Сӯҳбат .

Маърӯза

Мушоҳида

Тадқиқот ва мулоқот.

**Усули муфидтарини таҳлили порчаи шеърй кадом аст.**

*Дар асоси санадҳои " Қуръони карим " ва иқтибосоти мухталиф.

Ба наср баргардондани порчаи шеърй.

Дар асоси саволу чавоби мухталиф .

Дар асоси ба инобат гирифтани ҳачм ва шаклу жанри асар.

**Ҳангоми таҳлили осори лирикй кадом масъалаҳои назарии шеър ба инобат гирифта мешавад?**

*Хусусиятҳои наҳвии шеър, образнокии он, вазн ва мизони шеър, мазмун ва мундаричаи ғоявии шеър.

Образнокй ва тариқи образофарй.

Хусусиятҳои жанрй ва таносуби шаклу мазмун.

Воситаҳои тасвири бадей, саъатҳои маънавй ва лафзй, образнокй.

**Ҳангоми таҳлили осори бадей кадом шеваҳои таҳлил муҳимтаранд?**

*Таҳлил аз нуқтаи назари адиб, таҳлил аз рӯи таснифи образҳо, таҳлили проблемавй. (Дар асоси масъалагузорй).

Таҳлили чузъии порчаҳои асар.

Таҳлил аз рӯи сюжет ва мазмуни он.

Таҳлили адаптационй, таҳлили пурра.

**Таҳлил аз нуқтаи назари адиб чист ва моҳияти онро шарҳ диҳед.**

*Таҳлили асар аз нуқтаи назари адиб, дар асоси дарк ва пайхас намудани афкор, эҳсос ва мақсади адиб ба панчаи таҳлил кашидани асар аст.

Таҳлил аз нуқтаи назари адиб хонандаро ба шахсияти адиб наздик мекунад.

Ин навъи таҳлил аз дидгоҳи адиб таҳлил кардани асари бадеиро тақозо мекунад.

Чавоби дуруст нест.

**Аз саволномаҳои зерин кадоме ба навъи таҳлиле аз нуқтаи назари адиб тааллуқ доранд?**

*Мақсади Фирдавсиро аз тасвири Гурдофарид дар достони “Рустам ва Сӯҳроб” муайян кунед.

Гурдофарид ва хислатҳои занонаву чавонмардонаи ӯ дар достон.

Қаҳрамонӣ ва шучоии занонро чи тавр мефаҳмед?

Гурдофарид аз нуқтаи назари шумо образи мукаммал аст?

**Ҳангоми таҳлили образҳои асари бадей кадом методи таълимӣ муфид аст?**

*Методи муқоиса ва саволу чавоб.

Методи маърӯза ва нақл.

Методи сӯҳбат ва мушоҳида.

Методи мулоқот ва “ҳучуми ақлӣ”.

**Махсусияти таҳлили асарҳои бадей аз рӯи жанр ба чӣ вобаста аст?**

*Ба табиат ва чусусиятҳои жанрии асарҳо.

Ба структура ва хусусиятҳои жанрии асар.

Ба шакл ва мазмуни асар.

Ба таркиби асар ва сжюжети он.

**Талаботҳои асосӣ ҳангоми омӯзиши асарҳои лирикӣ дар синфҳои поёнӣ.**

*Беғалат ва бурро, равон ва бо эҳсоси баланд порчаҳои шеърӣ.

Беғалат ва бурро хондани асар.

Бошуурона ва оюразнок хондани шеър.

Ҳамаи чавобҳо дурустанд.

**Талаботҳои асосӣ барои таҳлили асарҳои лирикӣ дар синфҳои болой.**

*Ҳама чавобҳо дурустанд.

Вобаста ба ҳасби ҳол ва шахсияти шоир таҳлил кардани асар ва таҳлили проблемавии шеър.

Таҳлили муқоисавии ашъори шоир бо офаридаҳои шоирони дигар.

Дар асоси образҳои бадей, хусусиятҳои наҳвӣ ва вазни шеър таҳлил кардани шеър.

**Чавҳари асосии роҳи таҳлили асарҳои бадей тибқи унсурҳои проблематикӣ аз чӣ иборат аст?**

*Масъалагузорӣ ва дарёфти чавоби он.

Дарёфти саволи проблемавӣ ва муаммой аз асарӣ бадей.

Тартиб додани саволномаҳо.

Дарёфти чавобҳо ва ба саволномаҳо.

**Саволи муаммоиро аз саволи муқаррарӣ тафовут диҳед.**

*Тараннумт мавзӯӣ ишқ дар достон ва назари шумо ба масъалаи ишқу ошиқӣ.

Мазмун ва мундаричаи ғоявии достони “Хусрав ва Ширин “ – и Низомӣ.

Хусрав ва шахсияти ӯ дар достон.

Ширин ва муносибати ӯ бо ошиқон.

**Ҳангоми таҳлили асарҳои бадей кадом чиҳатҳо ба инобат гирифта мешавад?**

*Хусусиятҳои психологию синнусолии хонанда ва хусусиятҳои жанрии асар.

Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои услуби

Ба инобат гирифтани дарачаи маҳорати эчодкор.

Ба инобат гирифтани хусусияти поэтики асар.

**Асарҳои эпикӣ аз кадом чиҳатҳо таҳлил карда мешаванд?**

*Аз рӯи хусусиятҳои жанрӣ, таснифи образҳо, хати сюжет мазмун ва мундаричаи ғоявӣ, забон ва услуби асари бадей.

Аз рӯи хати сюжет ва образҳои бадей.

Аз чиҳати хусусиятҳои жанрӣ ва сабку услуб.

Дар шакли омехта.

**Корҳои хаттӣ ва намудҳои онро гӯед.**

*Нақли хаттӣ, конспект, тезис, иқтибос, маърӯза, реферат, иншо тавсифнома.

Кори хаттӣ, кори контролӣ, маърӯза, иншо, диктант.

Кори хаттӣ, конспект, тезис, иқтибос, диктант.

Чавобҳо нодурустанд.

**Маърӯза аз рефератҳо чӣ фарқ дорад?**

*Аз лиҳози услуби навишт.

Аз чиҳати ҳачм.

Аз лиҳози мазмун ва мундарича.

Аз лиҳози забон ва сохт.

**Иншо аз рӯи шакл ва сохт ба кадом навъҳо тақсим мешавад?**

*Иншои озод ва иншои адабӣ.

Иншои адабӣ, иншои аз рӯи расм.

Иншо дар асоси мушоҳидаҳо.

Иншо дар мавзӯи алоҳида.

**Навъи иншои адабӣ-эчодиро зикр кунед.**

*Иншои чорӣ, санчишӣ, иншои чамъбастӣ.

Иншои озод, иншо дар мавзӯи алоҳида.

Иншои чорӣ ва санчишӣ.

Иншои тасвирӣ ва тафсирӣ.

**Навъи иншои озодро зикр кунед.**

*Иншо аз рӯи расм, иншо дар мавзӯи алоҳида.

Иншои адабӣ-эчодӣ, иншои мавсимӣ.

Иншои тасвирӣ ва иншои тафсилӣ.

Иншо аз рӯи расм, иншо дар асоси мавзӯи алоҳида, иншо дар асоси мушоҳидаи шахсӣ.

**Мӯҳлати тафтиши иншоҳоро дар синфҳои 5-8 нишон диҳед.**

*се рӯз.

як ҳафта.

то як ҳафта.

дах рӯз.

**Мӯҳлати тафтиши иншоҳоро дар синфҳои болой нишон диҳед.**

*се рӯз.

як ҳафта.

то як ҳафта.

дах рӯз.

**Аломатҳои шартии санчиши иншоҳо дар ҳошияи дафтари хонанда кадомҳоянд?**

*Чавобҳои 2 ва 3 дурустанд.

I – ғалатҳои имлой, V – ғалатҳои китобй, (хати мавчнок) – ғалатҳои услубй, [ ] – калима ва ибораҳои зиёдатй.

-У- партофта шудани калима ва ибораҳо, Z – нагузоштани сархат, ? – саҳеҳ набудани сархат.

Чавобҳо нодурустанд.

**Ҳачми иншоҳоро дар синфҳои поёнии мактабй муайян кунед.**

*Синфи 5 – 1-1,5 саҳ., 6 – 1,5-2 саҳ., 7 – 2-3 саҳифа.

Синфи 5 – 3-3,5 саҳ., 6 – 3,5-4 саҳ., 7 – 4-5 саҳифа.

Синфи 5 – 2,5-3,5 саҳ., 6 – 4-4,5 саҳ., 7 – 4-5 саҳифа.

Чавобҳо дурустанд.

**Ҳачми иншоҳоро дар синфҳои болой мактабй муайян кунед.**

*синфи 9 – 3-4 саҳ., 10 – 4,5 саҳ., 11 – 5 -7 саҳифа.

синфи 9 – 3-4 саҳ., 10 – 4,5 саҳ., 11 – 5 -10 саҳифа.

синфи 9 – 4-6 саҳ., 10 – 6-8 саҳ., 11 – 9 -10 саҳифа.

Чавобҳо дурустанд.

**Баҳои «5» ба кадом иншо гузошта мешавад?**

*Ба иншое гузошта мешавад, ки дар он пайдарҳамии фикр бенуқс, эҳсос ва афкору андешаи шахсии хонанда комилан ифода гардида, мавзӯъ эчодкорона таҳлил карда шудааст ва лафз мутобиқи маънй бошад.

Дар иншо аз ду зиёд хатои имлой надошта бошад, мазмуни баланд дошта бошад.

Иншо аз чиҳати мазмун ва маънй дар савияи баланд бошаду дар он ягон хатои китобатй ва имлой набошад.

Чавобҳо дурустанд.

**Навъҳои дарси адабиётро зикр кунед.**

*Дарси муқаддимавй, тарчумаи ҳолй, экскурсионй, семинарй, такрорй, чамэбастй.

Дарси амалй, семинарй, маърӯзавй ва тарчумаи ҳолй.

Дарси амалй, такрорй, чамъбастй.

Дарси тарчумаи ҳолй, назариявй, танқидй ва таърихи адабиёт.

**Дарси муқаддимавй аз фанни адабиёти точик дар кадом синфҳо гузаронида мешавад?**

*Дар синфҳои 5-9, дар оғози соли хониш.

Дар ҳамаи синфҳо, дар аввали соли хониш.

Дар синфҳои 5-9, дар мавридҳои мухталиф.

Дар синфҳои 9 -11.

**Омилҳои асосии таълим ва омӯзиши тарчумаи ҳоли эчодкоронро зикр намоед.**

*Асарҳои илмӣ, эчодиёти нависанда, асарҳои бадей.

Асарҳои илмӣ, таърихӣ ва сарчашмаҳои илмӣ – бадей.

Эпиграфҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ.

Чавобҳо нодурустанд.

**Навъҳои нақли хаттиро нишон диҳед.**

*Нақли хаттии муфассал ва мухтасар.

Нақли хаттии содда ва мураккаб.

Нақли хаттӣ дар шакли чавобнома ва саволҳо.

Нақли хаттӣ дар асоси саволнома ва нақли хаттӣ дар асоси нақша.

**Характеристика ҳамчун як навъи кори хаттӣ аз фанни адабиёт кай навишта мешавад?**

*Ҳангоми таҳлили образҳои асосии асар.

Ҳангоми омӯзиши тарчумаи ҳоли эчодкор.

Ҳангоми омӯзиши мероси адабии эчодкор.

Ҳангоми тавсифи қаҳрамони асосии асар.

**Иншоҳои чамъбастӣ ва санчишӣ кай гузаронида мешаванд?**

*Баъд аз омӯзиши асар ва эчодиёти адиб.

Дар охири чорякҳо.

Дар охири соли хониш.

Баъд аз омӯзиши мавзӯъҳои обзорӣ.

**Аз рӯи тарзи баёни фикр ва услуби нигориш иншоҳо ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд?**

*Иншоҳои чорӣ, санчишӣ ва чамъбастӣ.

Иншоҳои озод ва адабӣ.

Иншо аз рӯи расм, иншо дар мавзӯи алоҳида.

Иншоҳои тасвирӣ, нақлӣ ва муҳокимавӣ.

**Баҳои хуб ба кадом иншо гузошта мешавад?**

*Ба иншое, ки равиши сухан бонизом, тариқи баёни фикр бенуқс, аммо эҳсос ва афкори хонанда ба таври бояду шояд набошад.

Ба иншое, ки эҳсос ва эчодкории хонанда ба тарзи баланд, дар иншо нуқсҳои имлой, услубӣ, китобӣ набошад ва фикр рабту низоми муайян дошта бошад.

Ба иншое, ки аз ду зиёда хатои имлой ва китобӣ дошта бошад.

Дар иншо баъзе хатоҳои услубӣ, китобӣ ва имлой бошад, аммо мазмуни мантиқии иншо хуб бошад.

**Ба кадом иншо баҳои "миёна - қаноатбахш" гузошта мешавад?**

*Дар иншо такрори маънӣ, услуби парешон, ҳаллу фасли баъзе масъалаҳо мавчуд набошад.

Дар иншо хатоҳои китобатӣ, услубӣ ва имлоӣ аз 7 зиёд бошад.

Мазмуни хонанда мукаммал набошад, фикрҳои хонанда мукаммал набошад.

Андешаҳои хонанда пай дар пай дуруст ифода шуда бошанду аз 5 адад зиёд хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ мавчуд бошад.

**Баҳои 2 ба кадом иншо гузошта мешавад?**

*Агар дар иншо лафз мутобиқи маънӣ набошад, ғалатҳо бисёр бошанд, дар қисмҳои мухталиф фикрҳои хонанда мукаммал ифода нагардида бошанд.

Ба иншои рӯбардоршуда.

Ба иншое, ки аз 10 адад зиёда хатоҳои китобатӣ, услубӣ ва имлоӣ дорад.

Ба иншои ҳачман хурд.

**Навъҳои машғулоти беруназсинфиро зикр намоед.**

*Маҳфили адаб, хониши берун аз синфӣ, дарси экскурсионӣ, хониши мустақилона.

Конференсия, бозиҳои адабӣ,

Намоишҳои адабӣ, чашнвораҳо, шабнишинҳо.

Кор бо талабагони сустхон.

**Мавзӯъ ва масъалаҳои асосии асар дар кадом маврид муайян карда мешавад?**

*Ҳангоми омӯзишу таҳлили асар ва пас аз хонда шудани асар.

Ҳангоми хониши эзоҳӣ ва мустақилона.

Дар мавриди хониши матни асар.

Ҳангоми омӯзиши мероси адабии эчодкор.

**Мақсади асосии курси хониши эзоҳиро муайян кунед.**

*Ифоданок хондани матн, мустақилона хондани матни китоб.

Хониши ифоданок, хониши бошуурона.

Хониши ифоданок, мустақилона, бошуурона.

Хониши ифоданок, бошуурона ва бенуқсу равон.

**Мақсади асосии курси хониши адабиро муайян кунед.**

*Хониши ифоданок.

Мустақилона ва бадеҳатан хондани шеър.

Хониши адаптатсионӣ.

Ҳама декламатсионӣ.

**Курси таърихи адабиёт аз ду зинаи поёнии хониш чӣ тафовут дорад?**

*Аз чиҳати мазмуни илмӣ ва мураккабиаш.

Аз лиҳози маълумоти умумӣ доштанаш.

Аз чиҳати мавзӯи хронологиаш.

Чавобҳои хонандагон ба инобат гирифта мешавад.

**Ҳангоми тақсими соатҳо кадом ҷиҳати асари бадей ё мавзӯъ ба инобат гирифта мешавад?**

*Ҳаҷм ва мӯҳтавои мавзӯъ.

Ҳаҷм ва мундариҷаи ғоявии мавзӯъ.

Ҳаҷм ва мазмуни мавзӯъ.

Ҳаҷм ва хусусиятҳои жанрии мавзӯъ.

**Мундариҷаи асосии мавзӯъҳои монографиро муайян намоед.**

*Тарҷумаи ҳол, мероси адабӣ, таҳлили асарҳои бадей.

Марҳилаи муайяни адабиёт, мавзӯъҳои назариявии адабиёт.

Саволу супоришот, луғат, материалҳои ороишдиҳӣ.

Мавзӯъҳои обзорӣ ва соатҳои тарбиявӣ.

**Мавзӯъҳои танқиди адабӣ дар мактаби миёна кадом масъалаҳоро фаро мегирад?**

*Истифодаи мақола, гузоришот, тақризҳо ва осори илмӣ – адабӣ ҳангоми таҳлили асари бадей. Фикрҳои шахсии хонанда бобати арзиши асари бадей.

Ҳаноми омӯзиши тарҷумаи ҳоли адибон истифодаи маълумотҳои сарчашмаҳои илмӣ – таърихӣ.

Аз рӯи тадқиқотҳои олимони адабиётшинос.

**Системаи таълими мафҳумҳои адабӣ дар мактаби миёна ба кадом тартиб омӯхта мешавад?**

*Дар ҳар як дарс, новобаста ба мавзӯъ.

Дар асоси тавсияҳои муаллим.

Дар асоси хоҳиш ава талаботи хонандагон.

Дар асоси дастури таълимӣ ва тартиби мавзӯъҳо.

**Масъалаҳои назарие, ки дар курси хониши бадей синфҳои 5 – 8 омӯхта мешаванд.**

*Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

Хусусиятҳои поэтикӣ ва композитсионии асар.

Забон ва воситаҳои тасвири бадей.

Сохти шеъри тоҷикӣ. Жанрҳои адабӣ .

**Масъалаҳои асосии назарияи адабиёт, ки дар синфҳои болой омӯхта мешаванд.**

*Сабкҳои адабӣ, равияҳои адабӣ, мактабҳои адабӣ, масъалаҳои жанр ва намудҳои адабӣ.

Таномуби шакл ва мазмун, санъатҳои бадей.

Воситаҳои тасвири бадей ва қаҳрамони асар.

Забон вав хусусиятҳои услубии асарҳои бадей.

**Хониши асари эпикӣ аз хониши асари лирикӣ чӣ тафовут дорад?**

*Хониши асари эпикӣ адаптатсионӣ аст.

Хониши асари эпикӣ шавқовар аст.

Хониши асари драмавӣ шавқовар аст.

Хониши асари эпикӣ хониши бадей аст.

**Хониши асар чист?**

*Хониш - иртибот, муносибат, робитаи фардии хонанда ва адиб аст.

Мутолиаи асар аз оғоз то анчоми асар аст.

Хониши асар фаъолияти фардию мустақилонаи хонанда аст.

Хониши муфассал ва мушаххаси асар.

**Таҳлили асари бадей чист?**

*Таҳлил фаъолияти умумии муаллим ва гурӯҳи хонандагон аст.

Таҳлил фаъолияти фардию шахсии муаллим ва фикрҳои шахсии ӯ бобати асар аст.

Таҳлил фаъолияти фардии хонанда ва фикрҳои шахсии ӯ бобати асар аст.

Таҳлил аз рӯи образҳои асар.

**Принсипи ба ҳисоб гирифтани алоқаи асар бо ҳаёт чӣ маънӣ дорад?**

*Дар маркази асар қарор доштани ҳаёт ва табиати инсониро ифода мекунад.

Дар асари бадей инъикоси воқеаҳои сиёсиро ифода мекунад.

Дар асари бадей ба воситаи образҳо ифода шудани ҳаёт ва манзари ҳаёти инсониро ифода мекунад.

Дар асари бадей мавчуд будани тафаккури инсон.

**Принсипи таърихии таҳлили асари бадей чист?**

*Дар асари бадей солимии факт, санадҳои таърихӣ, таҳриф шудан ва ё нашудани воқеотр онишон медиҳад.

Дар асари бадей инъикоси воқеоти таърихиро нишон медиҳад.

Барои муайян кардани муддати навишта шудании асари бадей муҳим аст.

Чавобҳо нодурустанд.

**Принсипи муқоисавии таҳлили асари бадей аз кадом чиҳат арзиш дорад?**

*Ҳамаи чавобҳо дурустанд.

Барои муайян кардани арзиши асари бадей ва дарачаи маҳорату истеъдоди адиб.

Барои амиқан таҳлил кардани асари бадей ва “сараро аз сақат” чудо кардан.

Барои муайян кардани сарчашма ва маъхазҳои асар.

**Методи сӯҳбати эврестикӣ ҳангоми таҳлили кадом навъи асарҳои бадей муҳим аст?**

*Ҳангоми таҳлили асарҳои калонҳачм дар синфҳои болой.

Ҳангоми таҳлили асарҳои лирикии мӯҳташам дар синфҳои болой.

Ҳангоми таҳлили асарҳои драмавӣ дар синфҳои болой.

Ҳангоми омӯзиши асарҳои ҳачман хурд дар синфҳои поёнӣ.

**Аз методи лекция дар кадом ҳолат муаллими фанни адабиёт истифода мебарад?**

*Ҳангоми дастрас набудани маводи таълимӣ дар синфҳои болой.

Дар синфи болой ҳангоми калон будани маводи таълимӣ.

Дар синфҳои поёнӣ дар ҳар як дарс.

Дар синфҳои болой дар ҳар як дарс.

**Методи тадқиқотиро бо кадом роҳҳо дар дарси адабиёт истифода бурдан мумкин аст?**

*Бо услуби муқоиса тавассути саволномаҳои проблемавӣ.

Дар асоси супориши корҳои хаттӣ.

Дар асоси ташкили баҳсу мунозира.

Дар асоси мулоқот ва мушоҳида.

**Муқоисаи асарҳои бадей аз кадом чиҳатҳо судбахш аст?**

*Аз чиҳати сюжет, забон, услуб, мазмун, ғоя ва воситаҳои тасвири бадей.

Аз чиҳати мавзӯъ ва мундаричаи ғоявӣ.

Аз чиҳати ҳачм ва шакли ифода.

Дар шакли омехта.

# VI. РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


**I.Адабиёти сиёсӣ**

1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон, демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент: Ўзбекистон, 2016.
2. Мирзиёев Ш.М. Танқидий тахлил, қатъий тартиб интизом ва шахсий жавобгарлик ҳар бир рахбар фаолиятининг кундалик қоидаси бўлиши керак. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олийжаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
4. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш – юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гаровидир. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
5. Мирзиёев Ш.М. Миллий тараққиёт йўлимизни қатъият билан давом эттириб, янги босқичга кўтарамиз. 1-жилд. – Тошкент: Ўзбекистон, 2017.
6. Мирзиёев Ш.М. Халқимизнинг розилиги бизнинг фаолиятимизга берилган энг олий баҳодир. 2-жилд. – Тошкент: Ўзбекистон, 2018.
7. Каримов.И.А. Юксак маънавият-енгилмас куч. Т.: Ўзбекистон, 2008
8. Каримов.И.А. Демократик ислоҳотларни янада чуқурлаштириш ва фуқаролик жамиятини шакллантириш – мамлакатимиз тараққиётининг асосий мезонидир. 19-жилд. Т.: Ўзбекистон, 2011.
9. КаримовИ.А. Ўзбекистон мутақилликка эришиш остонасида. Т.: Ўзбекистон, - 2011.
10. Каримов И.А. Она юритимизнинг бахту иқболи ва буюк келажаги йўлида хизмат қилиш – энг олий саодатдир. Т.:Ўзбекистон, 2015.

**II. Адабиёти махсус.**

1. Воҳидов А. ва дигарон. Забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XYI. Самарқанд, 2007.
2. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс. Самарқанд. 1980.
3. Воҳидов А. Материалҳо аз таърихи забоншиносии тоҷик. –Самарқанд, 2001
4. Воҳидов А. Фарҳангнигории тоҷику форс. –Самарқанд, 2006.
5. Ниёзмуҳаммадов. Забоншиносии тоҷик. (Асарҳои мунтахаб) Душанбе, 1970.
6. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1984.
7. Зеҳнӣ Т. Чанд сухани судманд. – Душанбе, 1984.

26. Муҳаммад Ғиёсиддин «Ғиёс-ул-луғот» – Душанбе, 1987.
27. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунатхаб. Ҷилди 2, Забоншиносӣ. – Душанбе, 1982
28. Маърупов А. Олимони рус дар тадқиқи грамматикаи тоҷик.– Самарқанд, 1996
29. Ҷӯраев Ғ. Олими пуркор ва мураббии ғамхор. – Душанбе, 1992.